**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР**

**ба номи Носири Хусрав**

**ТДУ 891.550**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**Раҳматова Озодахон Анварҷоновна**

# СОХТ, МАВЗӮЪҲО ВА ПОЭТИКАИ ҚАСИДАҲОИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик

**Роҳбари илмӣ: Н.Ю. Салимӣ** академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор

**Душанбе - 2020**

# МУНДАРИҶА

Муқаддима ... 3

## БОБИ 1. ЗАМОНИ ЗИНДАГӢ ВА ҲАЁТУ ЭҶОДИЁТИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

1.1. Замони зиндагии Сайфи Исфарангӣ ... 14

1.2. Ҳаёту эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ ... 24

1.2.1. Ҳаёти Сайфи Исфарангӣ ... 24

1.2.2. Эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ ... 37

## БОБИ II. СОХТ ВА МУҲТАВОИ ҚАСИДАҲОИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

2.1. Сохти қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ... 55

2.2. Муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ... 68

а) Мамдӯҳони шоир ... 68

б) Мадҳи мамдӯҳон ... 75

в) Андешаҳои иҷтимоӣ дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ... 99

г) Тасвири табиат ва тавсифи субҳ дар тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ ... 110

## БОБИ III. МАЗМУНСОЗӢ ВА МАЪНИОФАРӢ ДАР ҚАСОИДИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

3.1. Шеъру шоирӣ аз нигоҳи Сайфӣ Исфарангӣ ва афкори адабӣ-танқидии ӯ ... 120

3.2. Шеваҳои мазмунсозӣ ва корбурди саноеи бадеӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ ... 127

Хулоса ... 151

Китобнома ... 155

# МУҚАДДИМА

**Аҳамият ва мубрамияти мавзӯъ.** Жанри қасида, ки дар адабиёти асрҳои X-XII тоҷик марҳилаи ташаккул ва таҳаввули ҳаматарафаи худро паси сар намуда буд, дар асри XIII, бахусус дар нимаи аввали он, ҳанӯз мавқеи хешро дар миёни дигар жанрҳои адабӣ маҳфуз медошт. Ин буд, ки суханварони барҷастаи ин давра асосан маҳорати эҷодии худро дар жанри қасида таҷриба менамуданд, ки дар натиҷа шуҳрат ва манзалати онҳо то ба марказҳои бузурги адабии давр мерасид. Ҳосили ҳамин таҷрибаву озмоишҳои ҳунарӣ, ки каломи ин суханварон аз ҷониби мардум самимона истиқбол ёфта, худи онҳо бар асари чунин шуҳратҳои афзуда ба дарборҳо ҷалб мешуданд. Аз ҷониби дигар, аксари шоирон барои роҳ ёфтан ба дарбори ҳокимон ҷиҳати мушарраф шудан ба силиву мукофотҳои онон василаи асосиро дар қасидасаройӣ дида, дар ситоиши амирону давлатмардони давр мадҳияҳо месуруданд. Дар охирҳои асри XII ва нимаи аввали асри XIII намояндагони фаровони адабиёти форсии тоҷикӣ, монанди Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Заҳири Форёбӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва амсоли ин бо ҳузури мунаввари хеш дар таҳаввули жанри қасида нақши муассир гузоштанд, ки дар ин миён метавон аз адиби баркамоли мовароуннаҳрӣ Сайфи Исфарангӣ низ ном бурд.

Сайфи Исфарангӣ аз зумраи адибони соҳибназари адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор меравад, ки фаъолияти эҷодияш ба замони инқирози давлати абарқудрати Салҷуқиён ва нуфузи ҳукумати муғулҳо таҳти лашкаркашиҳои Чингизхон ба Хуросону Мовароуннаҳр рост меояд. Ин замоне буд, ки на танҳо ба давлатдорӣ, ҳатто ба ҳаёти адабии ин минтақаҳо таъсири манфии худро расонидааст ва натанҳо мардум, ҳатто сарварону ҳокимони маҳаллӣ дар таҳлукаи ҷон буданд, қадри илму адабу фарҳанг оҳиста-оҳиста коҳиш меёфт. Ин аз як тараф, то ҷое ба бенизомии марказҳои адабӣ сабаб гардида бошад, аз ҷониби дигар ба мавзӯи қасида, ки аксар мадҳӣ буд, таъсир расонид ва озодии интихоби мавзӯъро ба эҷодкорон муҳайё сохт. Акнун адибон побанд ба мадҳиясарои ин ё он ҳукумрони ин ё

он минтақа набуданд, ки ин ба ҳаёти эҷодии Сайфи Исфарангӣ низ тааллуқ дорад.

Ҳаёт ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ бозгӯй он аст, ки вай дар тӯли умри худ дар дарбори ҳокимони гуногуни Мовароуннаҳр, ҳатто Хуросон, будаасту баъзан барои ба дарбор роҳ ёфтан бо қасида ба садру ҳокимони замон мурочиат мекардааст. Ин ҳама андешаҳо дар заминаи қасидаҳои шоир иброз гардид. Дуруст аст, ки шоир дар жанрҳои дигари хурди лирикӣ, монанди ғазал, қитъа, рубой ва ғ. қувваозмой намуда буд. Аммо қасида дар эҷодиёти ӯ мавқеи алоҳида дошта, беш аз ҳафтод дар сади фоизи эҷодиёти мавсуфро фаро мегирад.

Роҷеъ ба қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ва мавқеи онҳо дар адабиёти охири асри XII ва аввали асри XIII агарчи дар ишораҳои тазкираҳо, мулоҳизаҳои аҳли таҳқиқи адабиёти тоҷикии форсӣ, муҳаққиқони алоҳидаи доир ба ҳаёту эҷодиёти шоир машғулгардида, монанди Родуёнӣ дар «Тарҷимон-ул-балоға», Рашидуддини Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр», Шамс Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам…», Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро», баъдтар Шиблии Нуъмонӣ, Э. Браун, Зайнулобиддини Муътаман, Ян Рипка, Ҷалолиддин Ҳумой, Аббос Иқбол, Забеҳулло Сафо, Салим Найсорӣ, Е.Э. Бертелс, С. Айнӣ, А.Фитрат, А. Н. Болдирев, М.Н. Османов, Р.Ҳодизода, Л. Сулаймонова, А. Афсаҳов, Сируси Шамисо, У. Тоиров, С. Саъдиев, Зубайда Сиддиқӣ, У.С. Казакова ва дигарон то имрӯз дастрасанд, аммо ҳанӯз ҳам дар ин маврид кори алоҳидаи фарогири куллияи матолиб роҷеъ ба мазмунсозиву маъниофарӣ ва ҷойгоҳи қасида дар эҷодиёти шоир анҷом дода нашудааст. Ҳатто дар рисолаи адабиётшиноси тоҷик Лола Сулаймонова «Ҳаёт ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ» [10] маълумоти ниҳоят мухтасар, монанди теъдоди қасидаҳои шоир, муҳтавои умумии онҳо ва баъзе мамдӯҳони суханвар мулоҳизаҳои аввалия баён шудаасту халос.

Корҳои дар ин самт анҷомёфта нишон медиҳанд, ки ҳар кадоме асосан ба шоири қасидасаро будани Сайфи Исфарангӣ ва аз жанрҳои хурди лирикӣ, вобаста ба тақозои давру замон, бештар ба қасида рӯй овардани ӯ ишораҳое

вуҷуд доранд ва наметавон гуфт, ки дар онҳо мавзӯи мазкур ба таври ҳаматарафаю боиста ҳалли худро ёфта бошад. Барои хулосаҳои мушаххас баровардан ба сохту муҳтавои қасидаҳои шоир маҳорати эҷодии вай дар қасидасароӣ, ҳунари мазмунсозию маъниофарии адиб бо истифода аз санъатҳои бадеӣ дар ин жанр, ки беш аз дувоздаҳ аср инҷониб дар адабиётамон арзи ҳастӣ дорад, хусусиятҳои фарққунандаи қасидаҳои ӯ аз қасидасароёни пешини ин адабиёт ва ғ. диди наву нигоҳи амиқро талаб менамояд. Дар ин маврид мебояд ба замони Сайфи Исфарангӣ низ ҳаддалимкон таваҷҷуҳ равона шавад, зеро дар навбати аввал замон ва бурду бохтҳои он ба эҷодкор мавзӯъ фароҳам меоварад ва коргоҳи эҷодии ӯро мавод медиҳад.

Дар алоқамандӣ ба гуфтаҳои болоӣ барои баҳои арзишманд додан ба мавқеи қасида дар эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ қасидаҳои шоир ва махсусиятҳои онҳо зарурати ин пажӯҳишро пеш овард, ки ин ҳама таҳқиқоти махсусро тақозо менамояд.

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ.** Новобаста ба он ки дар бораи ҳаёту эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ донишмандони гузашта ва муҳаққиқони зиёди ҳозираи адабиёти тоҷикии форсӣ таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир намудаанду он зодаю парвардаи хоки Тоҷикистон аст, роҷеъ ба ӯ хонандаи тоҷик ҳанӯз маълумоти казоӣ надорад. Дар маъхазҳои адабӣ ва адабиёти илмӣ танҳо баъзе маълумотҳоро роҷеъ ба рӯзгори сипаринамуда ва маҳсули эҷодии ӯ метавон дарёфт. Зиёда аз ин, дар адабиётшиносии тоҷик дараҷаи омӯхта шудани маҳорати шоирии Сайфи Исфарангӣ, аз ҷумла, мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасидаҳои ӯ ба нудрат ба чашм мерасад.

Оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ дар сарчашма ва маъхазҳои адабӣ, монанди «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ [19], «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ [17], «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар [16], «Наштари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ [1], «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят [26], «Миръот-ул-хаёл»-и Шерхони Лудӣ [14], «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳаммад Соҳиби Фаррухободӣ [25], «Тазкираи

мутақаддимин ва салотини мусорин ва бузургони мутаваллидин»»-и Садри Зиё [8], «Қомус-ул-аълом»-и Шамсиддини Сомӣ [22] ва ғайра маълумоти ниҳоят кутоҳ ва пароканда мавҷуданд, ки баъзан аз иштибоҳҳо орӣ нестанд. Дар ҳамаи ин сарчашмаю маъхазҳо дар баробари ишораҳои шарҳиҳолӣ, албатта, дар бораи шоири қасидасаро будани ӯ ва баъзе мамдуҳонаш, аз ҷумла, шоҳ Муҳаммад Хоразмшоҳ ва вазири ӯ Низомулмулк Муҳаммад ибни Солеҳ метавон ишораҳои кутоҳ ва камарзиш дарёфт. Дар феҳристи шарқшиносон ва нусха-шиносон академик Б. Дорн [139], Шпренгер [144], Чарлз Риё [138], Перч [142], Ҳерман Эте [140], Муқтадир [141], Ибни Юсуфи Шерозӣ [134], ба ин ё он муносибате аз шоири қасидасаро будани Сайфи Исфарангӣ ва баъзе мамдӯҳони ӯ ёд шудааст. Масалан, Чарлз Риё дар заминаи қасоиди шоир аз ду мамдӯҳи ӯ; вазири Муҳаммад Хоразмшоҳ Низомулмулк Муҳаммад ибни Солеҳ ва волии Чиғатой дар Мовароуннаҳр Қутбиддин Амири Ҳабаш хабар додааст.

Баъдтар баробари таҳаввули шарқшиносӣ ва адабиётшиносӣ, вобаста ба таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ ва омӯзиши он роҷеъ ба рӯзгору осор, минҷумла ҳунари қасидасароии Сайфи Исфарангӣ Э. Браун [45, 127], Ҳ. Эте [140, 123-124], С. Айнӣ [36, 54], С. Нафисӣ [87, 93], Аббос Иқбол [62], Забеҳуллоҳи Сафо [105, 794-795], А. Фитрат [123, 17], Х. Мирзозода [76], Ш. Ҳусейнзода [131, 257], Л. Сулаймонова [114], З. Сиддиқӣ [11, 6-7], М.Л. Рейснер [98], У. С. Казакова [63], А. М. Хуросонӣ [129, 288] ва дигарон каму беш ишораҳо карда, ибрози ақида намудаанд. Дар мақолаи муҳаққиқони эронӣ Алӣ Асғари Бобосафарӣ ва Гулпар Сафарӣ таҳти унвони «Сайфи Исфарангӣ ва асарпазирии вай аз Хоқонӣ» роҷеъ ба таъсири Хоқонӣ ба қасидаҳои шоир сухан рафтааст.

Аз номбаршудагон Л. Сулаймонова ва М. Л. Рейснер бештар аз дигарон доир ба қасидаҳои шоир ва яке аз қасидасароёни маъруфи нимаи аввали асри XIII будани ӯ истода гузаштаанд. Адабиётшинос Х. Мирзозода ба мақолаи А. Фитрат баҳои дуруст дода, заҳмати ӯро дар адабиётшиносии тоҷик дар омӯзиши Сайфи Исфарангӣ сифат намояд ҳам, худ ба саҳв роҳ дода

менависад, ки «... Фитрат фикри тазкиранависонро, ки Сайфи Исфарангӣ ва Асириддини Ахсикатиро як шахс мепиндоштанд, бо далелҳои қавӣ рад кардааст» [76, 39]. Вақте ба мақолаи А. Фитрат муроҷиат шуд, маълум гардид, ки дар мақолаи ӯ ин фикр вуҷуд надорад ва дар ягон маъхаз ин ду шахсияти эҷодкор як шоир дониста нашудаанд.

Бо такя бар ҳамин мурури кутоҳ ва ишороти таҳиякунандаи китоби мазкур дар муқаддимаи он метавон изҳор дошт, ки нашри “Девон”-и комили Сайфи Исфарангӣ бар асоси матни таҳиянамудаи муҳаққиқи покистонӣ Зубайда Сиддиқӣ, ки аз ҷониби адабиётшинос ва мунаққид Субҳони Аъзамзод таҳия ва нашр гардид, воқеан иқдомест, ки ба интишори матни нисбатан мукаммали мероси адабии суханвар ба аҳли илму адаби тоҷик таъкид меварзад. Ба ибораи дигар, кори анҷомдодаи таҳиягари матни “Девон”-и Сайфи Исфарангиро метавонем ҳамчун нахустин нашри комили мероси адабии ин шоир ном бубарем, ки дар баробари ин аз чанд аҳамияти дигар низ бархурдор мебошад.

Дар навбати аввал бояд ба арзиши муҳими илмии муқаддимаи ба “Девон” нигоштаи муҳаққиқ низ ишорат намуд, ки аз ҷумлаи пажӯҳишҳои судманд дар таҳқиқи куллии рӯзгору осори Сайфи Исфарангӣ буда, аз чанд ҷиҳат қобили аҳамият мебошад. Нуктаи аввал он аст, ки муаллифи пешгуфтор кӯшидааст, ки аксари матолиби тазкираҳо ва сарчашмаҳои адабиву нигоштаҳои китобҳои таърихи адабиётро роҷеъ ба Сайфиддини Исфарангӣ фароҳам оварда, бар асоси онҳо зиндагинома, нукоти муҳими марбут ба рӯзгори суханвар, вижагиҳои ашъори ӯро шарҳу тафсир намоянд. Дар канори ин, сайри таърихии таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ ба баррасӣ ва шинохти рӯзгору осори шоир аз нигоштаҳои Абдурауфи Фитрат то имрӯз, инчунин пешинаи таҳия ва нашри осори шоир дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои форсизабон, инчунин масоили нусхашиносии осори ин адиби номвар ба таври амиқ таҳлилу баррасӣ шудаанд, ки ҳамагӣ муқаддимаи китобро ҳамчун як рисолаи хурди шарҳиҳолӣ ва фарогири баҳсҳои муҳим дар бораи нусхашиносӣ, таҳия ва таҳқиқу нашри мероси адабии шоир

муаррифӣ менамояд.

Мутолиаи муқаддимаи “Девон” ва кори тасҳеҳу таҳияи матни он баёнгари ин матлаб аст, ки Субҳони Аъзамзод ҳарчанд асосан ба матни таҳия ва нашрнамудаи муҳаққиқи покистонӣ Зубайда Сиддиқӣ такя намудааст, аммо дар мавридҳои муайян аз нусхаҳои хаттии Девони Сайфиддини Исфарангӣ, ки дар китобхонаҳои Ганҷбахши Покистон ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфузанд, низ ба кор гирифтааст.

Ба таври умум, аз корҳои зиёди хурду бузурги анҷомёфта доир ба рӯзгору осори Сайфи Исфарангӣ бармеояд, ки дар ин пажӯҳишоти анҷомёфта қасоиди шоир, ки дар эҷодиёташ ҷойгоҳи аввалиндараҷа доранду маҳорати шоирии вай тавассути онҳо муқаррар мешавад, ба таври ҷудогона мавриди пажӯҳиш надодаанд. Ҳамин нуктаи муҳим зарурати онро пеш меоварад, ки масъалаи мазмунсозӣ ва маъниофарӣ ва дигар вижагиҳои ҳунариву мавзӯии қасоиди Сайфи Исфарангӣ дар доираи баррасиҳои илмии диссертатсияи номзадии мо қарор бигирад.

**Мақсад ва ҳадафи таҳқиқ.** Мақсади омӯзишу пажӯҳиши моро масъалаҳои равшан намудани замони зиндагии Сайфи Исфарангӣ ва рӯзгору осори ӯ ва дар ин заминаи боэътимод нишон додани мавқеи қасида дар эҷодиёти шоир, сохту муҳтавои қасоиди вай, ҳунари шоирии мавсуф дар мазмунсозию маъниофарӣ дар жанри қасида ба вуҷуд овардааст. Бо назардошти фарогирии масъалаҳои ёдшуда тадқиқу таҳқиқи махсусиятҳои адабию бадеӣ ва эстетикии қасидаҳои шоир аз муҳимтарин ҳадафи диссертатсия аст. Бо ба ҳисоб гирифтани маводи таҳқиқ барои расидан ба ҳадаф навиштани диссертатсияро метавон бо қарори зайл ҳаллу фасл намуд:

- баррасӣ ва таснифу барқарор намудани давраҳои ҳаёту эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ дар асоси авзои сиёсӣ ва фарҳангии замони шоир;

- таҳқиқи ҳунари шоирии Сайфи Исфарангӣ дар заминаи осори хурди ӯ, монанди ғазал, қитъа, тарҷеъбанд ва рубоӣ;

- пажӯҳише дар таъини мавқеи қасида дар эҷодиёти шоир ва ҷойгоҳи Сайфи Исфарангӣ дар таҳаввули жанри қасида дар адабиёти тоҷик;

-муайян намудани сохт ва муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ, таҳқиқ дар ҳунари шоирии ӯ дар таъмин сохтори муайян, оҳангнокӣ, истифодаи бамавриди вазн, қофия радиф дар қасида;

- таҳлилу баррасии мавзӯҳои мадҳу ситоиш, шикоят аз замон, ҳасби ҳоли эҷодкор ва аҳамияти таърихӣ дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ;

- назаре ба таъсирпазирии шоир аз қасидасароёни пешин ва ҳунари суханварии ӯ дар эҷоди қасида;

- таҳлилу баррасии андешаҳои Сайфи Исфарангӣ дар бораи шеъру шоирӣ ва афкори адабӣ-танқидии ӯ;

- баррасии шеваҳои хоси мазмунсозӣ ва маъниофарии шоир дар қасоиди ӯ ва корбурди ҳунарваронаи саноеъи бадеӣ дар ҷараёни маъниофарӣ;

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқи диссертатсияи моро матни илмии омодакардаи Зубайда Сиддиқӣ «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ, ки дар Покистон ба табъ расидааст, ташкил медиҳад. Дар баробари истифодаи ҳамаҷонибаи матни мазкур муаллифи диссертатсия барои беҳтар шудани матнҳои мавриди истифода аз нусхаи қаламии рақами 59 Ганҷинаи дастхатҳои ба номи академик А. Мирзоеви Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Мунтахаби ашъор»-и Сайфи Исфарангӣ, ки тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Лола Сулаймонова аст, истифода намудааст. Ҳамчунин, дар вақти навиштани диссертатсия дар даст ҷилди севуми «Гулшани адаб», ки дар таҳияи Камол Айнӣ, Аълохон Афсаҳзод ва Ҷобулқои Додалишоҳ, ки соли 1975 дар нашриёти «Ирфон» ба табъ расидааст ва тазкираи «Шоирони Мовароуннаҳр» [29] дар таҳияву тадвини адабиётшинос Алии Муҳаммадии Хуросонӣ қарор доштанд.

**Мавзӯъ ва матлаби таҳқиқ** иборат аз равшан намудани рӯзгору осори Сайфи Исфарангӣ ва дар ин замина таҳлил намудани қасоиди шоир, нишон додани маҳорати ӯ дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар ин жанри бадеӣ мебошад.

**Заминаҳои методологии таҳқиқ**. Асосҳои назариявию амалии кори мазкур бар пояи усули муқоисавӣ-таърихӣ дар адабиётшиносӣ қарор дорад.

Ҳамзамон дар ҷараёни таълифи диссертатсия аз тазкираҳо, маъхазҳои зиёди фарҳангӣ, аз усулҳои таҳқиқоти адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ, монанди Бадеуззамони Фурӯзонфар, Ҳерман Эте, Эдвард Браун, Е.Э. Бертельс, Забеҳуллоҳи Сафо, Ян Рипка, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Аълохон Афсаҳзод, Худоӣ Шарифов, Абӯбакр Зуҳуриддинов, Абдунабӣ Сатторзода, Мирзо Муллоаҳмадов, Носирҷон Салимӣ, Искандар Икромов, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва дигарон истифода шудааст.

**Навовариҳои илмии диссертатсия**. Дар таърихи адабиётшиносии тоҷику форс мавзӯи мадди назар бори аввал ҳадафи мушаххас ва ҳамаҷонибаи тадқиқот қарор дорад. Дар диссертатсияи мазкур дар иртиботи матраҳ намудани замони зиндагӣ ва рӯзгору осори бамеросмондаи Сайфи Исфарангӣ, теъдоди қасоиди шоир, маҳорат ва ҳунари ӯ дар қасидасароӣ ва мазмунсозию маъниофарӣ дар онҳо баррасӣ мегардад. Барои ба қасоиди шоир баҳои мушаххаси илмӣ додан бори аввал аст, ки ба ҷараёни сиёсию иҷтимоии замони ӯ дар иртибот ба ҳаёти сипаринамудаи мавсуф андешаронӣ шудааст. Зеро Сайфи Исфарангӣ дар як замони пурталотуми ивазшавии сиёсатҳо дар охири асри XII ва аввали асри XIII умр ба сар бурда буд. Ин, албатта, ба эҷодиёти адиб умуман ва ба қасоиди ӯ махсусан, бетаъсир набуд. Ғайр аз ин Сайфи Исфарангӣ замоне чун шоири қасидасаро маъруфият пайдо карда буд, ки ин жанри бадеии адабиёти тоҷикии форсӣ авҷи тараққиёти худро дар намунаи қасоиди Масъуди Саъди Салмон, Анварии Абевардӣ, Заҳири Форёбӣ, Хоқонии Шарвонӣ ва дигарон пушти сар карда буд. Дар диссертатсия, аз ҳамин нигоҳ, бори аввал аст, ки ба сохту муҳтаво, хусусиятҳои умда ва фарққунандаи қасоиди шоир, маҳорати мазмунсозию маъниофарии эҷодкор диққати амиқу фарогир равона карда шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқи қасоиди шоир маълум гардид, ки Сайфи Исфарангӣ дар сохт ва мазмуну муҳтавои қасида навгониҳое дорад. Бахусус, истифодаи вазн, қофия ва радиф дар сохти қасида ба маъниофарии ин навъи шеърии шоир таъсири амиқ доранд ва забони эҷодии ӯро ғанитар гардонидаанд, ки дар кор

аз ин боб ба таври муфассал сухан рафтаасту аз навгониҳои диссертатсия дониста мешавад.

**Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия.** Диссертатсия барои ҳар чӣ бештар равшанӣ андохтан ба масоили камомӯхтаи адабиёти классикии тоҷикии форсӣ, бахусус, таҳаввули жанри қасида, дар мисоли қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ, дар ин адабиёт кӯмак карда метавонад. Ҳамчунон, ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ барои мактабиён ва донишҷӯён, доираи васеи муҳаққиқони ин адабиёт ва бахши қасидасароии он аз маводи диссертатсия метавон истифода кард. Гузашта аз ин, арзиши назарӣ ва амалии корро дар он мебинем, ки диссертатсия дар тадқиқу таҳқиқи бевоситаи мукаммали адабиёти нимаи аввали асри XIII, барқарор намудани рӯзгори сипаришудаи Сайфи Исфарангӣ, таълифи корҳои курсӣ ва дипломӣ дар макотиби олӣ, курсҳои махсуси омӯзишӣ дар шинохти ҳамаҷонибаи ҳаёту эҷодиёти шоир, бахусус қасоиди ӯ, ки дар эҷодиёташ мақоми аввалиндараҷа доранд, метавонад хидмат кунад.

Мурочиат намудан ба ин паҳлуи наомӯхтаи эҷодиёти адиб дар марҳалаи ҳозира низ дорои аҳамияти назаррас буда, дар тарбияи ахлоқи ҳамидаи одамон ва баланд бардоштани диди зебоишиносии онҳо нақши муҳимму алоҳида мебозад.

**Меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшуда:**

- таҳлилу баррасии иҷмоли авзои сиёсию фарҳанги замон имконият медиҳад, ки муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгори сипаришуда ва мероси адабии то ба мо расидаи Сайфи Исфарангӣ мушаххас гардад. Харчанд аксари муҳаққиқон бар ин назар буданд, ки то кунун аз мероси насрии шоир чизе боқӣ намондааст, аммо ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳои охир собит намуданд, ки алҳол намунаҳое аз насри таълифии шоир то замони мо расидаанд, ки дар диссертатсия ду нусхаи он муаррифӣ гардидааст:

- баррасӣ ва таҳқиқ дар заминаи теъдод ва мавқеи қасида дар эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ ва маҳорати шоирии ӯ дар эҷод ва таҳаввули ин жанри бадеӣ, дар баробари қасидасароёни замонаш муқаррар месозад, ки воқеан бо

он ки мероси шоир аз дигар намунаҳои шеърӣ низ саршор аст, аммо мақом ва ҷойгоҳи вай дар қасидасароӣ қобили таъкид аст;

- пажӯҳише дар таҳлили мундариҷа ва муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ муқаррар менамояд, ки шоир асосан дар қасоиди хеш мавзӯъҳои мадҳу ситоиш, шарҳи ҳоли эҷодкор, фахрияҳо, шикоят аз замон ва аҳли он, тасвири манзараҳои табиат ва ғайраро ҷой додааст, ки ҳамагӣ маҳорати мазмунсозию маъниофарии шоирро муайян менамоянд;

- таъсирпазирии эҷодкор аз қасидасароёни пешини адабиёти тоҷикии форсӣ ва маҳорати шоир дар истифодаи вазну қофияю радиф дар сурудани қасида, симоофарии ӯ дар ин жанри бадеӣ низ барои бозтоби мақоми ҳунарии шоир нақши муассир доранд;

- таҳлилу баррасии афкори адабӣ-танқидии шоир ва мулоҳизоти вай дар бораи шеъру шоирӣ, ки маҷмӯан мақоми ҳунарии худи ӯро дар миёни ҳамзамононаш ҳамчун шоири қасидасаро муқаррар месозад, ...:

- сабки баёни қасидаҳои шоир ва истифодаи санъатҳои бадеӣ дар онҳо дар алоқамандӣ ба мавзӯи ин ё он қасида, ки диди шоиронаи эҷодкорро равшан нишон медиҳанд, пеш аз ҳама пайванд ба ҷойгоҳи хосаи шоир дар таҳаввули қасида дар адабиёти тоҷик доранд.

**Апробатсияи диссертатсия.** Диссертатсия мавриди таҳқиқ дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрави шаҳри Бохтар (аз 25 июни соли 2019, суратҷаласаи № 11) ва дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи Давлатии омӯзгории Тоҷикистон (аз 25 июни соли 2019, суратҷаласаи № ) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Қисматҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои унвонҷӯ дар мақолаҳои интишордодаи ӯ, ки теъдодашон дар охири фишурдаи диссертатсия нишон дода шудааст ва суханронию гузоришҳои ӯ дар конференсияҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ таҷассум ёфтаанд. Аз ҷумла, се мақолаи унвонҷӯ дар нашрияҳои ба рӯйхати ВАК-и Федератсияи Русия шомилбуда интишор гардидаанд.

**Сохт ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб (ҳафт зербоб), хулоса ва китобнома иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 174 саҳифаи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ЗАМОНИ ЗИНДАГӢ ВА ҲАЁТУ ЭҶОДИЁТИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

## 1.1. Замони зиндагии Сайфи Исфарангӣ

Даврони зиндагонии Сайфи Исфарангӣ, ки ба охирҳои асри XII ва нимаи аввали асри XIII мувофиқ меояд, яке аз давраҳои пуртаҳлука, бесарусомонӣ, аз даст ба даст гузаштанҳои ҳукмрониҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон мебошад.

Дар нимаи дувуми асри XII ва ибтидои асри XIII давраи болоравӣ ва устуворшавии давлати Ғуриён ба шумор рафта, дар ин муддат ба ҳудуди ин давлат Хуросону Афғонистон, Синду Панҷоб, Кашмиру Вахшонзамин, Вахону Шуғнон, Хатлону Чағониён ва қисме аз Сурхандарёю Қашқадарёи имрӯза шомил мешуданд. Дар охири асри XII, дар замони ҳукмронии Султон Текеш Аловиддин (1163-1203) давлати Ғуриён ба ҳуҷумҳои пай дар пайи Хоразмшоҳиён дучор гардида, баъди марги Шаҳобуддини Ғурӣ (1206) пурра аз пой меафтад ва кулли он манотиқро Муҳаммад Хоразмишоҳ, ки яке аз мамдӯҳони адибони қасидасарои он давра, минҷумла, Сайфи Исфарангӣ буд, ба мулки хеш ҳамроҳ менамояд. Таназзули давлати Ғуриёнро, ки дувумин давлати мустақили тоҷикон баъди давлати Сомониён дониста мешавад, дар он мебинем, ки «он ҳарчанд мустақил буд, аммо иқтисодиёти худро дар нисбати дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна ба дараҷаи тараққиёти замон баланд бардошта натавонист» [84, 218].

Дар он замон таҳлили мухтасари сиёсии давлатҳои туркӣ баёнгари онанд, ки эшон дар зиддияту хусумати байниҳамдигарӣ заиф гашта, дар нимаи дувуми асри XII ба тараққиёти ҳамаҷонибаи Хоразм роҳ ҳамвор намуданд. В.В. Бартольд, Б. Ғафуров, Н. Неъматов, А. Мухторов, А. Раҳматуллоев, Н. Амиршоҳӣ ва чанде дигар аз муҳаққиқони индавринаи

таърихи халқи тоҷик бар онанд, ки тараққиёти бемайлон назарраси Хоразм баъди ғалабаи Қарохитоиҳо бар Салчуқиён дар соли 1141 хеле назаррас буд. Задухӯрдҳои давлатҳои ҳамҷавор шароит фароҳам меоварinternal, ки Хоразм аз суст шудани давлатҳои пештар овозадор истифода карда, аз ҳар ҷиҳат рӯ ба тараққӣ ниҳад. Тавре муаррихи маъруф Бобоҷон Ғафуров менависад: «Дар соли 2003 Султон Муҳаммад бо пуштбонии Қарахитоиҳо Хуросонро тамоман ба даст даровард. Вай Ҳирот ва гирду атрофи онро низ ба худ тобеъ намуда, дар соли 1207 ба пойтахти худ баргашт» [48, 552-553]. Муҳаммад Хоразмшоҳ баъди Хуросонро ба тасарруфи худ даровардан, дар андешаи мутеъ намудани Мовароуннаҳр ва нобуд сохтани ҳукумронии қарохитоиҳои ин минтақаи пур аз сарват афтод ва бо баҳонаи фурӯ нишондани шӯриши садрҳои Бухоро рӯ ба Мовароуннаҳр лашкар кашида, аз пайи тасарруфи он шуд.

Сабаб дар он буд, ки дар Бухоро мавқеъ ва ҷойи диндорон бениҳоят мустаҳкам шуда, онҳо ҳатто ба корҳои давлатӣ ва фармонравоӣ даст мезаданд. Таърихнависон, аз ҷумла, А. Мухторов ва А. Раҳматуллоев менависанд, ки «Ҳамроҳ шудан ба корҳои давлатӣ ба ҷое овард, ки садрҳои Бухоро барои якҷоя идора кардани давлату дин ҳуқуқ пайдо намуданд. Яке аз онҳо хонадони Бурҳониддин буд, ки сулолаи махсусро ба вуҷуд овард. Онҳо таҳти унвони «Садри ҷаҳон» Бухороро идора мекарданд» [84, 221]: Ҳатто Забеҳулллоҳи Сафо аз тарафи Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки баъди ғалабаҳои пай дар паяш ӯро «Искандари Сонӣ» ва «Султон Санҷар» менавиштанд, кушта шудани садри Бухоро Бурҳониддин ва писарони ӯро ёдрас шуда менависад, ки бозмондагони Оли Бурҳон то нимаи асри XIII дар Бухоро ба раёсати ҳанафиён будаанду Сайфи Исфарангӣ дар қасидае набераи Садр Бурҳониддинро мадҳ гуфтааст [105, 795, 796].

Садрҳо аз номи дини мубини ислом бо ҳар роҳу василае ҳамаи табақаи ҷомеаро ғорат мекарданд ва бар дороии худ дороӣ меафзуданд. Онҳо миқдори зиёди заминҳои вақфро сарфи маишати худ намуда, андози заминҳои зироатии гирду атрофи Бухороро аз худ менамуданд, молиёти

ҳунармандону тоҷирон ба ҷайби онҳо мерехт. Давлату дороии садрҳо дар он вақт гӯё ҳисоб надошт. «Боигарии садрҳоро танҳо дар мисоли Муҳаммад ибни Аҳмад дидан мумкин аст, ки ҳангоми ба Макка сафар карданаш барои таъминоти роҳ 100 шутур бор ҳамроҳ бурд. Ба вай ба ҷои лақаби «Садри ҷаҳон» лақаби «Садри ҷаҳаннам»-ро доданд» [84, 221]. Дар Бухоро ба ин тоифа аҳолӣ бо чашми нафрат менигаристанд, бар муқобилашон шӯришу исёнҳо мебардоштанд. Соли 1206 аҳолии шаҳри Бухоро бар зидди садрҳо бархоста, онҳоро ба вазъи ниҳоят ногувор гузоштанд ва ҳатто молу мулкашонро тороҷ намуда, худашонро аз шаҳр ронданд. Ба ин шӯриш Малик Санҷари сипарсоз роҳбарӣ мекард. Садрҳои рондашудаи Бухоро, ки худро намояндагони олимартабаи ислом мешумориданду имкониятҳои зиёди молӣ ва ҳукмрониро аз даст дода буданд, барои кӯмак рӯ ба қарохитоиҳо меоранд. «Дар чунин вазъият Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки барои аз қарохитоиҳо гирифтани Мовароуннаҳр фурсат меҷуст, воқеаи Бухороро барои иҷрои нақшаҳои худ мавқеи мусоид дарёфта, бо қувваи бузурги ҳарбӣ ба сӯи Бухоро ҳаракат намуд» [48, 554]. Соли 1207 Муҳаммад Хоразмшоҳ пеш аз расидани қарохитоиҳо Бухороро забт намуда, ба садрҳои шаҳр имконият дод, ки ҳокимияти худро барқарор намоянд ва ба тобеияти Хоразмшоҳ дароянд.

Муҳаммад Хоразмшоҳ баъди ба даст овардани Бухоро барои ҳамкорӣ бо ҳокими Самарқанд Усмон ибни Иброҳим бар зидди қарохитоиҳо иттиҳод баста бошад ҳам, муносибати ӯ бо Қарахониёнро метавон шартан ин тавр ба се марҳила тақсим намуд: нахуст муносибати мутафиқона, дуюм муносибати тобеият ва сеюм аз байн бардоштан ва нобуд намудани ҳокимони қарахонӣ дар Самарқанду Фарғона, ки дар ин боб дар китобҳои муаррихон В.В.Бартолд, Б.Ғафуров, А.Мухторов ва А.Раҳматуллоев [42, 420-435; 48, 3-557; 84, 21-223] ба таври муфассал сухан рафтааст. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки яке аз сабабҳои муваффақият пайдо кардани Муҳаммад Хоразмшоҳ дар Мовароуннаҳр мавриди ҳуҷуми қабилаи найманҳои муғул қарор гирифтани давлати қарохитоӣ буд. Дигар ин ки бо омадани Муҳаммад Хоразмшоҳ ба Мовароуннаҳр ва фатҳи он мардум ба ояндаи хуб бовар

кунонида шуданд, зеро соли 1207 вай Бухороро ишғол намуда ба аскарони худ амр дода буд, ки ба аҳолӣ ҳеҷ гуна ҷавру зулмро раво набинанд. Вай ҳатто сардори шӯришчиёни Бухоро Малик Санҷарро, ки бар зидди бадрҳо ва гӯрхони қарахитоӣ сар бардошта буд, бо худ ба Урганҷ бурда, ба базмҳои дарборӣ ҳам даъват мекард. Вале ин як сохтакорие беш набуд, чунки бо фармони шоҳ баъдтар Малик Санҷарро ба дарёи Ому ғарқ намуда куштанд.

Ниҳоят, дар аввали асри XIII сарзамини бузурги Хуросону Мовароуннаҳр дар зери ҳукмронии хонадони Хоразмшоҳиён қарор гирифта буд. Ба қавли муаллифони «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV» [33, 241] шуҳрату ҳашамати зоҳирӣ ва вусъати сарзамини ин хонадон ҳар қадар бузургу пуршукуҳ гардида бошад ҳам, бунёди сиёсию иқтисодӣ ва тартиби идораи давлатӣ ба ҳамон андоза сусту заиф ва бесарусомон гардида буд. Ҳамин аст, ки натанҳо аҳолии заҳматкаш, ҳунармандону косибон, ҳатто феодалону ҳокимони маҳаллӣ ва амирони минтақаҳо барои халосӣ аз Хоразмшоҳиён мавриди муносиб меҷустанд. Зиёда аз ин бештари лашкаркашони Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки аз қипчоқиён буданд, дар паноҳи идораи модари Султон Алоуддин Муҳаммад Хоразмшоҳ (солҳои ҳокимияташ 1200-1220) - Туркондхотун нисбат ба Султони вақт дар дил хусумат мепарвариданд ва ба фитнаю дасисаҳои дарбории ин зан ҳамроҳӣ мекарданд, вале шоҳ инро намефаҳмид. Вазъи берунии ин давлатро низ хатар таҳдид мекард. Ин хавфи ҳамлаи урдуҳои Чингизхон, ки дар Муғулистон империяи бузурги пурқувватро ташкил карда буд, ба сӯи Хоразм мебошад. Дуруст аст, ки аввал қарохитоиҳо қурбони ҳамлаи нерӯи тавонои Чингизхон гардиданд. Бояд гуфт, ки Муҳаммад Хоразмшоҳ ин хавфи бузургро фаҳмида натавонист ва давлати паҳноюмуқтадираш, ба сабаби зиёд шудани душманҳои дохилию хориҷӣ, ноаён рӯ ба инқироз мениҳод.

Зиддиятҳои дохили дарбор ба пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ такони азими манфӣ расонд. Ин ҳолат давлатро ба дараҷае овард, ки ҳатто бекигариҳо аз итоат намудан ба ҳукумати Хоразмшоҳ саркашӣ менамуданд. Садрҳо то ҷое фаъолияти

манфиатҷӯёнаи худро идома медоданд. Андозҳои фармуда дар вақташ ба хазина ворид намегардид. Илова бар ин бояд таъкид кард, ки пешгузаштагони ҳукмрони Мовароуннаҳру Хуросони Муҳаммад Хоразмшоҳ барои тобеъ намудани минтақаҳо кӯшида бошанд ҳам, вале тамоми мулки қарохитоиҳоро, аз ҷумла, охирин намояндаи ин хонадон Кучлукро, ки душмани асосиашон буд, аз миён набардошта буданд. Ин бар зиёни Муҳаммад Хоразмшоҳ тамом шуд, зеро дар вақти ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна вай заминҳои водии Фарғонаро то сарҳади Чирчиқу Анис ба фоидаи Кучлук гузошт. Аз як тараф боқимондаҳои қарохитоиҳо ва аз ҷониби дигар сарҳади Муҳаммад Хоразмшоҳро зери назорат, барои ҳуҷуми оянда гирифтани муғулҳо давлатро зери хатар гузошта буд. Аз тарафи Хоразмшоҳиён пахш намудани шӯриши соли 1207 дар Бухоро ва шӯриши соли 1211 дар Самарқанд норозигии суккони ин шаҳрҳоро ба ҳокимони ҷоҳилу золимашон низ зиёд карда, қувваи дохилии Муҳаммад Хоразмшоҳро ҳар чӣ бештар аз пештар суст мекард.

Ҷосусони Чингизхон пеш аз ҳуҷум ба Моварооуннаҳру Хоразм Чингизхонро аз ихтилофоти сиёсию иқтисодии дохили мамлакати Муҳаммад Хоразмшоҳ огоҳ намуда буданд. Ҳодисаҳои соли 1218 дар сарҳади Утрор кушта шудани корвони сафироне, ки Чингизхон гӯё ба хотири сулҳу осоиштагӣ фиристода буд, баҳонаи хуби ҳуҷуми лашкари Чингизхон ба Хоразмшоҳ гардид. Ин ҳодисаро муаррихон А. Мухторов ва А.Раҳматуллоев чунин ба қалам доданд: «Ӯ (яъне, Чингизхон-Р.О) ба воситаи тоҷирон-ҷосусон дар бораи мунокишаҳои дохилӣ маълумоти зиёде ба даст овард. Сипас барои пурра шинос шудан бо воқеаҳои охирин Чингизхон баҳори соли 1218 ба Хоразм корвони калони тоҷирони хешро фиристод. Корвон иборат аз 500 уштур бор ва 450 нафар тоҷир ба шаҳри Утрор расид. Ҳокими Утрор Иналчиқ дар бораи омадани корвон ба Муҳаммад дарак дод. Бо амри подшоҳ корвонро талаву тороҷ карда, тоҷиронро ба қатл расониданд. Танҳо як нафар корвонбошӣ ҷони худро халос намуда, ба Муғулистон гурехт ва ҳодисаҳоро ба Чингизхон нақл кард. Аз рафтори ваҳшиёнаи Муҳаммад Чингизхон ба

хашму ғазаб омада, ба Хоразм сафири худро фиристод. Аммо Муҳаммад талаби сафирро иҷро накарда, ӯро қатл намуда, ришу бурути ҳамсафаронашро тарошида зиндонӣ кард [84, 256]. Магар ин ҳама ба Чингизхон асар карда буд, ки вай бармаҳал ҳуҷуми худро ба Осиёи Миёна шурӯъ намуд.

Чингизхон тобистони соли 1219 аз тарафи Иртиш ба Осиёи Миёна лашкар кашида, тирамоҳи ҳамон сол бо армияи 200 000 нафара ба Мовароуннаҳр зада даромад.

Барои бобарор гузаштани зарба Чингизхон пеш аз ҳама аз фарзандони лашкаркаши худ Ҷӯҳӣ, Чаҳотой ва Ӯҷтатой кор гирифта, онҳоро барои зарба задан ба шаҳрҳои калони соҳилҳои дарёи Сир равона намуд ва худ ба ҷониби Бухоро лашкар кашид. Соли 1220 урдуи бешумори муғул Бухороро забт ва моҳи марти ҳамин сол шаҳри Самарқандро ба тасарруфи худ даровард. Бо аз даст додани ин ду шаҳри бузурги Мовароуннаҳр қувваи ҳарбӣ-сиёсии заифшудаи Муҳаммад Хоразмшоҳ рӯ ба парокандагӣ ниҳод. Дар ин миён аҳолии шаҳри Хуҷанд ба муқобили қӯшунҳои Ҷӯҳӣ истодагарӣ карда, бо сардории Темурмалик муддате шаҳрро ҳимоя намуда бошанд ҳам, ниҳоят мағлуб гардиданд [35, 141-218] . Соли 1220 қисматҳои шарқӣ ва марказии Мовароуннаҳр ба тобеияти истилогарони муғул гузашт. Акнун Муҳаммад Хоразмшоҳ ба қувваи тавонои чингизиён тоб оварда наметавонист. Аз ин рӯ, роҳи халосиро дар фирор аз Урганҷ дониста, рӯ ба ҷазираи баҳри Каспий меорад ва дар ҳамон ҷо аз дунё дармегузарад. Бо ҳамлаҳои пай дар пайи худ Чингизхон охирин намояндаи ҷоннисори хоразмшоҳӣ Ҷалолуддини Мангубердиро, ки солҳои дароз дар Хуросону Озарбойҷон ба муқобилаш истодагарӣ мекард, торумор ва соли 1234 дар кӯҳҳои Курдистон ба қатл расонид. Шаҳрҳо ва марказҳои зиёди Мовароуннаҳр ба хок яксон карда шуданд.

Урдуи муғулҳоро оромие набуд. Онҳо рӯ ба Эрон ва Осиёи Хурд ниҳода, дар оғози солҳои 40-уми асри XIII ба мулки салҷуқиёни Рум, ки дар сарзамини имрӯзаи Туркия ҳукмронӣ мекарданд (1055-1307), даромада, он

минтақаро зери ҳуҷуми худ қарор доданд. Соли 1243 ҳокими салҷуқиёни Рум Ғиёсиддин Кайқубодӣ II аз дасти Қӯсадоғи муғул шикасти сахт хӯрда, бо муғулҳо сулҳ мебандад ва бо шарти хироҷгузорӣ мулки худро аз тороҷи эшон раҳоӣ мебахшад. «Ба ҳамин тариқ, дар нимаи аввали асри XIII Хуросон, Сиистон, Мозандарон, Ироқи Аҷам ва Озарбойҷон дар зери тасарруфи муғулҳо гузашт» [44, 243].

Танҳо дар ҷануби Эрон сулолаҳои зиёди маҳаллӣ, монанди атобакони салҷуқӣ (1146-1265) дар Шероз, мулки Шубонкора (1057-1355), Қарохитоиён (1227-1304) дар Кирмон, мулки Курт (1246-1381) бо ҳар роҳе аз ҳуҷуми муғулҳо эмин монда буданд. Дар Эрон бошад, то соли 1334 авлоди охири элхониёни муғул зиндагӣ ва аз салҷуқиёни турк хироҷ меситониданд.

Дар тамоми ин ҷангҳо, бахусус дар Мовароуннаҳр, қатлу ғоратҳои муғулҳоро ҳадду канор набуд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки Муҳаммад Хоразмшоҳ ба осонӣ ба Чингизхон сар нафаровард. Мусташриқи варзида И.П.Петрушевский аз забони муаррихи Чин Юань-чаб-би-ши, ки вай ҳам аз забони бародархонди Чингизхон Ҷомуха истинод меорад, менависад, ки Чингизхон чаҳор сагро бо гӯшти одамӣ парво карда, ба занҷирҳои оҳанӣ баста монда буд. Ин сагҳо дар вақти ҷанг гӯшти одамӣ мехӯранд ва барои худ захира мекарданд. Акнун ин сагҳо занҷирҳо кандаанд ва ба чаҳор тараф медаванд. Ин сагҳо Жебе ва Хубилай, Желли ва Субитай (сарлашкорони Чингиз) мебошанд. Худи Чингизхон ҳам боре дар пеши хидматгузорони худ аз ин рафтори ноодамгароёнааш лоф зада гуфтааст, ки бо ҳамин роҳ шуҳрати ҷовидона хоҳад ёфт [91, 34-35].

Дар ин муддат, то нимаи аввали асри XIII, ки ба замони зиндагии Сайфи Исфарангии адибу донишманд ва ҳамқаламони ӯ рост меояд, Мовароуннаҳр дар чӣ ҳолат буд? Дар охири асри XII ва асри XIII марказҳои фарҳангӣ ва адабию илмии дар замонҳои Сомониён ба камол расида харобу холӣ шуданд. Чингизиён баробари ба Бухоро даромадан шаҳрро тороҷ ва мардумро бехонумон намуда, дар мадрасаю масҷидҳо лашкари муғулро ҷой медоданд. Назар ба қавли соҳиби «Ҷомеъ-ут-таворих» Рашидуддин, муғулҳо сандуқҳои

пур аз китобҳои дастхатро холӣ карда ба аспҳои худ охур сохтанд, дар масҷидҳо базм барпо карда, мутрибу раққосаҳоро ба нағма меандохтанд, олимони номдор ва шайхони бонуфузро ба нигаҳбонии аспҳо мефармуданд [33, 245] . Ғорату бетартибӣ дар шаҳр сӯхторҳоро ба амал меовард. Муаррих Мирхонд бошад, ин ваҳшониятро чунин тасвир кардааст:

«Чингизхон фармуд то оташ ба шаҳр заданд ва чун бештари маҳаллот аз чӯб буд, ба як рӯз сӯхта шуд ва масҷиди ҷомеъ ва баъзе хонаҳо, ки аз хишти пухта буд, боқӣ монд:

Ба шаҳр андарун як сипоҳӣ намонд,

Ба ҷуз дуд аз эшон сиёҳӣ намонд.

Яке аз бухориён баъд аз он воқеа ба Хуросон омад, аз вай пурсиданд, ки ҳоли шумо ба куҷо расид? Гуфт: - Омаданду канданду сӯхтанду куштанду бурданд…. Бухоро муддате вайрон буд» [15, 112-113].

Дар шаҳри Самарқанд бошад, марказҳои илму фарҳанг хароб гардида буд. Дар шаҳр аз 100 000 хонавода танҳо 25 000 хонавода монда буду халос. Муғулҳо беш аз 30 000 ҳунармандони гуногунсоҳаи ин шаҳри бузургро ҳамчун асир ба маркази давлати худ бурдаанд. Шаҳри қадимтарини Осиёи Миёна- Марв борҳо ба шиканҷаи муғулҳо қарор гирифта, танҳо дар соли 1221 ба қавле 700 000 ва ба тахмине 1 300 000 нафар аҳолӣ ба қатл расонида шудаанд. Шаҳрҳои дигари Мовароун -наҳр низ ҳамин аҳволи ҳузнангезро доштанд. Шамс Қайси Розӣ, аз донишмандони он замон, он ҳама нобасомониҳои ба сари мардуми Мовароуннаҳру Хуросон омадаро бо чашми сар дида, аз ҷумла навишта буд: «Баъзе аз эшон (яъне, саркардагони муғул-Р.О ) ба як ракъат ( ҷунбиш) аз канори Ҷайҳун то дари Исфаҳон, балки то акосии (канорҳои) Абхазу Аррон битохтанд ва ҳама раҳ аз шахси (ҷасади) куштагон тилолу (тӯдаҳои хоку регу) ҷизоб (пуштаҳо) сохт ва тоифае аз ҷумлаи билоди Хоразму Хуросон ҷуз русуми (нишону) итлол (ҷои хароб) қоим (боқӣ) нагузоштанд. Вай аз сокинони он ду вилояти биҳиштосо ҷуз муште атфолу (кӯдакону) аврот (занҳо) ва баъзе аз санноъу (косибону) муҳтариф (ҳунармандон), ки дар рибқаи (ҳалқаи) асор (ресмон) бар якдигар

зиндабахш карда буданд ва ба расми абид (ғуломон) таҳниятро ба маъоҳиди (зодгоҳи) хеш фиристода, зинда раҳо накарданд ва одияи (ситами) айсу (харобию) фасоди эшон ба соири дигар ақолими олам адво (таҷовуз) кард ва аз савоиқи (барқҳои) раъду барққашони ақтору (ноҳияҳою) офоқи ҷаҳон дар ташвиш афтод ва он чи дар ин фитрат бар рӯи аҳли ислом омад ва бар сари уммат гузашт, дар ҳеҷ давлат бар аҳли миллат нишон надодаанд ва мисли ин воқеаи шаниғу (баду) боқеаи сахтии вазеъ (аз ҳад гузашта) дар ҳеҷ таърих наёварда…[ 18, 24].

Дар асари ин тахту торозҳо, аз як тараф, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ футур рафта, осори фарҳангӣ, адабӣ, китобхонаҳои пурқимат аз байн рафта бошанд, аз ҷониби дигар, адибону олимон, муаррихону санъаткорони зиёде нобуд карда шуданд, осорашон сӯзонида, аз байн бурда шуд. Бояд гуфт, ки аз донишмандону адибони замон Шамси Қайси Розӣ, хонадони Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ба пуррагӣ, Қонеии Тӯсӣ, падару модари адиб ва тазкиранигор Муҳаммад Авфии Бухороӣ ва чанде дигарон пеш аз ҳамлаҳои ғосибонаи муғул зодбуми худро тарк намуда, ба минтақаҳои бехавф-тар аз урдуи муғул фирор намуда буданд. Мунаҷҷимони зиёде, ки дар Бухоро, дар мароғаи Насируддини Тӯсӣ фаъолият доштанд, баробари ҳамлаи муғул ба Бухоро шаҳрро тарк гуфтанд. Соли 1221 бар асари ҳамлаи муғул ба шаҳри Нишопур адибу мутафаккир Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ аз дасти сарбозони Чингизхон ба шаҳодат расонида шуд. Баъзе аз суханварон монанди Анварии Абевардӣ, Муҷир, Асириддини Ахсикатӣ, Ашҳарии Нишопурӣ ва баъдтар Сайфи Исфарангӣ ё аз дарбор ронда шуданд, ё гӯшанишиниро аз хидмати дарбор авло донистанд ва ё барои дарёфти ризқу рӯзӣ ба ин ё он ҳоким ё садре қасидае ирсол медоштанду аз сарварон умедворие чашмдошт буданд. Бояд таъкид кард, ки дар нимаи аввали XIII давраи то андозае озодаандешӣ дар адабу фарҳанги тоҷикии форсӣ, ба сабаби нобасомониҳои ҳокимони Мовароуннаҳру Хуросон, дониста мешавад. Аз ин ҷиҳат, ки эҷодкорон озод буданд, мавзӯи адабиёт ғанитар гардид. Бахусус, жанри қасида аз чаҳорчӯбаи маҳдуди худ, ба истисноии қасоиди баъзе

қасидасароён аз нигоҳи муҳтаво, берун кашида шуд ва дар ин давра дар баробари қасидаҳои мадҳӣ қасидаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва ғайра ба майдон омаданд. Маснавӣ, ғазал, қитъа, рубоӣ низ аз нигоҳи мазмуну муҳтаво таҳаввули маънавиро аз сар гузарониданд, ки мо инро дар мисоли осори манзуми Сайфи Исфарангӣ, бахусус қасоиди ӯ, ба риштаи таҳқиқ хоҳем кашид.

Хулоса, дар замони Сайфи Исфарангӣ, ки асосан умраш дар Мовароуннаҳр сипарӣ гардидааст, агар дар як давраи муайяни таърихии ҳукмронии Хоразмшоҳиён, то инқирозу парокандагии ин сулола, ҳаёти иҷтимоию иқтисодию сиёсӣ ва адабӣ-фарҳангӣ то ҷое осуда бошад, дар даврони тохту този беамони муғулҳо маҷрои худро дигар кард, дар байни фарҳангиён низ парокандагии сунъӣ ба вуҷуд омад. Вале бо ин ҳама дар шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр чароғи илму маърифат пурра хомӯш нагардида, ба ҳар василае пеш мерафт ва ё дур аз зулму истисмори муғулҳо фаъолият дошт. Чунин шароити вазнини ҳаёти илмию адабие, ки Мовароуннахр дар замони истилои чингизиён вуҷуд дошт, дар дигар кишварҳо, аз ҷумла, Эрон, Афғонистон, Шимоли Ҳиндустон ва Осиёи Сағир дида намешуд. Аз ин рӯ, дар мамалакатҳои номбурда имконият буд, ки аҳли адаб чароғи илму адаби форсу тоҷикро равшан нигоҳ дошта, ба ояндагон мерос гузоранд. Ниҳоят, ин ҳама моҷароҳо ба яке аз адибони маъруфи Мовароуннаҳр Сайфи Исфарангӣ низ таъсири манфии худро низ расонидааст.

## 1.2. Ҳаёту эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ

### 1.2.1. Ҳаёти Сайфи Исфарангӣ

Доир ба шарҳи ҳоли Сайфи Исфарангӣ дар сарчашмаҳои зиёди адабӣ ва таърихӣ маълумот дарёфт шавад ҳам, мутаасифона, кӯтоҳ, пароканда ва зиёда аз ин беиштибоҳ нестанд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама сарчашмаи муътабари шарҳи ҳоли шоир осори адабии худи ӯ ба шумор меравад. Ин ҷо дар асоси ишораҳои боварибахши Сайф маълумоти маъхазҳои дастрас ва заҳамоти шарқшиносону адабиётшиносон кӯшиш бар он меравад, ки шарҳи ҳолаш ҳаддалимкон аз пештар бештар барқарор карда шавад.

Аввалин маъхазе, ки ба мо доир ба рӯзгору осори Сайфи Исфарангӣ маълумот медиҳад, ин «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ мебошад. Вай дар бораи ном ва зодгоҳи шоир ахбори мухтасар дода, дар қудрати шоирӣ ва камоли илмии ӯ баҳои сазовор додааст. Вале Давлатшоҳ Сайфро шоири дарбори Эл- Арслон (1156-1172) дониста, ба иштибоҳи калон роҳ медиҳад. Соҳиби «Тазкират-уш-шуаро» доир ба як қасидаи Хоқонии Шервониро ҷавоб гуфтани Сайф ривоятеро овардааст, ки он низ аз ҳақиқати воқеа дур мебошад [19, 136-137].

Амин Аҳмади Розӣ ҳам дар «Ҳафт иқлим» ба каломи мавзуни Сайфи Исфарангӣ баҳои баланд дода, барои тақвияти фикраш аз ашъори шоир намунаҳо овардааст. Вале вай ҳам иштибоҳи Давлатшоҳи Самарқандиро тасдиқ намуда, ӯро аз шоирони дарбори Эл-Арслон мехонаду гуфтаи Давлатшоҳро таъкид мекунад, ки дуруст нест. Лутфалибеки Озар бошад, дар хидмати Муҳаммади Хоразмшоҳ будан, ба он подшоҳ «Қасоиди некӯ гуфтан» ва фазлу дониши Сайфро меситояд, вале забон ва ҳусни баёни ашъори ӯро муғлақ арзёбӣ кунад ҳам, порчаҳои аз ашъори шоир интихобкардааш акси андешаи ӯро нишон медиҳанд. Яъне соддаву равон, гӯшнавоз ва фаҳмоянд [вароқи 222а- 222б].

Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар «Ништари ишқ» [16, вароқи 153б-

154б], Абулқосими Козарунӣ дар тазкираи «Суллам-ус-самовот» [114, 109, варақи 92б-94а], Шерхони Лудӣ дар «Миръоту-л-хаёл» [14, варақи 31а], Муҳаммад Абдулғанихон дар « Тазкират-уш-шуаро» [25, 441] Садри Зиё дар «Тазкиран мутақаддимин ва салотини муосирин ва бузургони мутаваллиддин» [8, варақи 277а-277б], Шамсуддини Сомӣ дар «Қомус-ул-аълом» [22, 2765-2766] доир ба ҳаёту эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ ишораҳои ҷузъӣ доранду халос. Масалан, Ҳусайнқулихони Азимободӣ ӯро шоири нуктасанҷ арзёбӣ намуда, доир ба солҳои зиндагии Сайф андешаи равшане надорад. Соли вафоти шоирро бошад, ба чанд моддаи таърих ба таври мухталиф аз маъхазҳои пешин оварда, хулосаи инфиродии худро баён нанамудааст. Ризоқулихони Ҳидоят қасоиди дар равияи Хоқонии Шервонӣ навиштаи ӯро намеписандад. Абулқосими Козарунӣ бошад шеъри Сайфи Исфарангиро аз ашъори Сайфи Нишопурӣ ва Сайфи Фарғонӣ боло гузошта, дар асараш барои таъкиди фикри худ аз ҳар се шоир намунаҳо иқтибос намудааст.

Муҳаммад Абдулғанихон доир ба ном, тахаллус, зодгоҳ ва замони пурошӯби шоир маълумоти дуруст додааст, аммо «шогирди Наҷмиддини Кубро мебошад» [114, 109; 25, варақи 442] гуфтани ӯ нисбат ба Сайфи Исфарангӣ баҳсталаб аст, ки зимни ин зерфасл ба он тавзеҳи зурурӣ хоҳем дод. Садри Зиё ба Давлатшоҳи Самарқандӣ такя дорад ва татаббӯоти ӯро ба Хоқонии Шервонӣ ва Заҳири Фарёбӣ аз ашъори хотирписанди шоир медонад. Сомӣ бошад Сайф Аъраҷи Исфарангиро ба ду шахс- Сайфи Исфарангӣ ва Сайфи Аъраҷ тақсим намуда, ба иштибоҳ роҳ додааст. Ин шояд аз он сар зада бошад, ки дар маъхазҳои пешин иддае Сайфро ба замони ҳукмронии Эл-Арслон ва баъзеҳо ба давраи набераи вай Муҳаммад Хоразмшоҳ нисбат додаанд. Ҳамин тавр, маъхазҳои мавҷуда натавонистаанд, ки ба пуррагӣ ҳаёти сипаринамудаи шоирро инъикос намоянд. Аҳли таҳқиқ, адабиётшиносону шарқшиносон ва муаррихони зиёд доир ба Сайфи Исфарангӣ ва рӯзгору осораш ишораҳои гуногун доранд. Агар Эдуард Браун [45, 127], Ҳерман Эте, [140, 123-124], Шпрингер [144, 561-562], Риё [143, 58],

Перч[ 142, 782], Ибни Юсуфи Шерозӣ [134, 314], С.Айнӣ [36, 63-64], муаллифони « Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII - XIV[ 33], Абдусаттор Мухторов ва Асламшоҳ Раҳматуллоев [84, 268] дар асарҳояшон аз ӯ хеле мухтасар ёд карда, бештар ба нусхаҳои мавҷудаи девони шоир дар китобхонаҳои ҷаҳон мароқ зоҳир намуда, ба ин муносибат гоҳе аз соли таваллуду вафот, теъдоди абёти девони мавсуф ва жанрҳои бадеии ин девон, бахусус аз шоири қасидасаро буданаш, ёд намуда бошанд, ки ағлаб санадҳои мухталиф доранд, баъдтар Забеҳуллоҳи Сафо [105, 794-798], М.Л. Рейснер [98], то ҷое бештар ба рӯзгори ин адиби Мовароуннаҳр мароқ зоҳир намудаанд. Дар ин ҷода зиёда аз ҳама адабиётшиноси тоҷик Лола Сулаймонова [114] ва Зубайдаи Сиддиқӣ- муҳаққиқи покистонӣ [11] хидмат намудаанд. Бо он ки дар навиштаҳои онҳо баъзе лаҳзаҳои баҳсталаб мавҷуданд, боз ҳам мо дар навиштани диссертатсия аз онҳо қадри тавон истифода намудаем. Ҳамзамон барои барқарор намудани зиндагиномаи шоир дар баробари лаҳзаҳои мавҷуда ва осори илмӣ эҷодиёти худи шоир дастёри беминнат буданд.

Номи шоир дар ҳамаи сарчашмаҳо ва ишораҳои аҳли таҳқиқ Сайфиддин омадааст. Вай асосан бо тахаллуси Сайф машҳур буда, дар баъзе сарчашмаҳо бо лақаби Аъраҷ (ланг) низ ёд шудааст. Дар ҳақиқат, Сайфи Исфарангӣ мелангидааст. Аз модарзод ланг будан ва ё бо тасодуфе ланг шуданаш ишорае дарёфт нашуда бошад ҳам, худи шоир ба ланг буданаш ишора намуда мегӯяд:

Дар раҳи шеър ба ҷое, ки тавалло бандам,

Гарчи лангам шуморӣ, бигзарам аз роҳраво [9, вар. 106 а]

Зодгоҳи Сайфиддин Исфаранг, ки арабиаш исфаранӣ аст, ноҳияи Исфараи ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар гузашта шаҳри Исфараро Исфаранг ё Фаранӣ ном мебурдаанду менавиштаанд. Дар луғатҳои тафсирӣ, аз ҷумла, дар « Бурҳони қотеъ» омада, ки « Исфаранӣ – муарраби Исфаранг аст ва он шаҳре бувад наздик ба Суғди Самарқанд ва мавлиди Сайф аст ва баъзе гӯянд қарияест наздик ба Самарқанд [91-92] аст ва

аз мавзеъҳои зебо ва хушобу ҳавои Мовароуннаҳр маҳсуб меёбад.

Сайфиддини Исфарангӣ ба ғайр аз тахалусси « Сайф» ва лақаби «Аъраҷ» ба унвони эҳтиромии «Мавлоно» низ дар сарчашмаҳо омадааст. Ризоқулихони Ҳидоят менависад: «Мавлоно Сайфиддин ал– Аъраҷ аз аҳли Исфаранг мин тавобеъи Мовароуннаҳр буда… [, 709].

Ҳамаи сарчашмаҳо доир ба соли таваллуди шоир чизе нагуфтаанду хомӯш мондаанд. Муроҷиат ба ашъори худи шоир ва ба як қитъаи шоир дучор омадан мушкилоти моро осон намуд, ки он дар ҳафтоду нуҳсолагии эҷодкор суруда шудааст. Матни қитъа ин аст:

Маро модар пас аз таърихи ҳиҷрат,
Ба соли понсаду ҳаштоду як зод.
Ниҳоли умри ман ҳафтоду нӯҳ сол
Чу Тӯбӣ ҳар замоне навбарӣ дод. [10, 103]

Аз иқтибос бармеояд, ки шоир соли 581 ҳиҷрӣ, баробар ба 1175-1176 мелодӣ, таваллуд шудааст. Аҳли таҳқиқ чӣ дар мақолаю диссертатсия ва чӣ дар гузоришу ишораҳои худ ҳамин санаро қабул намудаанд. Доир ба волидайн, айёми наврасию ҷавонӣ ва фарогирии таҳсили илму дониши Сайф низ маъхазҳо хеле кам гуфтаанд. Вай дар қасидаи «Фӣ Садриддини Фахрулмулук»-и худ аз решапайвандони араб буданашро ёд карда мегӯяд:

Гар фасеҳи Аҷамӣ хониям, ин дурӣ нест
В- ар маро ҷадди чаҳорум ба ҳақиқат араб аст. [11, 168]

Фитрат дар баробари иқтибоси ин байт менависад, ки «Агар ин байти Сайф бошад (зеро дар ду девони дар дасти Фитрат маҳфузбудаи шоир дар яке ин қасида набудааст - Р. О.) ва Сайф ин байтро маҳз барои даъвои саодат, ки дар он айём эътиборе дошт, нагуфта бошад, мумкин аст қабул намоем, ки падари калони чаҳоруми ӯ аз муҳоҷирони араб буда, дар миёни тоҷикони Осиёи Миёна зиндагӣ карда нашъунамо ёфтаанд» [123, 13-14].

Аз мероси адабӣ ва ишораҳои тазкиранависон Давлатшоҳи Самарқандӣ, Лутфалибеки Озар, Амин Аҳмади Розӣ ва дигарон бармеояд, ки Сайф «

марде толиби илм буда, аз аҳли фазл аст, дар суханварӣ мартабаи олӣ дорад», « ба унвони улум ороста» ва « шоири соҳибқаламулкалом ва сухансанҷу забондон» будаасту аз улуми замон бохабар мебошад. Вай дар баробари фаро гирифтани забони модарӣ ва арабӣ бо забонҳои паҳлавию туркӣ ошноӣ дошта, мутолиа низ мекардааст, ки дар қасидае мегӯяд:

Дар сухан тарзи наве дорам, ки ҳаргиз ҳамчу моҳ,

То фалак гардон бувад, куҳна нагардад аз навӣ.

Гар ба Анқо пар бифармоӣ задан симурғвор,

Аз садои кӯҳи Қоф онро садое бишнавӣ.

Ганҷи ҳикмат зери ҳар ҳарфе ниҳон дорад, валек

Гоҳ туркӣ хонадаш бо аҳл, гоҳе паҳлавӣ. [11, 470]

Дар бораи дар куҷо таҳсили илм кардани Сайфиддин ҳам маълумоте надорем ва ночор мегӯем, ки шояду бояд дар Самарқанду Бухоро, ки аз марказҳои фарҳангии овозадори замон буданд, улуми роиҷро фаро гирифта бошад. Зеро муддате дар Самарқанд зиндагӣ намудан ва ҳокимону садрҳои Самарқанду Бухороро мадҳ гуфтани ӯ гӯёи ин андешаанд. Ҳатто бародари шоираш Шаҳобиддин тахаллуси «Самарқандӣ»-ро доштааст [26, 814].

Давлатшоҳи Самарқандӣ ӯро шогирди шоир Рашидии Самарқандӣ доништа, менависад, ки «… Рашидӣ аз ақрони Мавлоно Сайфиддин ...» [19, 19] мебошад. Ин гуфта ба ҳақиқат рост намеояд, зеро Рашидӣ як аср пеш аз Сайф даргузашта буд.

Зубайдаи Сиддиқӣ низ гуфтаи Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Ризоқулихони Ҳидоятро пайравӣ намуда, иштибоҳан ӯро « устодаш дар таҳсили вай (Сайфро), чун Рашидӣ шоири номдорест ва ба эҳтимол устоди ӯ дар шеър бошад» [11, 23] мегӯяд.

Сайфи Исфарангӣ бародаре бо номи Шаҳобиддин ва се хоҳар доштааст. Шоир дар як таркиббанди худ, ки аз 9 банд иборат асту бар марги бародараш марсия бастааст, беҳтарин сифатҳои ӯро, бахусус сухандону суханвар буданашро ёд карда, бо ҳасрат мегӯяд:

Шаб набошад, ки рух аз хуни ҷигар тар накунам

В- аз ҷафоҳои фалак хок ба сар бар накунам.

Ҳамчу оташ назари соиқапарвар назанам,

Ҳамчу ахтар назари соиқапарвар накунам.

Ҳила ранҷест дар ин раҳ, чӣ кунам, гар накашам?

Чора сабр аст дар ин ғам, чӣ кунам, гар накунам.

Шояд, ар бо асари толеи худ дарсозам,

Гилаи неку бади сайри маҳу х (в) ар накунам.

Сари гумкардаи ин ришта ба дасти кӣ ниҳам,

Осмонро чу дар ин ҳодиса бовар накунам.

Пой чун даркашам аз лойи ҳаводис пас аз ин,

То аз ин ҳолати дарҳамшуда сар бар накунам…

Найзадори сари майдони сухан буд Шаҳоб,

Ёдгори падару модари ман буд Шаҳоб. [11, 639-694].

Аз мисраи охирини матни иқтибосшуда бармеояд, ки падару модари Сайф дар ҷавониаш фавтида будаанд.

Шоир дар ҳамин банди таркиббанд ёд мекунад, ки се хоҳар низ доштааст:

То наорад фалак аз нақши бародар ёдам,

Дар Суҳо нангараму ёди се хоҳар накунам.[11, 694]

Сайфи Исфарангӣ дар қасидае низ шарҳи ҳоли худ намуда, аз марги бародараш ва шеъри тари ӯ бо сӯзу гудоз ёд кардааст, ки ниҳоят риққатовар ва таъсирбахш мебошад [11, 337-338].

Шоир аз ҷавонӣ ба шеър гуфтан сар карда будааст. Оғози ҷавонӣ ва ибтидои шоирии вай ба вақте рост меояд, ки Мовароуннаҳр дар иҳотаи ҷангу ҷидолҳо ва кашмакашу корзори муборизаҳои хунин ҷой гирифта буд, ки дар ин боб дар фасли аввали ин боби диссертатсия муфассал сухан рафтаасту ҳоҷат ба такрор нест. Бо ҳама парокандагии замон чароғи маърифату фарҳангро Сайф барин суханварони асил равшан нигоҳ медоштанд.

Сайфи Исфарангиро ҳаводиси рӯзгор во медорад, ки баробари ба майдони адабиёт даромадан рӯ ба дарборҳо ниҳад ва дар қатори шоирони

ҳамзамони мовароуннаҳрии худ, монанди Шамсиддини Хола, Ҳоҷӣ Зиёуддин ибни Ҳоҷӣ Ҷалолуддин Масъуди Хуҷандӣ, бародараш Шаҳобиддини Самарқандӣ, Имом Ҳисомуддавла Шарафиддин Мухаммад ибни Абӯбакри Насафӣ- маъруф ба Шарафиддини Ҳисом, Имом Ризоуддини Нишопурӣ ва дигарон барои дарёфти қути лоямут шоҳони Оли Афросиёбу Муҳаммади Хоразмшоҳ ва садрҳою ҳокимони маҳаллиро мадҳ гӯяду баъзан барои гузораи умр талабу таманное пеш гузорад.

«Шуҳрати шоирӣ ва донишмандии ӯ (Сайф-Р.О) ҳанӯз дар ҷавонӣ баланд шуда буд. Барои ҳамин Сайф, тахминан дар синни 22- солагӣ, ба Хоразм, ба дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ даъват карда мешавад [33, 77-78]. Вобаста ба ин даъват Лутфалибеки Озар навишта, ки: « Дар рубъони умр ба хидмати султон Мухаммад ибни Текиш вақте расида, ки хон мушориуллайҳ бо подшоҳи қарохито муҳориба карда ва фатҳ рӯ дода ва ӯро « Искандари Сонӣ» лақаб хонданд ва султон худ ба ҷиҳати имтидоди давлат «санҷарӣ» лақаб хост ва шуаро ӯро мулаққаб ба «Санҷар» карданд [16, 307-308].

Чун Сайфи Исфарангӣ ба дарбор кашида шуд, табиист, ки вай бояд мадҳи шоҳу дарбориёнро кунад. Дар ин давра маддоҳони ӯ Муҳаммади Хоразмшоҳ, яъне Алоуддин Муҳаммад султон Санҷар, вазири ӯ Низомулмулк ибни Солеҳ ва дигар мансабдорони давлат буданд. Дар бораи ҳаёти шахсии Сайф дар дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ ақалан ҷузъитарин ишорае дарёфт нашуд. Танҳо қасидаҳои шоир ба таври хира аз ин боб ҳикоят мекунанд. Дар баробари Сайфи Исфарангӣ, зимни маълумоти маъхазҳои муътамад, дар дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ гурӯҳи калони удабову уламо, монанди Абӯалии Марвазӣ, ки мадҳи султони вақт мегуфта, олими файласуф Имом Фахриддини Розӣ, ки китоби «Ҳадоиқ-ул-анвор фӣ ҳақоиқ-ул-асрор» -ро ба номи Муҳаммад Хоразмшоҳ навиштааст, шоир ва олими шуҳраи замон Маҷиддини Бағдодӣ, нависанда ва олими барҷастаи давр Муҳаммад Авфии Бухороӣ машғули дафтардорию мадеҳасароӣ будаанд.

Аз рӯи эҷодиёти шоир, бахусус қасидаҳои ӯ, маълум мегардад, ки

вай то охири давлатдории Хоразмишоҳиён дар Хоразм зиндагӣ

накардааст. Мадҳияҳои бештари Сайф ба садрҳои Самарқанду Бухоро - гумоштагони Муҳаммад Хоразмшоҳ навиштаву бахшида шудаанд. Аз ин бармеояд, ки шоир хеле барвақт аз дарбори Хоразмшоҳ рафта будааст, вале дар ин бора ва сабаби рафтани ӯ на дар ашъораш ва на дар маъхазҳо ишорае нест. Аз рӯи маълумоти Ҳусайнқулихони Азимободӣ «Сайф муддате ба рафоқати Хоразмшоҳ ба сар бурда ва баъд аз он чанде ба саёҳати Хуросон мутаваҷҷеҳ шудааст [1, 153а]. Шоир ба Хуросон меҳр доштанашро пеш аз сафар дар ғазале ин тавр иброз дошта, ки мегӯяд:

Ошиқон аз ғами шамшери ғамат ҷон набаранд,
То ба чавгони вафо гӯй ба майдон набаранд.
Кори хомон бувад он, к-аз сари шаҳват боре,
Ба раҳи ишқ дароянду ба поён набаранд.
Шергирон, ки ба ҷон бастаи занҷири диланд,
Ҳукми дилро натавонанд, ки фармон набаранд.
Лек онҳо, ки дар ин ҳалқа мақоме доранд,
Номи дилро ба забон дар ғами ҷонон набаранд.
Ҳоҷиёне, ки зи ишқ аз раги ҷон хунрезанд,
Лоғариро ба намо аз пайи қурбон набаранд…
Он ҷамоат, ки ба ҷон аз ҳама олам серанд,
Оби худ шояд агар дар талаби нон набаранд.
Дилу ҷонам ба Хуросону аҷаб ин ки маро,
Ғаму андеша чаро дар пайи эшон набаранд.
Дар Хуросон чу ба ғам куштаи ӯ бисёранд,
Узр ин аст, агар зира ба Кирмон набаранд.
Баста бодо нафаси субҳдаму боди сабо,
Қиссаи дарди маро гар ба Хуросон набаранд.
Сӯйи Шом ар саҳаре аз тарафи Ҷом шавад
В- аз дили ман хабаре туҳфа бад-он ҷон набаранд. [11, 619-620]

Сафари Сайф ба Хуросон тӯлонӣ набуда, вай зуд ба Самарқанд

бармегардад ва ба мадхи садрҳои он шаҳр Ҷалолиддин, Шамсуддин ва Авҳадиддин мепардозад. Вале вай дар Самарқанд рӯзгори осоиштае надоштааст. Рақобат, бахилию фитна, ғаммозии баъзе шоирони ношуд, монанди Шамсуддини Хола ва разилии аҳли ҷоҳ ба ӯ фишор меоварданд. Бояд гуфт, ки ин андешаҳо аз эҷодиёти шоир маншаъ мегиранд ва дар зарурат таваҷҷуҳ равад ба қасидаи ба Зиёуддин- сайиди Балх бахшидани шоир [11, 234-237], ки матлааш ин аст:

Чист он дарё, ки бошад дар равонӣ барқарор,

Чун садаф содадаруну аз бурун гавҳар нигор. [11, 234]

Дар китоби «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII – XIV» [33, 78] ва диссертатсия Лола Сулаймонова [114, 26] ин қасида гӯё ба садри Самарқанд Шамсуддин ирсол шуда будааст, ки дуруст нест.

Замона ва гирумонҳои он қадри сухан ва суханваронро коста карда буд. Миёни хубу бад сарҳад намегузоштанд. Ҳар кас моли худро сифат мекард (Дар паси хармуҳраи уштурсаворон мениҳанд – Гавҳари назми маро мушти харони говсор), бозори беҳудагӯён гарм буд ( Жотхоёнро басе тарҷеҳ зоҳир мекунанд - Дар миёни якдигар бар булбулони ҳақгузор).

Сайфи Исфарангӣ ба Садр Шамсуддин, ки баъдтар хоҳем дид, мадҳияҳои зиёде бахшида бошад ҳам, аз ӯ илтифот ва дастгирие намебинад. Аз мазмуну маънии қасидаю қитъаҳои тақозоии шоир бармеояд, ки ӯ ба умеди беҳбудии аҳволи моддии худ Садр Шамсуддинро сутуда будааст. Муфлисии Сайф дар Самарқанд ниҳоят тоқатфарсо мешавад ва вай аз шароити вазнини аҳволи худ ва ҳатто ба касалӣ гирифтор шуданаш ба Садр Ҷалолуддин низ забон ба шиква мекушояду беҳдоште намебинад. Аз маънии ашъори дар ин давра навиштаи Сайф бармеояд, ки ӯ мехоҳад ҳар чӣ зудтар аз Самарқанд фирор намояд. Аз ин рӯ, вай бо ду қасидаи ба мулуки Хуҷанд Ихтиёриддин ва Муншӣ Абдоъ ирсолнамудааш аз аҳволи вазнини худ ва беқадрии илму ҳунар дар Самарқанд шикоят намуда, аз эшон умеди ба Хуҷанд даъват шуданро хоҳиш менамояд. Баъди ин оё Сайфи Исфарангӣ ба Хуҷанд даъват шуд ё не маълум нест. Тавре аз қасидаҳои шоир маълум

мешавад, баъди ин мо ӯро дар хидмати садр Бурҳониддин, садрҳои дигар, қозии мутлақи Бухоро Садриддин, муфтӣ Ҷалолуддин, ноиб Сайфуддин ва қозӣ Заҳириддин мебинем, ки барояшон мадҳияҳо месурудаю рӯзие талаб мекардааст.

Дар ин муддат дар ҳаёти маъмурии Мовароуннаҳр бо ташаббуси худхоҳонаи Муҳаммад Хоразмшоҳ байни солҳои 1216-1220 ба муқобили рӯҳониёне, ки ба минтақаи ҳукмронии ӯ сар мебардоштанд, ҷойивазкуниҳо ва ҳатто аз вазифа сабукдӯшкуниҳо дида мешавад. Аз ҷумла, шоҳ садр Бурҳониддинро аз мансабаш озод намуда, ба ҷои ӯ бародари вазир Низомулмулк Маҷидиддин Масъуд Солеҳ ал- Фаравиро таъин мекунад. Шайхулисломи Самарқанд Ҷалолуддин ва писару бародараш ба Насаф фиристода мешаванд [105, 443-444]. Садр Бурҳониддин низ ба Насаф бадарға шуда, Забеҳуллоҳи Сафо хабар медиҳад, ки Бурҳониддин ва писаронаш баъдтар аз дасти шоҳи замон кушта шудаанд. Дар ин вақт Сайф тақрибан 40-42 сола буд. Умуман Оли Бурҳон дар Бухоро то миёнаи асри XIII ба раёсати ҳанафиён сарварӣ мекарданд.

Мувофиқи маълумоти худи шоир аҳволи ӯ дар дарбори садр Бурҳониддин то ҷое хуб будааст. Ин маънӣ аз қасидаи ба набераи ин садр Ҳумоюн бахшидааш дарёфт гардид.Масалан, Сайф мегӯяд:

Ман ба тақозои ақл мадҳи ту гуфтам аз он-к

Қурбати хуршед ёфт тир ба ройи савоб.

Садри судури ҷаҳон, ҷадди бузурги ту он,

К-аз ҳама шоҳон варо буд бародар шитоб.

Дар сафи хидмат басе дошт суханвар чу ман,

Сохта аз симу зар ҳалқа лагоми рикоб.

З-он ҳама акнун манам тазкираи ақди ту,

Бар дари сифла харон монда чу хар дар халоб… [11, 115-116]

Баъдтар Сайфро дар хидмати Маҷидуддин ном садр мебинем. Истилои муғул ба аҳли адабу фарҳанг низ шикасти азим овард, ки Сайф аз он дар канор набуд. Аз рӯи қасидаҳои шоир дармеёбем, ки вай пас аз истилои муғул

ба мадҳи Амир Амид Қутбиддин (1220-1251), ки аз ҷониби ҳукуматҳои чиғатоӣ ва муғул ба идораи Мовароуннаҳр таъин шуда буд, мегузарад, зеро ин амир мавсуфро аз чанголи маргу мусибати муғул эмин нигоҳ доштааст.

Замона адабпарвар набуд. Аҳли адаб ҳам аз дарбор ба дарбор мадҳия суруда рӯзгори худро мегузаронданд. Мувофиқи як қитъаи шеъри Сайф вай дар айёми пирӣ ба ҳокиме бо номи Фахрулмулук Тоҳири Самарқандӣ арзи сипос менамояд, ки шоирро ба дарбори худ хондааст [11, 596-597].

Минбаъд Сайфи Исфарангӣ аз ҳамду санои шоҳу амирон ва садру рӯҳониён даст кашида, аз беҳуда гузаронидани умр ва маддоҳияш изҳори пушаймонӣ намуда, дар ғазале мегӯяд:

Умрам ба бод рафт дар ин хокдони ғам,
Як орзуи ҳардуҷаҳонӣ наёфтам.
Ҷуз боду бода мардуми нозукмизоҷро,
Як ҳамдаме, чунон ки тавонӣ, наёфтам.
Гуфтам:- Ба коми дил барорам ба ҳамдаме,
Афсӯс, к-ин мурод замоне наёфтам. [11, 639]

Охири умри Сайф бо гӯшанишинӣ гузаштааст. Вай дар ин муддат ба тасаввуф ва машоихи бузург эътиқоду рағбат пайдо менамояд. Ҳаминро ба инобат гирифта Абдулғанихони Фаррухободӣ менависад, ки «Сайфиддини Аъраҷ…аз дасти шайх Наҷмиддини Кубро хирқаи хилофат ёфт» [25, 411]. Дар маълумоти дигар омада, ки Сайф шайх Сайфиддини Бохарзиро (ваф.1250-1251) дар ин роҳ устоди руҳонии худ медонист [25, 561-562]. Бояд гуфт, ки андешаи Абдулғанихони Фаррухободӣ чандон ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро дар осори Сайф ҷое бо номи Наҷмиддини Кубро дучор наомадем. Дигар ин ки Кубро ҳанӯз дар 38-40 солагии Сайф кушта шуда буд. Доир ба шайх Сайфиддини Бохарзӣ бошад, шоир дар девони худ чанд қитъаву қасида бахшидааст ва гуфтаи сонӣ ба ҳақиқат рост меояд.

Сайфи Исфарангӣ, тавре дида шуд, асосан дар оворагӣ ва аз дарбори

ҳокиме ба дарбори садре ё баръакс умр ба сар бурдааст. Ӯ дар ашъори худ бештар аз бечизӣ ва бекасию танҳоии худ нолида, ҳамеша бо ёди бародари барвақт аз дунё рафтаашро карда мегӯяд:

Гар ҷаҳонро ба касе доштаме,
Дар ҷаҳон ҳамнафасе доштаме.
Хештан сӯхтаме аввал, агар
Дар ҳама хона хасе доштаме.
Чун харон заҳмати полон кашаме,
Гар дар ин раҳ ҷарасе доштаме.
Аз шабехун аҷали эминӣ
Гар дар ин кӯ асасе доштаме.
Кошкӣ бо ҳама бар хони ҷаҳон
Косаи бемагасе доштаме.
Марги ман марги бародар бас буд,
Гар дар он нав ҳавасе доштаме.
Гар накуштӣ ғами ӯ зор маро,
Мотами хеш басе доштаме.
Ҷон дар ин ҳодиса дарбохтаме,
Гар ба ҷон дастрасе доштаме.
Аз ғами бекасӣ бигрехтаме,
Гар ҷуз ӯ ҳеҷ касе доштаме. [11, 669-670]

Ғазали фавқро ҳоҷат ба шарҳ нест. Вале дар рубоие мебинем, ки шоир соҳиби зану фарзанд буда, аз марги нобаҳангоми писари худ хабар медиҳад:

Эй бурда нишот аз дили ғамноки падар,
Ғам дода ба ин дили ба сад чоки падар.
Чун ту рафтӣ, кӣ афканад аз паси ин
Ҷуз сабзаву хор соя бар хоки падар. [11, 735]

«Барои ҳамин ҳам вай дар айёми пирӣ, - менависад Лола Сулаймонова,

танҳо бо « фарзандони маънавӣ» -и худ, яъне ашъораш зиндагӣ мекардааст [114, 33]. Шоир мегӯяд:

Агар фарзанди ҷисмонӣ набудам,

Кӣ гирад дар ҷаҳон аз номи ман ёд.

Маро фарзанди рӯҳонӣ басе ҳаст,

Ки ҷони ғамзада з- эшон шавад шод. [10, 103]

Сайфи Исфарангӣ дар коргоҳи эҷодӣ худбин набуда, бо вуҷуди азобу машаққатҳои зиёд шогирдон низ доштааст. Зубайда Сиддиқӣ менависад, ки «Тибқи маълумоти Давлатшоҳ ва хӯшачинонаш бачаи Аттори Бухорой ва Аднонӣ ва Малики Шонатарош шогирдони Мавлоно Сайфиддини Исфарангӣ мебошанд» [11, 34].

Сайфи Исфарангӣ дар охири умр биноии худро то ҷое аз даст дода (Гаҳ-гаҳ, ки кунам ба ваҳм шабпаймой, - Ёд оядам аз фироқат, эй биной), аз дунё дармегузарад.

Роҷеъ ба соли фавти шоир маъхазҳои дастрас фикрҳои гуногун пеш овардаанд. Масалан, Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар «Ништари ишқ» аз рӯи ишораи тазкиранависони пешин Ғуломалихони Озод, Ромӣ ва Мурувват се санаи соли фавти мавсуфро, ки солҳои 573ҳ. (1177-1178м.), 583ҳ. (1187-1188м.) ва 652ҳ. (1254-1255м.) нишон дода шудаанд, пеш мегузорад [1 вар 306 б]. Лутфалибеки Озар соли вафоти Сайфро соли 654ҳ. (1256м.) нишон додааст. Ризоқулихони Ҳидоят бошад, соли фавти шоирро соли 672ҳ. (1273м.) медонад. Дар баробари ин ду маъхази охир таъкид намудаанд, ки суханвари исфарангӣ дар 85- солагиаш дар Бухоро фавтидааст. Яъне вафоти Сайф тақрибан ба соли 666 ҳиҷрӣ, баробар ба солҳои 1260-1261 мелодӣ рост меояд. Вале Лола Сулаймонова соли 666 ҳиҷриро бо каме иштибоҳ соли 1667 мелодӣ баровардааст, ки ин иштибоҳ дар китоби «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV [33, 80] рафъ карда шудааст.

Ҳамин тавр, Сайфи Исфарангӣ байни солҳои 1175-1176 мелодӣ дар Исфаранг (ноҳияи Исфараи имрӯзаи Тоҷикистон-Р.О) ба дунё омада дар тӯли

умр муддате бо эҷодиёти бадеии худ фазои фарҳангии Мовароуннаҳрро пур намуда, байн солҳои 1260-1261мелодӣ аз олам даргузаштааст.

### 1.2.2. Эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ

Дар таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ Сайфи Исфарангӣ ҳамчун шоир шинохта шуда бошад ҳам, аз фазилатҳои ӯ нисбат ба шоирони замонаш он аст, ки вай на танҳо дар эҷоди осори манзум бурдборона фаъолият дошту чун суханвари сазовор шуҳрат ёфт, балки ба навиштани асарҳои мансур ва иншо низ машғул гардида, ба сифати адиб ном баровarda будааст. Адиби гуногунсоҳа будани Сайфро ба мо пеш аз ҳама худи вай хабар дода, аз насри худ ва дар ин соҳа низ маҳорат доштанашро дар осори манзумаш овардааст:

Мулки маъниро манам соҳибқирони назму наср
В-ин ҷамоат «тақвогӯён»-и рӯзи бори ман. [11, 428]

Ҷои дигар мегӯяд:

Дар назму наср лашкари иқбол рондаам,
Дар қалби он ба фахри улум даркашидаам. [9, вар. 155 б]

Ва ё:

… Нест дар иншои ман тири фалакро сухан,
Нест дар ашъори ман нотиқаро иқтидо.
Завқи суханҳои ман асли шифои дил аст,
З-он ки кунам наҳлвор аз гули маънӣ чаро.
Чун магаси ангубин хӯрд ғизои ҳалол
Фазлаи ӯро Худой дод хавоси шифо.
Ҳар кӣ кунад ин замон пасравии назму наср,
Дар ҳама олам варо кист чу ман пешво?! [11, 104]

Ҳарчанд Зубайда Сиддиқӣ «Танҳо асаре, ки аз Сайф дар даст ҳаст, «Девон»-и шеъри ӯст ва зикри ҳеҷ асари насрии ӯ дида нашуд» [11, 34]Аммо ҳамчунон ин муҳаққиқ ва аввалин таҳиякунандаи матни «Девон»-и шоир ин байтро ба сифати дар назму наср чирадаст будани адиб аз ашъораш меорад,

ки байт ин аст:

Кардам аз назму насри худ якчанд

Мадади умри ҷовидонии хеш. [10, 34]

ва боз ҳам бо таассуф иброз медорад, ки шоир хоста, то насри ӯ ҳам ҳамроҳи шеъраш мояи зиндагонии ҷовид барои ӯ бошад, «вале он чӣ мебинем ҳама умри ҷовидонии ӯ шеъри ӯст, на наср, ки дар пеши худаш бимурд ва ҷуз худи ӯ аз насраш ёд накард» [11, 35].

Бо он ки Зубайда Сиддиқӣ роҷеъ ба аз байн рафтани тамоми осори насрии Сайфиддини Исфарангӣ сухан мекунад, аммо дар яке аз маҷмӯаҳои мақолоти "Ёдномаи Рашиди Айвазӣ" мақоле аз пажӯҳишгар ва корманди китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон ба нашр расид, ки "Рисолае навёфта аз Сайфиддини Испарангӣ" унвон дошта, дар он дар хусуси мавҷудияти чандин аз нусхаҳои хаттии осори мансури шоир, аз ҷумла "Тахбир- ул- калом" дар китобхонаи Пешовар дар таркиби як ҷунги мазҳабӣ ва "Анвор- ур- равза ва асрорул байза" дар маҷмӯае дар китобхонаи Аёсуфиёи Истамбули Туркия таҳти шумораи 2052 сухан рафтааст, ки ин амр ба кашфи нусхаҳои хаттие аз мероси мансури суханвар таъкид меварзанд. Ҳамчунин дар ин мақола гуфта мешавад, ки пораҳое аз рисолаи дигари Сайф аз ҷумла "Равзатул қудс ва байзалулунс", ки дар таъбири қиссаи Юсуф мебошад, дар таркиби ҳамин нусхаи хаттии навёфта маҳфуз мебошанд. (349)

Шояд сабаби аз байн рафтан ва то кунун ба тоаври зарурӣ ношинохта мондани насри Сайфи Исфарангӣ дар он бошад, ки чун бештар дар он рӯзгор тавассути қасидасароӣ маъруфият дошта, дигарон камтар бар осори дигараш таваҷҷуҳ намудаанд. Аз сӯи дигар, бештар намунаҳои асарҳои насрии вай дар таркиби ҷунг ва маҷмӯаҳои насрии мазҳабиву адабӣ китобат шудаанд, ки охиран ба тадриҷ пайдо шуда истодаанд ва кашфи ҳамин нусхаҳо имконият медиҳад, ки дар оянда дар амри тасҳеҳи таълифоти насрии ӯ низ иқдом шавад.

Ба ин тариқ, аз ин баррасиҳо равшан мешавад, ки ғайр аз шоирӣ дар илмҳои гуногуни замон низ Сайфи Исфарангӣ маъруфият доштааст, ки кашф

ва муаррифии нусхаҳои дигари осори вай ин матлабро тасдиқ менамояд.

Доир ба шумораи абёти «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ дар маъхазҳои дастрас андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Давлатшоҳи Самарқандӣ хабар медиҳад, ки «Девон»-и ӯ (яъне, Сайф -Р.О) дувоздаҳ ҳазор байт аст [19, 58]. Дар ин бора Ҳусайнқулихони Азимободӣ [1] ва Ризоқулихони Ҳидоят[ 26] бар онанд, ки ашъори Сайф дар девон даҳ ҳазор байтро ташкил менамояд. Шояд ин гуногунандешӣ аз он сар зада бошад, ки ба дасти ин тазкиранависон нусхаҳои гуногуни «Девон»-и шоир расидаанд.

Аз маълумоти адабиётшиноси тоҷик Лола Сулаймонова ва таҳиягари матни интиқодии девони шоир дар Покистон Зубайда Сиддиқӣ бармеояд, ки нусхаҳои он ба таври кофӣ то замони мо омада расидаанд ва яке аз нусхаҳои қаламии он дар музеи Британия зери шумораи 287 нигаҳдорӣ мешавад, ки дар қарни XV китобат шудааст. Риё дар феҳристи ин китобхона қайд менамояд, ки он дар таърихи 1007 ҳ.қ. (баробар ба соли 1598м.) нусхабардорӣ шуда будааст [143, 581].

Зубайда Сиддиқӣ аз нусхаҳои девони Сайфи Исфарангӣ, ки дар китобхонаи Ганҷбахши маркази таҳқиқоти форсии Эрону Покистон дар Исломобод, зери рақами 890/768, ки аз 462 варақ иборат буда, ба соли 754 ҳ.қ. китобат шудаасту аз қадимтарин нусахи девони шоир дониста мешавад, нусхаи хаттии донишкадаи адабиёти донишгоҳи Теҳрон, нусхаи осорхонаи Британия, ки дар боло ишорааш рафт, нусхаи Донишгоҳи Панҷоби Лоҳур, ки зери шумораи 3333 маҳфуз буда, нусхаи аксии он дар китобхонаи маркази донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад, ду нусхаи девони шоир, ки дар китобхонаи Будлиён зери рақамҳо и 55 ва 515 мавҷуданд, ва ду нусхаи дар музеи Истамбул маҳфузбуда хабар додааст [11, 54-58]. Лола Сулаймонова таваҷҷуҳи худро асосан ба нусхаҳои дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ будаи девони шоир равона менамояд [114, 37-40]. Мувофиқи маълумоти ӯ дар фонди Санкт-Петербурги Институти шарқшиносии АИ Федератсияи Русия дастнависи рақами 179д. мутааллиқ ба Сайфи Исфарангӣ мебошад. Чун тавсифи ин нусха дар кори Лола Сулаймонова омадааст, ҳамин қадар илова

намуданием, ки он дар асри XVI китобат шуда, аз 219 қасида, 171 қитъа, 14 тарҷеъ ва 154 рубоӣ иборат мебошад. Дар маҷмӯъ ин нусха 11060 байт ашъори шоирро дар бар гирифтааст.

Бар асоси ҷустуҷӯҳо дар феҳристҳои электронии китобхонаҳо низ маълум гардид, ки дар китобхонаи мадрасаи Оли Шаҳиди Мутаҳаррӣ низ нусхае аз девони Сайфи Исфарангӣ маҳфуз аст.

Дар китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз девонҳои хуб ва нисбатан мукаммали Сайф зери рақами 1434 нигаҳдорӣ мешавад, ки мушаххасоти онро низ Л. Сулаймонова додааст [114, 39]. Ин нусха шомили 203 қасида, 176 ғазал, 157 қитъа, 14 тарҷеъ ва 174 рубоӣ буда, 11435 байт дорад. Дар варақаҳои 9, 35, 96, 126, 146 ва 178-и он баъзе қасидаҳои нопурра ҷой дода шудаанд.

Дар ганҷинаи нусахи қаламии АИ Ҷумҳурии Озарбойҷон таҳти рақами С 291/17042 нусхае аз девони Сайф бо номи Аъраҷи Бухоройӣ нигаҳдорӣ мешавад, ки тавсифи мухтасари онро низ Лола Сулаймонова овардааст [114, 40].

Хушбахтона аз ин суханвари хушбаёни кишварамон дар диёр низ нусхае маҳфуз мондааст, ки он зери рақами 59 дар Ганҷинаи дастхатҳои шарқии ба номи академик Абдулғанӣ Мирзоеви АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад. Китобаткунандаи он Алӣ ибни Муҳаммадфидои Кафшдӯз будааст. Он яке аз беҳтарин дастхатҳои девони шоир маҳсуб ёфта, мутаассифона варақаҳои охираш афтода, таърихи китобаташ маълум нест. Вале аз рӯи ҳусни хат ва коғаз метавон ба хулоса омад, ки дар асри XVI китобат шудааст. Дастхат аз коғази абрешими ғафс буда, 252 варақ дорад ва дар ҳар саҳифаи он 20-23 байт ҷой дода шудааст. Хати дастхат насхи равшан ва баъзе авроқи харобшуда хеле нозукона тармим гардидаанд. Ин нусхаи девон бо байти зайл оғоз мешавад:

Эй шикани зулфи ту ғолияе з-он сабо,

Куштаи ишқи туро ҳар ду ҷаҳон хунбаҳо.

Ин нусхаи девони Сайфи Исфарангӣ аз 194 қасида, 150 қитъа, 85 ғазал, 15 тарҷеъ ва 123 рубоӣ иборат мебошад. Девони қаламии мазкур бо ин тартиб аст: дар варақҳои 1б-155а қасида, дар варақаҳои 155а-161б тарҷеот, дар варақаҳои 162а-199б қиттаот, дар варақҳои 199б-221 ғазалиёт, дар варақҳои 221б-229б боз қиттаот, дар варақҳои 299б-234б – боз ғазалҳо, дар варақҳои 234б-293б боз қитъаҳо, дар варақҳои 243-252б боз тарҷеот, дар варақҳои 243б-252а рубоиёти шоир [12, 99-100]. Хушбахтона, нусхаи тоҷикистонӣ дастраси мо буда, дар зарурат тавонистаем ва метавонем аз он истифода намоем, вале барои навиштани диссертатсия матни илмӣ-интиқодии Зубайда Сиддиқиро, ки бо нусхаҳои зиёди «Девон»-и шоир муқобилаву муқоиса шудаасту дар ин миён қадимтарин нусхаи хаттии он аз китобхонаи Ганҷбахш мавриди истифода қарор доштааст, асос донистаем ва аз рӯи ҳамин маъхаз ба эҷодиёти шоир муроҷиат намудем. Дар зарурат нусхаи тоҷикистонӣ ҳамеша дар ихтиёри мо буд.

Тавре ишора рафт, девони шоир аз қасоид, қиттаот, ғазалиёт, таркиббанду тарҷеъбанд ва рубоиёт иборат мебошад. Бояд гуфт, ки дар «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ дар таносуби жанрҳои шеърӣ тағйироти ҷиддие ба назар намерасад. Ин ҷо тартиб ва таносуби жанрии он раванди таҳаввулу тағйироти жанрии назмро, ки дар як муддати кӯтоҳ, асосан дар нимаи аввали асри XII ба амал омада буд, инъикос кардааст, ки якояк дида мебароем.

**Қасоид.** Бояд гуфт, ки қисми асосии ашъори Сайфи Исфарангиро қасида ташкил медиҳад. Дар матни мавриди истифодаи мо 198 қасида, дар маҷмӯъ 7431 байт мавҷуд аст.

Роҷеъ ба теъдоди абъёт, сохту мухтаво ва мазмунсозию маъниофарии қасидаҳои шоир вобаста ба номи диссертатсия дар бобу фаслҳоиояндаи он батафсил мулоҳизаронӣ хоҳад шуд.

**Қиттаот.** Қиттаоти Сайфи Исфарангӣ баъд аз қасида дар эҷодиёти ӯ ҷойи дувумро ишғол менамояд. Теъдоди қитъаоҳои шоир дар нусхаҳои мавҷуда гуногун омадаанд. Масалан, дар нусхаи китобхонаи ба номи Сальтыков- Щедрини ш. Санкт-Петербург 177 адад, дар нусхаи китобхонаи

шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон 157 адад, дар нусхаи рақами 59 фонди дастнависҳои шарқии ба номи ак. А. Мирзоеви АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон 150 адад қитъа нишон дода шудааст. Дар нусхаи илмӣ-интиқодии Зубайда Сиддиқӣ 163 адад қитъа ҷой дорад. Аз ин 163 адад қитъаи 1 9 байт, қитъаи 2 3 байт, қитъаи 3 25 байт, қитъаи 4 14 байт, қитъаи 5 3 байт, қитъаи 6 10 байт, қитъаи 7 11 байт, қитъаи 8 8 байт, қитъаи 9 21 байт, қитъаи 10 14 байт, қитъаи 11 7 байт, қитъаи 12 7 байт, қитъаи 13 14 байт, қитъаи 14 15 байт, қитъаи 15 4 байт, қитъаи 16 3 байт, қитъаи 17 11 байт, қитъаи 18 4 байт, қитъаи 19 10 байт, қитъаи 20 9 байт, қитъаи 21 13 байт, қитъаи 22 13 байт, қитъаи 23 13 байт, қитъаи 24 8 байт, қитъаи 25 12 байт, қитъаи 26 13 байт, қитъаи 27 10 байт, қитъаи 28 12 байт, қитъаи 29 13 байт, қитъаи 30 14 байт, қитъаи 31 13 байт, қитъаи 32 11 байт, қитъаи 33 8 байт, қитъаи 34 13 байт, қитъаи 35 15 байт, қитъаи 36 10 байт, қитъаи 37 14 байт, қитъаи 38 15 байт, қитъаи 39 7 байт, қитъаи 40 11 байт, қитъаи 41 16 байт, қитъаи 42 15 байт, қитъаи 43 7 байт, қитъаи 44 9 байт, қитъаи 45 11 байт, қитъаи 46 7 байт, қитъаи 47 4 байт, қитъаи 48 11 байт, қитъаи 49 14 байт, қитъаи 50 4 байт, қитъаи 51 3 байт, қитъаи 52 4 байт, қитъаи 53 10 байт, қитъаи 54 11байт, қитъаи 55 12 байт, қитъаи 56 7 байт, қитъаи 57 13 байт, қитъаи 58 15 байт, қитъаи 59 9 байт, қитъаи 60 15 байт, қитъаи 61 15 байт, қитъаи 62 5 байт, қитъаи 63 11 байт, қитъаи 64 6 байт, қитъаи 65 3 байт, қитъаи 66 5 байт, қитъаи 67 7 байт, қитъаи 68 9 байт, қитъаи 69 5 байт, қитъаи 70 10 байт, қитъаи 71 10 байт, қитъаи 72 10 байт, қитъаи 73 24 байт, қитъаи 74 12 байт, қитъаи 75 13 байт, қитъаи 76 9 байт, қитъаи 77 12 байт, қитъаи 78 23 байт, қитъаи 79 21 байт, қитъаи 80 8 байт, қитъаи 81 3 байт, қитъаи 82 9 байт, қитъаи 83 10 байт, қитъаи 84 15 байт, қитъаи 85 12 байт, қитъаи 86 21 байт, қитъаи 87 19 байт, қитъаи 88 16 байт, қитъаи 89 15 байт, қитъаи 90 18 байт, қитъаи 91 15 байт, қитъаи 92 18 байт, қитъаи 93 15 байт, қитъаи 94 13 байт, қитъаи 95 15 байт, қитъаи 96 15 байт, қитъаи 97 11 байт, қитъаи 98 16 байт, қитъаи 99 6 байт, қитъаи 100 4 байт, қитъаи 101 3 байт, қитъаи 102 5 байт, қитъаи 103 11 байт, қитъаи 104 3 байт, қитъаи 105 14 байт,

қитъаи 106 9 байт, қитъаи 107 3 байт, қитъаи 108 12 байт, қитъаи 109 13 байт, қитъаи 110 8 байт, қитъаи 111 11 байт, қитъаи 112 6 байт, қитъаи 113 13 байт, қитъаи 114 15 байт, қитъаи 115 9 байт, қитъаи 116 8 байт, қитъаи 117 17 байт, қитъаи 118 11 байт, қитъаи 119 9 байт, қитъаи 120 11 байт, қитъаи 121 12 байт, қитъаи 122 3 байт, қитъаи 123 16 байт, қитъаи 124 10 байт, қитъаи 125 14 байт, қитъаи 126 11 байт, қитъаи 127 14 байт, қитъаи 128 13байт, қитъаи 129 8 байт, қитъаи 130 5 байт, қитъаи 131 8 байт, қитъаи 132 10 байт, қитъаи 133 11 байт, қитъаи 134 8 байт, қитъаи 135 25 байт, қитъаи 136 25 байт, қитъаи 137 13 байт, қитъаи 138 11 байт, қитъаи 139 10 байт, қитъаи 140 15 байт, қитъаи 141 9 байт, қитъаи 142 10 байт, қитъаи 143 10 байт, қитъаи 144 15 байт, қитъаи 145 20 байт, қитъаи 146 16 байт, қитъаи 147 19 байт, қитъаи 148 6 байт, қитъаи 149 14 байт, қитъаи 150 10 байт, қитъаи 151 3 байт, қитъаи 152 3 байт, қитъаи 153 11 байт, қитъаи 154 10 байт, қитъаи 155 17 байт, қитъаи 156 8 байт, қитъаи 157 11 байт, қитъаи 158 10 байт, қитъаи 159 13 байт, қитъаи 160 6 байт, қитъаи 161 13 байт, қитъаи 162 8 байт, қитъаи 163 9 байт дошта, ҷамъан 1813 байтро ташкил менамоянд. Аз ин адади қитъаҳо 147-тои онҳо бо сарлавҳа омада, дар онҳо ҳадафҳои шахсии қаҳрамони лирикии қитъаҳо баён ёфтаанд. Масалан, «Дар ҳаҷви Ҳомидӣ», «Фӣ ҳабси ҳол», «Дар ҳаққи Камолиддин Холиди Самарқандӣ», «Дар ҳаққи Ғиёсиддин Додмаликшоҳи Кошонӣ, «Дар ҳаққи Насриддин Сайид (а)», «Дар ҳаққи Садриддин ат-Тирмизӣ», «Дар мадҳи Зиёуддавлат», «Дар мадҳи ифтихори ҷаҳон», «Дар ҳаққи Тоҷиддин Маҳмуд», «Фӣ Хоҷа Имоми аҷал Зиёуддини Форсии Хуҷандӣ», «Дар мадҳи Зиёуддин» ва ғайра. Қитъаҳои шоир дар вазнҳои гуногуни арӯзи тоҷикӣ-форсӣ навишта шуда, 80 қитъа танҳо бо қофия ва мутабоқӣ дар баробари қофия радиф ҳам доранд.

Шояд суоле ба миён ояд, ки чаро абёти 163 қитъаи Сайфи Исфарангӣ дар алоҳидагӣ нишон дода шуд? Ин ба он маъност, ки абёти гуногуни қитъаҳои шоир вобаста ба мавзӯъ ва матраҳи он, яъне дар қитъа ҳал шудани ҳадафи эҷодкор нуҳуфтааст. Ба ҳамин хотир мо босаброна ва ботаҳаммул онро рӯйи коғаз овардем. Масалан, дар қитъаи дар ҳаққи садре бо номи

Ҳуссомиддин, ки замоне адабпарвару дасткушод ва соҳибэҳсон будааст, дар 5 байт асту ин тавр омада ва муҳтаво ҷамъбаст гардидааст:

Ҳусомиддин, куҷо рафт, он гаҳи лутф
Дили ғамгини моро шод мекард.
Шабистони дилафрӯзи хирадро
Санои ту хаёлобод мекард.
Дили мардум ба ёди ҳасрати ту
Чу бода хирмани ғам бод мекард.
Атои ту умеди ҳар дареро
Зи банди имтиҳон озод мекард.
Зи даврон муфлисонро дод медод,
Зи эҳсон мухлисонро ёд мекард. [11, 544]

Ё шоир ҳаҷви Шамс Ҳомидиро дар 4 байт оварда, андешаи худро хеле ҷолиб хулоса карда мегӯяд:

Бемории Шамси Ҳомидиро
Тадбири ғизо зи хони марг аст.
Таскини ҳарорати таби ӯ,
Дар шарбати ҷонситони марг аст.
Гар бархезад «наузу биллаҳ»,
Он ҳам асари ситони марг аст.
Монанди чароғи зиндапажмон,
Зинда шуданаш нишони марг аст. [11, 517]

Бад-ин минвол метавон ба муқаттаоти Сайф аз ҳамин зовияи масъалагузории ӯ наздик шуд. Ҳамин тавр, қитъаҳои хурди шоир аз 3 байтӣ дошта, қитъаҳои калонаш то ба 25 байт мерасанд.

Бояд гуфт, ки дар девони Сайфи Исфарангӣ қитъа мавқеи намоён дошта,

аз нигоҳи мавзӯъ низ доманадору гуногунпаҳлӯст. Дар муқаттаоти шоир дар баробари мавзӯъҳои ҳабсиҳолӣ, ҳаҷвӣ, иҷтимоӣ, таърифи аҳли ҳунар дар мисоли хаттоити забардасти он замон Авҳадиддини Ваҳид (Авҳадиддини Ваҳид, эй сари арбоби ҳунар, - Назмро зевари хатти ту диловез кунад), лаҳзаҳои алоҳидаи зиндагӣ мо бештар бо васфияю мадҳияҳо, ки чандон хоси жанри қитъа нест, дучор меоем. Аз ҷумла, қитъаҳои дар ҳаққи Садриддини Тирмизӣ, Зиёуддини Хуҷандӣ, Заҳириддини Кошифӣ, Тоҷиддини Маҳмуд, Бурҳониддини Насафӣ, Тоҳири Самарқандӣ, Амир Амиди Тирмизӣ, Камолиддин Холиди Самарқандӣ, Бадриддин Муҳаммади Самарқандӣ ва ғайра садрҳо бахшидаи эҷодкор оҳангҳои мадҳӣ дошта, бештаринашон онҳо вобаста ба чизе аз онҳо умедвор шудани шоир гуфта шудаанд. Масалан, шоир дар васфияи зер аз Шарафулмулк пойпӯше талаб намуда менависад:

Шарафулмулк, ки хуршеду маҳ аз баҳри шараф
Бандаи давлати иқболнамои ту бувад.
Дар шабистони шаби тор чароғи анҷум
Зодаи як шарари шамъи сарои ту бувад…
Баҳр бо он ки аз ӯ абр кунад дарюза,
Раҳ нишони гузари абри сахои ту бувад…
Мар маро гарчи дар ин пардаи дилгири ҳавас
Рӯзу шаб вирди забон шукру санои ту бувад.
Мондаам дар ҳаваси он ки ба ҷо хоҳам ёфт
Мӯзаеро, ки ба андозаи пойи ту бувад. [11, 576-577]

Ҳаҷв дар муқаттаоти Сайфи Исфарангӣ ҷои худро дошта, дар баробари тезутунд будан хеле кушоду равшан ва ошкоро аст. Таваҷҷуҳ кунед ба ин ҳаҷвияи шоир, ки ба Шамсиддин Ҳомидии табиб бахшида шудааст:

Шамсаки Ҳомидӣ, ки саг беҳ аз ӯ,
Он замоне, ки шергир шавад,
Аз суханҳои сарди нохуши ӯ
Маҷлиси гарм замҳарир шавад.

Ҳоша, аз мантиқи парешонаш

Ҷамъ пажмону базм пир шавад.

Боди субҳ ар дар он миён бивазад,

Аз дами ӯ вабопазир шавад. [11, 517]

Қитъаҳои ҳаҷвии шоир баёнгари онанд, ки дар он замон дар Мовароуннаҳр дар баробари мавзӯъҳои дигар ин мавзӯъ низ хеле вусъат доштааст.

Сайфи Исфарангӣ дар жанри қитъа чистоне низ сурудааст, ки матни он ин аст:

Он чист, ки чун моҳи гирифта-ст ба сурат,

Дилкаш чу бад-ӯ дарнигарӣ, боз гушояд.

Бар пушт бувад рӯяшу нофаш ба шикам-бар,

Нофаш чу бигирӣ, шикамаш рӯй намояд.

Аз чашми зану мард ба вақти нигаристан

Обистани мардум шаваду ҳеҷ назояд?! [11, 554]

Ҳамин тавр, Сайф дар гуфтани қитъа, бахусус қитъаҳои мадҳӣ, маҳорати хуб дошта, дар қитъаҳои васфии ӯ оҳангҳои қасидаҳои мадҳиро метавон дарёфт. Вале аз замири ин қабил қитъаҳои шоир ҳамоно оҳангҳои иҷтимоии замон бо ҳама паҳлуҳои он ба гӯш мерасад, ки имрӯз ҳам аҳамияти худро нигоҳ дошта омадаанд.

**Ғазалиёт**. Шумораи ғазалиёти Сайфи Исфарангӣ чун қасоиду қитаоти ӯ дар нусхаҳои қаламии девонаш, ки то рӯзгори мо расидаанд, гуногун оварда шудаанд. Масалан, агар дар нусхаи қаламии шоир, ки дар Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст, 176 ғазал нишон дода шуда бошад, дар нусхаи ганҷинаи дастнависҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон 58 ғазал ҷой дорад. Дар матни илмӣ-интиқодии таҳиянамудаи Зубайда Сиддиқӣ 112 ғазал омадааст, ки 1225 байтро ташкил медиҳад [11, 606-672]. Ғазалҳои мавсуф аз 5 то 18 байт мебошанд. «Мунтахаби ашъор»-и Сайфи Исфарангӣ, ки Лола Сулаймонова таҳия намудааст, 65 ғазал дорад [10, 63-

102]. Ин муҳаққиқ дар асоси мунтахаби тайёрнамудааш теъдоди абёти ғазалҳои шоирро аз 5 то 16 баршумурдааст. Ин ҳама ба он маъност, ки ҳанӯз матни комили илмӣ- интиқодии «Девон»-и шоир комилан анҷом дода нашудааст ва заҳмати заҳими матншиносонро интизор мебошад.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки тағйироти ба назар намоёни «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ дар он мавқеи муҳим пайдо кардани жанри ғазал аст. Дар мавриде, ки дар девони Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъд, Мухторӣ барин шоирони нимаи дувуми асри XI ва аввали асри XII ғазал ниҳоят кам буда, аз хусуси мавқеи ин жанр дар эҷодиёти онҳо ҳатто ҳарф задан мумкин нест [32, 223], аз Сайф камобеш 110 ғазал боқӣ монда, як қисми муҳимми девони ӯ ба ҳисоб меравад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар аввали асри XII1 пешрафти ғазал ва мақоми алоҳида пайдо кардани он ҷонноктар мегардад ва ин ҳарчӣ бештар роҳ ҳамвор кардан ба ояндагони ғазалсаро буд. Вале вобаста ба ғазали шоир ҳаминро бояд қайд кард, ки ӯ дар шоирӣ тахаллуси худро «Сайф» қабул карда бошад ҳам, дар ҳеҷ ғазалаш ин тахаллус дар ҳусни матлаъ наомадааст. Аз ин рӯ, ғазалҳои Сайф асосан дар мавзӯи лирикӣ навишта шуда бошанд ҳам, аксар ба ташбибҳои ишқӣ шабоҳат доранд:

Доваре ку, ки зи ишқи ту диҳад дод маро,

Хабаре ку, ки ба васли ту кунад шод маро?

Чашми турконаи ту шаҳнаи ҳолоти ман аст,

Бо чунон шаҳна бувад заҳраи фарёд маро.

Дар сабӯҳӣ, ки ба ёди ту кашам ҷоми умед,

Заҳри нӯшини ғами ишқи ту хуш бод маро!... [11, 609]

Мисраи аввали ин ғазал дар нусхаи тоҷикистонии рақами 59 «Доваре ку, ки зи ишқи ту кунад ёд маро» омадааст, ки ғалат мебошад.

Дар ғазал қаҳрамони лирикии шоир **ошиқ** пайваста ба дилбари худ, ба маъшуқаи худ мурочиат мекунад, ҳастии худро ба ӯ мебахшад (Дило, гар ошиқӣ аз ҷон маяндеш, - Ба охир ҳарчӣ гӯяд, з-он маяндеш), нозукиҳои ӯро тараннум мекунад (Сухан то нагӯяд, даҳонаш набинам, - Сурин то наҷунбад, миёнаш набинам) ва хуррамию осудагии зиндагиро дар он мебинад, ки:

Хуррам дили он ки ёфт боре,
Дар боргаҳи қабули ёре,
Бархост зи хоб бо нишоте,
Биншаст ба ком бо нигоре. [10, 98]

Дар ғазалҳои Сайфи Исфарангӣ ба ғайр аз мавзӯи ишқ метавон ба мавзӯю мазмуни ҳасби ҳол ва оҳанги норизоӣ аз замон дучор омад. Бегумон ин мавзӯъҳо аз маводи қитъа ва қасидаҳои шоир маншаъ гирифтаанд, зеро дар онҳо дида мешавад, ки назараш ба замон ва аҳли он чӣ гуна аст. Мавзӯи ғайриишқӣ ва ишқии шоир аз ҳам бегона нестанд ва байни ҳам ҳамоҳангие доранд.

Шикояти эҷодкор аз замон ва аҳли он дар ғазалҳое дида мешаванд, ки дар онҳо ғаму ғуссаи қаҳрамони лирикӣ аз ҳиҷрон ё ҷафоҳои ёр ба тасвир кашида шудааст:

Аз ҳавои дилбарон бас шуд маро
В-аз санои сарварон бас шуд маро.
Борҳо чандон кашидам з-ину он,
К-аз худу аз дигарон бас шуд маро…
Боз дидам сурати ҳоли ҷаҳон
В-аз ҳама суратгарон бас шуд маро… [11, 605-610]

Ниҳоят, ғазал як рукни асосии эҷодиёти Сайфи Исфарангиро ташкил дода, дар он на танҳо қаҳрамони лирикӣ ва «ман»-и гӯяндаи ғазал, балки «ёр» ҳам аз доираи мафҳуми муқаррарии ишқӣ берун ҷаста, маънии асосии ҳаётӣ ва инсонӣ касб намудааст, ки ин паҳлуи ғазалиёти шоир ҳам таҳқиқи амиқу доманадорро мехоҳад.

**Таркиббанд ва тарҷеъбандҳо.** Таркиббанду тарҷеъбандҳои Сайфи Исфарангӣ зиёд набуда, аз 14 адади онҳо 13-тоашон таркиббанд ва як адад

тарҷебанд мебошанд, ки теъдоди умумии абёташон 940 байт аст. Тарҷеъбанди шоир аз 56 байт иборат буда, 7 банд ва ҳар банди он 8 байт дорад.

Бояд гуфт, ки таркиббандҳои ин адиби мовароуннаҳрӣ асосан мадҳӣ буда, бар мадҳи ҳамзамонони мансабдораш Сайид Носириддини Аҳмад, Муҳаммад Ҷалолуддин, Кофии Самарқандӣ, Тоҳир Абӯбакри Самарқандӣ, Рукниддини Алкандӣ, Рафеи Тирмизӣ, паҳлавони Хуросон Ашрафиддин, Ҳусайнии Балхӣ ва дигарон, ки бештар аҳли мансаб ё садрҳо будаанду бо онҳо наздикӣ ва нишастухез доштааст, суруда шудаанд. Дар ин таркиббандҳо беҳтарин сифатҳои мамдӯҳ як-як баршумурда шуда, заҳмати онҳо дар барҷой нигоҳ доштани дину ойини замон сифат шудаанд. Аз ин метавон маънӣ гирифт, ки мамдӯҳони шоир дар таркиббандҳояш асосан садрҳои мовароуннаҳриянд. Ғайр аз ин чанд таркиббанди вай ба марги бародараш Шаҳобуддин, Ғиёсиддини Кошонӣ, Қозӣ Рукниддин, Фахрулмулук Тоҳир ибни Ифтихор, Ихтиёриддини Ҳабаш эҷод шудаанд. Марсияҳои шоир дар ин жанр хеле самимӣ ва таъсирбахш баромадаанд. Барои мисол банди аввали як таркиббанди ӯро бар марги Тоҳир ибни Ифтихори Самарқандӣ, ки аз садрҳои пешқадами давру дар айни замон соҳибэҳтиром будааст, иқтибос менамоем:

Эй мурғи субҳ, хезу нафир аз ҷаҳон барор
В-эй кӯси ид, хуфта чаройӣ? – Фиғон барор.
Бархезу аз мусибати ногоҳи фахри мулк
Овози «ал-Ғиёс» ба ҳафт осмон барор.
То ҷомаи сапеди ҷаҳоне сияҳ кунӣ,
Оташ ба ид дарзану дуд аз ҷаҳон барор.
Эй навҳа, гар чу абри баҳорӣ, фурӯ гирӣ
В-он гаҳ чу раъд нолаи оташфишон барор.
З-омадшуди ту сер шуда-стам ман, эй нафас,
Як раҳ ба дил фурӯ шаву бо оҳ ҷон барор.
Эй сабри корсоз зи ғавғои ҳодисот

Фарёди «ал-амон» зи дили нотавон барор.

Чун даври адл соҳиби девон қалам шикаст,

Гӯ, рӯзгор теғи ситам аз миён барор.

Чун мафхари замину замон зери хок шуд,

Гӯ, турктози ҳодиса гард аз замон барор.

Садри судур, Тоҳири Бӯбакр, фахри мулк,

Эй буда з-эҳтимоми ту обод қасри мулк. [11, 707]

Тарҷеъбанди ягонаи шоир бошад, дар мадҳи яке аз садрҳои барӯманади Бухоро Муҳаммад Ҷалолуддин суруда шудааст, ки байти тарҷеи он ин аст:

Перояи замонаю ороиши замин,

Оли Алои мулк Муҳаммад Ҷалолуддин. [11, 704]

Чун дар қитъа дар таркиббанду тарҷеъбандҳои Сайф монанди қасидаҳояш, ки хоҳем дид, таъсири жанри қасида равшан мушоҳида шуда меистад. Яъне, дар бандҳои аввали онҳо бо як назокати шоирона ташбиб ҷой дода шуда, эҷодкор баъд ба мадҳ ё марсия мегузараду эҳсоси худро мушаххас баён менамояд.

Таркиббанду тарҷеъбандҳои Сайфи Исфарангӣ аз нигоҳи мазмунсозӣ ва маъниофарӣ хеле ҷолиб буда, бо забони бою ғании равон имрӯз ҳам хонданӣ ва истифодабурданиянд. Тавсифи шаб, фалаку гардиши гардун, саҳар, насими субҳ, баҳор, саҳни чаман дар баҳор, навои мурғони саҳархез дар ин асарҳои офаридаи шоир дилнишинанду чун навори филме пай дар пай назарро равшан менамоянд.

**Рубоиёт.** Рубоиёти Сайфи Исфарангӣ низ як қисми осори манзуми ӯро ташкил менамоянд. Теъдоди рубоиёти шоир ҳам дар нусхаҳои қаламии мавҷуда гуногун ҷой доранд. Масалан, дастнависи рақами 179а, ки дар фонди Санкт-Петербурги Институти шарқшиносӣ маҳфуз аст, 154 рубоӣ дорад. Дар нусхаи ӯзбекистонии №1434 174 рубоӣ ҳаст. Дар нусхаи тоҷикистонӣ 123 рубоӣ омадааст. Дар нашри илмии Зубайда Сиддиқӣ 240 рубоӣ [11, 723-746] ва дар мунтахаби таҳиянамудаи Лола Сулаймонова 101 рубоӣ [10, 186-122]

ҷой дорад. Агарчи такрор аст, боз ҳам таъкид карданием, ки имрӯз аҳли таҳқиқ ниёз ба матни интиқодии «Девон»-и Сайфро доранд.

Роҷеъ ба рубоӣ ва ташаккулу таҳаввули он дар адабиёти тоҷикии форсӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд, ки доир ба он корҳои хубе анҷом ёфтаанду ҳоҷат ба такрор нест [3, 3-6]. Аммо вобаста ба замон ва ҳаёти сипаришудаи Сайфи Исфарангӣ метавон гуфт, ки аз охирҳои асри XI ва бахусус, аз нимаи дувуми асри XII ва аввали асри XIII сар карда, дар доираи мавзӯи рубоӣ дигаргуниҳо ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи аз байн рафтани давлати Ғазнавиҳо ва рӯи кор омадану суст шудани давлати Салчуқиҳо барои шоирон шароити мусоиде барои навтар намудани мавзӯи рубоӣ пеш меояд. Ба ин жанри бадеӣ баробари мавзӯъҳои барои жанри рубоӣ роиҷи пешин мавзӯъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва баътар ирфонӣ вусъат пайдо мекунанд, ки ба он бо гуфтани рубоӣ Сайфи Исфарангӣ низ ҳиссае гузоштааст.

Дар муқоиса бо қасида, қитъа ва таркиббанду тарҷеъбандҳояш Сайф дар эҷоди рубоӣ на ин ки побанди замон нест, балки ба пуррагӣ озод аст ва бештар дар онҳо таронаи дили қаҳрамони лирикӣ, ки ошиқ аст, тараннум месозад. Зиёда аз ин дар рубоиёти шоир метавон андешаҳои созанда, ҳолати рӯҳӣ ва лаҳзаҳои дархурди мақоми гӯяндаи онҳоро суроғ кард, ки дар зимни мавзӯъҳои иҷтимоию фалсафӣ, ишқию ахлоқӣ гуфта шудаанду баёнгари ҳолоти зоҳирию ботинии суханвар мебошанд:

Асрори ту дар парда ниҳон мегӯям,
Рози ту чу чанги безабон мегӯям.
То гӯши ман аз ҳоли ту огаҳ нашавад,
Бо дил сухани ту дар ниҳон мегӯям. [11, 740]

Қаҳрамони лирикии шоир – Ошиқ бе он ки аз ҷабри Маъшуқа озорҳо мебинаду бори ғами маъшуқа мекашад, аз ҳарифон худро боло мегузорад, дину дунёро нисори ёр месозад, шабзиндадорӣ менамояд, дар гирди шамъи рухи ӯ парвонасифат пару бол месӯзад, дарди ҳиҷрон мекашад ва менолад:

Дар ишқи туам умеди беҳрӯзӣ нест

В-аз аҳди шаби висоли ту рӯзӣ нест.

Аз оташи ту чаро дилам месӯзад?

Чун субҳ туро одати дилсӯзӣ нест! [11, 728]

Рубоиёти Сайфи Исфарангӣ бо забони соддаю равони модарӣ навишта шуда, қаҳрамони лирикии онҳо дар ҳаракат, ҷустуҷӯ ва барои дарёфти хоҳиши дили худ мубориз аст. Андешаҳои ҳикматомези ин рубоиҳо ҳамқадами ҳамаи давру замонҳоянд ва зиндагии бардавоми эҷодкор ба шумор меравандд.

Ниҳоят, «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ аз қасоид, қиттаот, ғазалиёт, таркиббанду тарҷеъбанд ва рубоиёт иборат буда, ҳаҷми умумиаш, ки дар даст дорем, 11900 байтро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон ишораи маъхазҳоро, ки девони шоирро 12000 байт гуфтаанд, қабул намуд. Дигар ин ки ҳам ишораҳои маъхазҳои мавҷуда ва ҳам таъйиди аҳли таҳқиқи ба осори Сайф муроҷиатнамуда он аст, ки мавсуф пеш аз ҳама шоири қасидасарост. Вақте ба шумори қасидаҳо ва теъдоди умумии абёти онҳо муроҷиат мешавад, ба ин боварии том ҳосил мегардад. Суханвар дар жанри қасида, қитъа ва таркиббанду тарҷеъбанд асосан шоири мадеҳасаро буда, дар жанри ғазал ва рубоӣ ба пуррагӣ озод асту қаҳрамони лирикии ӯ ҳам ба зиндагӣ, бо тамоми паҳлуҳояш ва ғаму шодиҳояш ва ҳам ба одамон ошиқона ва бо муҳаббат менигарад. Аз ин ҷиҳат ин қисмати асосии эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ дар рӯзгори мо низ аҳамиятнок дониста мешавад. Дар ин миён қасидаҳои шоирро наметавон истисно намуд.

# БОБИ II. СОХТ ВА МУҲТАВОИ ҚАСИДАҲОИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

Қасида, ки аз қадимтарин жанрҳои шеърии адабиёти классикии тоҷикии форсӣ дониста шудааст, дар замони салтанати Сомониён бо қасидаҳои то ба мо расидаи падари шеъри форситаборон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (858-941) ба шакл даромадаву мукаммал гардида, дар асрҳои XI – XII, бахусус асри XIII-и ин адабиёт бахши асосии осори шоиронро вобаста ба тақозои давру замон фаро гирифта буд. Ин мулоҳизаҳоро ашъори то ба рӯзгори мо омада расидаи Рӯдакӣ ва ҳамасрони вай - Носири Хусрав, Саъди Салмон, Асадии Тӯсӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Мухторӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Саноӣ, Аттор, Анварӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Заҳири Форёбӣ таъйид менамоянд, ки дар ин миён офаридаҳои суханвари тавонои мовароуннаҳрӣ Сайфи Исфарангӣ истисно нестанд.

Дар бораи фаъолияти илму адаб дар замони қатлу ғоратгариҳо ва нобасомониҳои муғулу каме пештар аз он ва идомаи суннатҳои адабии адабиёти тоҷикии форсӣ, аз ҷумла қасидагӯию мадеҳасароӣ, шумораи зиёди адибону суханварон дарак медиҳанд. Адабиётшиноси эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби худ «Таърихи адабиёт дар Эрон»

[ 105, 834] роҷеъ ба рӯзгору осори 76 нафар шоир маълумот додааст, ки аксарияташон қасидагӯю мадеҳасаро будаанд. Агар то Сайфи Исфарангӣ дар аҳди муғул Низории Куҳистонӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Ҷунайди Шерозӣ, Қонеӣ, Бадри Ҷоҷармӣ, Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Саъдии Шерозӣ, Салмони Соваҷӣ, Сайфи Фарғонӣ, Бадри Чочӣ, Фахриддини Ироқӣ ва дигарон ба гуфтани қасида ном баровара бошанд, метавон гуфт, ки анъанаи онҳоро адиби исфарангӣ собитқадамона идома додааст.

Бояд гуфт, ки дар ҳамаи маъхазҳои доир ба Сайфи Исфарангӣ ишорае намуда, дар хулосаҳои мухтасари ба суханвар додаи аҳли таҳқиқи баъдина омада, ки вай пеш аз ҳама шоири қасидасаро мебошад. Масалан, Давлатшоҳи Самарқандӣ ба як қасидаи Хоқонӣ ҷавоб гуфтани вайро хабар диҳад, Лутфалибеки Озар доир ба хизмати ӯ дар дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ ва

ба он подшоҳ «қасоиди некӯ» гуфтани ӯро ёдовар мешавад. Баъдтар Ҳусайнқулихони Азимободӣ

[1], Ризоқулихони Ҳидоят [26], Садри Зиё [8] ва дигарон аз шоири мадеҳасаро будани Сайфи Исфарангӣ ва ба қасоиди Хоқонию Заҳири Форёбӣ татаббӯъ кардани ӯ ишора намудаанд.

Аҳли таҳқиқи адабиёти тоҷикии форсӣ Э. Браун, Ҳ. Эте, А.Е. Кримский, Е.Э. Бертелс, И. Брагинский, С. Нафисӣ, З. Сафо, З. Муътаман, Б. Фурӯзонфар, А. Фитрат, А. Зарринкӯб, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, Х. Шарифзода, Р. Мусулмонқулиён, А. Сатторзода, А. Афсаҳов, З. Сиддиқӣ, И. Икромов, У. Тоиров, С. Саъдиев, М.Л. Рейснер, З.Н. Ворожейкина, Л. Сулаймонова, Р. Қудратов, А.М. Хуросонӣ, У. Казакова, Ш. Раҳмонов, Т. Мардонӣ, М. Раҳмонов ва дигарон дар бораи қасида ва шоирони қасидасарои ин адабиёт сухан ронда, аз Сайфи Исфарангӣ ва эҷодиёти ӯ, бахусус қасидасароияш ёд карда бошанд ҳам, мутаассифона доир ба қасидасароии вай ё ишорае надоранд ё бо андешаҳои парешону умумигӯӣ қаноатманд шудаанд. Дар ин миён танҳо адабиётшиноси тоҷик Л. Сулаймонова зимни омӯзиши рӯзгору осори мухтасари шоир то андозае доир ба теъдод ва мазмуну мундариҷаи қасидаҳои ӯ дар 1, 5-2 саҳифа баъзе хулосаҳои умумии худро иброз доштаасту халос, ки хеле мухтасар аст.

Муҳаққиқи рус М.Л. Рейснер дар диссертатсияи доктории худ таҳлилу баррасии қасидаҳои тоҷикӣ-форсиро аз оғоз то истилои муғул мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дода, дар қатори як зумра қасидасароёни маддоҳ аз Сайфи Исфарангӣ ёд карда бошад ҳам, ба хусусиятҳои жанрӣ, ғоявӣ ва бадеии қасидаҳои Сайф диққати амиқ равона накардааст ва ҳадафи ӯ ҳам ин набуда.

Ин ҳама гуфтаҳои фавқ доир ба қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ва дар ҳақиқат, дар навбати аввал шоири қасидасаро будани ӯ моро водошт, ба ин мавзӯи наомӯхтаи эҷодиёти адиб таваҷҷуҳи ҳарчӣ бештар равона намоем ва ба сохту устухонбандӣ, мазмуну муҳтаво, хусусиятҳои жанрию сабкӣ, маҳорати мазмунсозию маъниофарии суханвар то ҷое равшанӣ андозем.

## 2.1. Сохти қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ

Қасида аз анвои шеъри ғиноии адабиёти тоҷикии форсӣ буда, маънои луғавиаш «қасдшуда» ва истилоҳаш дар суннати ин адабиёт аз қолабҳои шеърист.

Сохти қасида пеш аз ҳама бо истифода аз қофияи он шинохта мешавад. Он дар байти аввал ҳамқофия буда, байтҳои минбаъдаи гуфташуда бо байти аввал ҳатман ҳамқофия шуда меоянд, ки онро метавон ин тавр ишора намуд: Байти аввал **аа** ва байтҳои сонӣ **ба, ва, га, ғa, да** ва ғайра.

Вобаста ба мавзӯъ бояд гуфт, ки як қасидаи пурраи суннатии адабиёти тоҷикии форсӣ аз якчанд бахш иборат мебошад:

**1. Матлаъ,** яъне байти аввали ҳамқофияи он дар назар аст. Баъзан қасидасароён қасидаро ба якчанд қисми хурд-хурд тақсим намуда, барои ҳар қисм матлаи наве гуфтаанд, ки ин ба ҳунари гӯянда вобаста мебошад. Ин амалро дар назарияи адабиёт **таҷдиди матлаъ** мегӯянд. Дар ин маврид шарт аст, ки дар тамоми қасида ягонагии вазн ва қофия нигоҳ дошта шавад.

**2. Ташбиб ё насиб**, ки муқаддимаи қасидаро ташкил мекунад. Маъмулан мавзӯи ин бахши қасидаро ишқ, тасвири табиат, васфи соқӣ ва маю бода, шикоят аз рӯзгор ва ғ. ташкил медиҳанд. Ин ҳама бавуҷудоварандаи вазъи муносиб барои баёни «қасд»-и аслӣ аст. Агар эҷодкори қасида аз ташбиб ё насиб истифода накарда, мақсад ва ҳадафашро мустақиман баён намояд, чунин қасидаро маҳдуд ё муқтазаб мегӯянд. Баъзан истилоҳи ташбиб ё насибро **тағаззул** ҳам гуфта ва дар адабиётшиносӣ ба таври васеъ қабул намудаанд.

**3. Тахаллус ё гурез,** ки ин бахши қасида баргардиши матлаб аз ташбиб ва насиб ба мақсади асосӣ аст. Шоир бо мақсади овардани як ё якчанд байт мавзӯи суханро аз ташбиб ба тарафи мавзӯи асосӣ баргардонида, ба тасвиру баёни он мепардозад. Ана дар ҳамин гузариш ё гурез мавзӯи қасида иваз

мешавад. Дар ин гурез байни ташбибу мавзӯи асосӣ шоир бояд чунон комил бошад, ки он ногаҳонӣ набошад ва зиёда аз ин хонанда ин гузаришро дарк нанамояд.

**4. Мадҳ,** ки асли мақсади суханвар ва бахши поёнии қасида дониста шудааст. Дар ин бахш мақсади асосӣ ба андозаи талаби нияти пешомада ва меъёри бардошти мамдӯҳ баён карда мешавад.

**5. Дуо** ва ин он бахши қасида аст, ки суханвар бо ибораҳои муносиби ҳол муддати бақои мамдӯҳро номаҳдуд ёд мекунад. Дар қасида асосан баҳо аз ду қисм иборат аст; аввалан, ҳамчун мақсади баҳои номаҳдуд ба мамдӯҳ ва сониян, асли дуо, ки орзуи эҷодкор нисбат ба мамдӯҳ, ба монанди «То ҷаҳон боқӣ аст…», «Чу умри Хизр…», «Нарасад осеби маломат…», «Боз моҳи нави иқболи ту…» ва ҳамчунон «Давлати ту поянда бод…» ва ғайра.

6. Ва ниҳоят**, мақтаъ**, ки ба маънои **қатъ** ва байти ниҳоии қасида дар назар аст. Мақтаъ қасидаро хулоса менамояд.

Он чӣ дар боло оварда шуд, ба қасидаҳои мукаммал дахл дорад. Қасидаҳои номукаммал, ки онҳоро бо исми қасидаҳои муқтазаб ва ё маҳдуд ҳам ёд намудем, бидуни ташбиб бо баёни асли мавзӯъ гуфта мешаванд ва намунаашон дар адабиёти мо хеле зиёд аст.

Сайфи Исфарангӣ дар эҷоди ҳам қасидаи мукаммал ва ҳам қасидаи муқтазаб маҳорати баланд доштааст. Вале ҳамчун шоири мадеҳагӯй вай монанди Унсурӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Анварии Абевардӣ таваҷҷуҳи бештаре ба қасоиди муқтазаб дорад, ки ин аз ним зиёди қасоиди шоирро ташкил медиҳад. Беш аз 100 қасидаи Сайфи Исфарангӣ қасидаҳои аз нигоҳи сохт номукаммаланд, ки бо васфи мамдӯҳ оғоз ёфтаанд. Ин баёнгари он аст, ки аксарияти қасидаҳои шоир мадҳиянду эҷодкор дар баробари зиёд будани ин навъи қасидаҳояш мамдӯҳони зиёд низ доштааст. Дар ин бора дар фасли баъдинаи диссертатсия муфассалтар истода мегузарем.

Бештари қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ унвон дошта, ба кӣ ва ба кадом муносибат эҷод гардиданашон аз муҳтавои худи қасидаҳо бармеоянд. Вале бояд таъкид намуд, ки барқарор намудани таъриху санаи навиштани ин

қасидаҳо ғайри имкон аст, ҳамчуноне муайян намудани шахсияти бештари мамдӯҳони шоир, ки аз онҳо танҳо дар қасидаҳои мадҳии эҷодкор ном бурда шудаасту халос, номумкин аст.

Тавре ишора рафт, дар нусхаҳои қаламии «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ қасидаҳояш монанди қитъаҳо, ғазалиёт, таркиббанду тарҷеъбандҳо ва рубоиёти шоир аз рӯйи теъдод ва маҷмӯи абъёт гуногун ҷой дода шудаанд. Агар дар нусхаи қаламии рақами 179а-и фонди Санкт-Петербургии Институти шарқшиносии Федератсияи Руссия 219 қасида ҷой дошта бошад, дар Ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон 203 қасида, дар Ганҷинаи нусахи қаламии ба номи академик Абдулғанӣ Мирзоеви АИ Тоҷикистон 194 қасида мавҷуд аст. Матни илмии Зубайда Сиддиқӣ, ки дар асоси нусхаҳои қаламии китобхонаи «Ганҷбахш»-и Маркази таҳқиқоти форсии Эрону Покистон дар Исломобод, Донишкадаи адабиёти донишгоҳи Теҳрон, осорхонаи Британия, микрофилме аз фонди Донишгоҳи Теҳрон ба хатти настаълиқи зебо, акси нусхаи китобхонаи Санкт-Петербург, ки дар Донишгоҳи Теҳрон маҳфуз аст, нусхаи Донишгоҳи Панҷоби Лоҳур, ду нусхаи китобхонаи Будлиён, ду нусхаи осорхонаи Истамбул анҷом дода шудааст, 198 қасидаи шоирро дар бар кардааст. Дар ин маврид Зубайда Сиддиқӣ менависад, ки «Илова бар ин нусхаҳо аз «Девон»-и Сайф нусхаҳои мутааддиде дар китобхонаҳои Ҳиндустон, Теҳрон, Тоҷикистон суроғ дорем, ки ҳеҷ кадом бештар аз 7000 байт надорад» [11, 58]. Ин 198 қасида дар маҷмӯъ 7494 байтро ташкил медиҳанд, ки ҷадвали онро метавон ба ин тартиб нишон дод:

| № | Ҳаҷми қасидаҳо (байт) | Адади қасидаҳо | Шумораи умумии байтҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | 17 байтӣ | 1 | 17 |
| 2 | 25 байтӣ | 7 | 175 |
| 3 | 26 байтӣ | 3 | 78 |
| 4 | 27 байтӣ | 4 | 104 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5 | 28 байтӣ | 3 | 84 |
| 6 | 29 байтӣ | 12 | 348 |
| 7 | 30 байтӣ | 7 | 210 |
| 8 | 31 байтӣ | 16 | 496 |
| 9 | 32 байтӣ | 14 | 448 |
| 10 | 33 байтӣ | 9 | 297 |
| 11 | 34 байтӣ | 3 | 102 |
| 12 | 35 байтӣ | 12 | 420 |
| 13 | 36 байтӣ | 4 | 144 |
| 14 | 37 байтӣ | 15 | 555 |
| 15 | 38 байтӣ | 12 | 456 |
| 16 | 39 байтӣ | 14 | 546 |
| 17 | 40 байтӣ | 6 | 240 |
| 18 | 41 байтӣ | 2 | 82 |
| 19 | 42 байтӣ | 4 | 168 |
| 20 | 43 байтӣ | 7 | 301 |
| 21 | 44 байтӣ | 3 | 132 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 22 | 45 байтӣ | 5 | 225 |
| 23 | 46 байтӣ | 4 | 184 |
| 24 | 47 байтӣ | 2 | 94 |
| 25 | 48 байтӣ | 5 | 240 |
| 26 | 49 байтӣ | 4 | 196 |
| 27 | 51 байтӣ | 3 | 153 |
| 28 | 52 байтӣ | 1 | 52 |
| 29 | 53 байтӣ | 3 | 159 |
| 30 | 55 байтӣ | 1 | 55 |
| 31 | 56 байтӣ | 3 | 168 |
| 32 | 58 байтӣ | 3 | 174 |
| 33 | 59 байтӣ | 2 | 118 |
| 34 | 62 байтӣ | 1 | 62 |
| 35 | 63 байтӣ | 1 | 63 |
| 3 | 71 байтӣ | 1 | 71 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6 | | | |
| 3<br>7 | 73 байтӣ | 1 | 73 |

**Ҷамъ: 198 қасида 7494 байт**

Тавре, ки аз нақша ва ҷамъбасти он маълум аст, Сайфи Исфарангӣ ба монанди қасидасароёни пешини адабиёти тоҷикии форсӣ Унсурӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ, Заҳири Форёбӣ қасидаҳои калонҳаҷм эҷод накардааст ва хурдтарин қасидаи вай 17 байт буда, калонтарин қасидааш 73 байт дорад. Бештари қасидаҳои шоир 29-байтӣ (16 адад), 32-байтӣ (14 адад), 35-байтӣ (12 адад), 37 байтӣ (15 адад), 38-байтӣ (12 адад) ва 39 байтӣ (14 адад) мебошанд.

Аз нигоҳи сохт аз рукнҳои асосии шеъри тоҷикии форсӣ, бахусус қасида, риояи ҳатмии вазну қофия дар он мебошад. Ба ақидаи Муҳаммад Ғиёсиддин дар «Ғиёсу-л-луғот» [7, 339], Қабулмуҳаммад дар «Ҳафт қулзум» [13, 127], Воҷид Алӣ дар «Маҷмаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» [2, 440], Насириддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул ашъор» [24, 26], Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам» [18, 50], Фозил Саидов дар фушурдаи диссертатсияи номзадии худ [110, 5], Е.Э. Бертельс дар «Курс истории персидской литературы» [44, 17], Парвиз Нотили Хонларӣ дар «Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал» [128, саҳ. шаш] ва чанде дигар вазни арӯзро аз арабҳо киниста ва эҷоди онро ба Халил ибни Аҳмад истинод додаанд. Вале устод Садриддин Айнӣ ва аз паси ӯ арӯзшиноси тоҷик Баҳром Сирус бар онанд, ки вазни асосӣ ва анъанавии шеъри тоҷикӣ-форсӣ вазни арӯз асту назар ба ақидаи пешиниён гӯё он аз арабҳо гирифта шуда бошад. Эшон мефармоянд, ки «Ин ақидаи хатост, чунонки вазни ҳазаҷ, рамал, раҷаз ва дигар вазнҳо дар арабӣ тамоман дигар ва дар шеъри тоҷикӣ тамоман дигар аст. Агар шеъри арабиро хонем, дар кадом вазн, ки бошад, ба назари мо наср барин менамояд ва ҳол он ки ҳар шеъри адабиёти тоҷикии форсии худамон шеър будани худро равшан нишон

дода меистад. Агар шоирони мо шеъри арабӣ гуфтаанд, бо арӯзи тоҷикии форсӣ гуфтанд, на бар вазни шеъри араб» [112, 8-9]. Дурустии ин ақидаро С. Айнӣ дар мактуби ба Мирзо Турсунзода навиштааш бо мисолҳои ҷолиб таъйид намудааст [112, 9-11], ки ба он имрӯз ҳам камтар таваҷҷуҳ рафтаасту минбаъд таҳқиқи ҷиддиро талаб менамояд. Ин ишораи мухтасар оид ба вазни арӯзи тоҷикии форсӣ барои он ёдоварӣ шуд, ки қасоиди Сайфи Исфарангӣ ба пуррагӣ дар чаҳорчӯбаи бамеъёрдаромадаи арӯзи тоҷикии форсӣ бо ниҳояти равонию гӯшнавозӣ эҷод гардидаанд.

Омӯзишу пажӯҳиши қасидаҳои суханвари исфарангӣ нишон медиҳанд, ки онҳо бар баҳрҳои аслӣ ва фаръии арӯзи тоҷикии форсӣ ва аркони онҳо гуфта шудаанд. Масалан, қасидаи аввали «Девон»-и шоир бо ин байт шурӯъ мешавад:

Эй зи насими зулфи ту гулшани рӯҳ хушҳаво,
З-ойинаи ҷамоли ту оби ҳаётро сафо. [11, 61]

дар баҳри раҷази мусаммани матвии махбун дар 16 ҳиҷо эҷод шудааст ва афоилу арконаш ин аст:

Муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
Муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун

– VV – / V– V– / – VV – / V– V–
– VV – / V– V– / – VV – / V – V –

Байти навбатӣ низ, ки мисол оварда мешавад, дар ҳамин вазн гуфта шудааст:

Хез, ки субҳ барфишонд аз сари ҳол остин,
Пардагиёни субҳро баргу наво бисоз, ҳин! [11, 392]

Аз ин вазн ва афоилу арконаш Сайфи Исфарангӣ на танҳо дар қасоидаш, балки дар ғазалу қитъаҳояш низ кор гирифтааст.

Мисоли дигар:

Эй шикани зулфи ту, ғолиядони сабо,

Куштаи ишқи туро ҳарду ҷаҳон хунбаҳо. [11, 100]

Ин байт, ки матлаи қасидаи дигари шоир аст, дар баҳри мунсареҳ, ки мунсареҳи мусаммани садр ва ибтидо – матвӣ, арӯз ва зарб – матвии макшуф ном дорад, навишта шуда, 14 ҳиҷо дорад ва афоилу схемаи байт чунин аст:

Муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун

Муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун

– VV – / – V – / – VV – / – V –

– VV – / – V – / – VV – / – V –

Байти зер дар вазни рамали мусаммани садр, ибтидо ва ҳашвайн - солим, арӯз ва зарб – мақсур, яъне мусаммани солими мақсур навишта шудааст, ки 15 ҳиҷои дарозу кӯтоҳ дорад:

Чист он дарё, ки бошад аз равонӣ барқарор,

Чун садаф сodaдаруну аз бурун гавҳарнигор. [11, 234]

Афоилу схемаи ин байт чунин аст:

Фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилон

Фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилон

– V – – / – V – – / – V – – / – V –

– V – – / – V – – / – V – – / – V –

Байти зер низ ҳам вазни байти болоӣ буда, садру арӯзу зарб ва афоилу

схемааш айни ҳамон аст, ки ин ҷо бо овардани байт қаноат мекунем:

Даст даркаш аз ҷаҳон, чун дар ҷаҳон коре намонд,

Кимиёи мардумиро рӯзи бозоре намонд. [10, 9]

Сайфи Исфарангӣ дар эҷоди қасида аз баҳрҳои зиёди арӯзи тоҷикии форсӣ, монанди баҳри ҳазаҷ ва аркони он, баҳри музореъ, баҳри мунсареҳ, баҳри муҷтасс ва ғайра вобаста ба муҳтавои тақозо- менамудаи онҳо моҳирона истифода намудааст.

Он чӣ доир ба вазни қасидаҳои шоир гуфтаву мисолҳо оварда шуд, шаҳодати онанд, ки суханвар дар эҷоди қасида аз ҳар кадоме мақсаднок истифода карда, асосан дар вазни қасида давомдиҳандаи гузаштагони қасидасаро аст. Сайф дар гуфтани ин навъи шеърӣ аз доираи вазнҳои маъмули назми тоҷикии форсӣ онҳоеро интихоб намудааст, ки лаҳну оҳанг ва мусиқияти қасидаҳои ӯро афзуда, гӯшнавоз карда, барои ифодаи рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ, барои ягонагии шаклу мазмун созгор омадаанд. Агар ба таври дигар гуфта шавад, дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ лафзу маънӣ ва зарбу оҳанг чунон ба ҳам омезиш ёфтаанд, ки наметавон онҳоро аз ҳам ҷудо намуд. Вазнҳои сабуки арӯз боиси хушоҳангию шевоӣ ва ҳадафрас шудани қасидаҳояш, ки бештар мадеҳиянду шоир бо гуфтани онҳо чизеро чашмдор аст, гаштаанд. Интихоби вазн дар қасидасароӣ ба сабки каломи ӯ мувофиқ омада, рӯҳу ҳолати қаҳрамони шоир ва пеш аз ҳама худи гӯяндаро ифода менамояд ва метавонад ба хонандаю шунаванда таъсири амиқи ҳиссӣ расонад ва онҳоро ба андеша во дорад.

Қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ дар баробари доштани вазнҳои гуногуни сабуку гӯшнавоз, дорои қофияю радифҳои ба сохти онҳо мувофиқ мебошанд. Дар адабиёти навини тоҷикии форсӣ қофия аз унсурҳои муҳимми шеър мебошад. Ба андешаи Шамс Қайси Розӣ дар назми мо - форситабарон беш аз 31 навъи қофия мавҷуд аст [18, 47], ки минбаъд ба он бемуҳобо анвои нав зам шудаанд. Аз ҷумла, Шамс Қайси Розӣ навишта буд: «… сухани беқофияро шеър нашморанд, агарчи мавзун афтад» [18, 162]. Таърифи пурраи қофияро

дар «Ал-мӯъҷам» муаллифи он ин тавр овардааст: «Бидон, ки қофия баъзе аз калимаҳои охири байт бошад, ба шарти он ки он калимаҳо байниҳо ва навъҳо дар охири абёти дигар мутакаррар (яъне, такрор – Р.О.) нашавад» [18, 164].

Назарияшиносони минбаъдаи ин адабиёт низ доир ба қофия мулоҳизаҳои фардӣ доранд. Қофия дар таърифи адиби маъруфи асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ зайлан шаддабандӣ шудааст: «Бидон, ки қофия дар урфи шуарои Аҷам иборат аст аз тамоми он чӣ такрори он дар охири ҷамеи абъёт воҷиб бошад ё мустаҳсан, ба шарти он ки мустақбал набошад дар талаффуз, балки ҷузви калима бошад ё ба манзалаи ҷузв. Баъзе тамоми калимаи охирро қофия гуфтаанд ва баъзе ҳарфи равиро» [27, 141-142].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қофия дар он аст, ки вай шакли шеърро муайян мекунад ва бо низоми хос ҳамоҳангии охири абётро таъмин месозад, мусиқияти онро собит менамояд. Яъне, ҳусни қофия дар шеър ин ҳусни мутаносиби ҳиҷоҳои охири як байт бо байти дигар дониста мешавад. Аз ин рӯ, қофия дар баробари таъмини мусиқияти назм воситаи муҳимми маъниофарӣ, тамомиятдиҳанда ва барангезандаи таъсири рӯҳии шеър мебошад. Ба ин маънӣ, қофия дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ аз рукнҳои асосӣ, дар баробари вазни шеърӣ ба шумор меравад. Шоир дар қофиясозии қасида ба пешинаи қасидасароёни адабиётамон содиқ монда, тақрибан навигарие ба он ворид накардааст. Тавре назарияшиносони ин адабиёт баён кардаанд, дар қофия ченаки асосӣ ҳарф-овоз аст, на ҳиҷову калимаи охири байт. Ҳадди ақали ҳарфҳои қофияшавандаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ садонокҳои **о, у, ӯ, е, ӣ** мебошанд, ки баъзан аз як ҳарф – овоз; саф<u>**о**</u>, ҳав<u>**о**</u>, куҷ<u>**о**</u>, раҳ<u>**о**</u>, сад<u>**о**</u>, ваф<u>**о**</u>, ҳа<u>**ё**</u>, лиқ<u>**о**</u>, бақ<u>**о**</u> ва ғ.: баъзан аз ду ҳарф; ниг<u>**ор**</u>, интиз<u>**ор**</u>, гируд<u>**ор**</u>, шармс<u>**ор**</u>, ғамгус<u>**ор**</u>, ғуб<u>**ор**</u>, фиг<u>**ор**</u>, ифтих<u>**ор**</u>, хум<u>**ор**</u>, наҳ<u>**ор**</u>, ҳаз<u>**ор**</u> ва ғ; гоҳо бо се ҳарф – овоз; саҳ<u>**арӣ**</u>, таб<u>**арӣ**</u>, д<u>**арӣ**</u>, сип<u>**арӣ**</u>, баргуз<u>**арӣ**</u>, ишвах<u>**арӣ**</u>, заф<u>**арӣ**</u>, диг<u>**арӣ**</u>, бехаб<u>**арӣ**</u>, қам<u>**арӣ**</u>, беҳун<u>**арӣ**</u> ва ғ. ва ҳатто ба нудрат аз чаҳор ҳарф – овоз; офт<u>**обаш**</u>, изтир<u>**обаш**</u>, н<u>**обаш**</u>, шар<u>**обаш**</u>, шаб<u>**обаш**</u>, шит<u>**обаш**</u>, руб<u>**обаш**</u>, ниқ<u>**обаш**</u>, саҳ<u>**обаш**</u>, каб<u>**обаш**</u> ва монанди инҳо сохта шудаанд.

Доир ба қофия дар назми тоҷикии форсӣ дар осори назарии пешиниён ва рисолаҳои зиёди адабиётшиносони имрӯза, монанди «Ал-мӯъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ [18], «Рисолаи қофия»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ [28], «Луғати мухтасари адабиётшиносӣ»-и Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов, «Қофия дар назми тоҷик»-и Б. Сирус [111] ва ғ. андешаҳои якранг дида мешавад. Адабиётшинос Холиқ Мирзозода бошад дар китоби худ «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ» навиштааст, ки «як ё якчанд ҳиҷои ҳамоҳанг, ки дар охири мисраъҳо пеш аз радиф, ҳатто дар миёнаву аввали мисраъҳо такрор мешаванд, қофия мебошанд» [77, 17-18]. Аз ҳамаи гуфтаҳои болоӣ бардошт ин аст, ки қофия пеш аз радиф, баъзан дар охир ва баъзан дар мобайни мисраъҳо ва байтҳои шеър меояд ва бо ҳамдигар дар ҳарфи равӣ ва овозҳои наздики вай мувофиқат менамояд. Дар ҳар маврид ҳамоҳангӣ нишонаи асосии калимаҳои қофияшаванда дониста мешавад. Ҳамин гуна ҳамоҳангӣ дар қасидаи аввали «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ дар калимаҳои **ҳаво, сафо, қуҷо, даға, кибриё, раҳо, мо, биё, андаро, вафо, қабо, тӯтиё, саҳо, ҳаё, ас-сало, боғҳо, бонаво, лиқо, устуво, ошно, сафо, намо, вабо, сабо, Худо, дуто, қаҳрабо, само,** ки матлаъаш ин аст, дида мешавад:

Эй зи насими зулфи ту гулшани рӯҳ хушҳаво,
З-оинаи ҷамоли ту оби ҳаётро сафо. [11, 61].

Нишонаи муҳими қофия, ки ба сабаби он ҳамоҳангии калимаҳо ҳосил мешавад, мавҷудияти ҳарфи равӣ аст. Дар мисоли овардашуда ҳарфи равӣ **«о»** мебошад.

Мисоле аз қасидаи дигар, ки аз 32 байт иборат аст, калимаҳои **кином, низом, мақом, аҷром, Баҳром, ғамом, шом, адғом, ирҳом, андом, некӯном, аълом, ошом, амом, ғулом, Сом, анбарфом, ром, кадом, истифҳом, авом, ислом, аҳком, авҳом, тамом, ниём, эҳром, кином. Ибром, ноком, калом, хайём, айём** ҳамқофия шуда омадаанд бо ин матлаъ:

Ҷаҳон ба давлату иқболи сарфароз киром

Низом ёфт, чу мулки ҷаҳон зи килки низом. [11, 341]

Агар ба 198 қасидаи Сайфи Исфарангӣ аз мавқеи ҷойи қофия нигарем, дида мешавад, ки шоири қасидасаро дар онҳо суннатҳои анъанавии қофияро риоя карда, асарҳои хуби ҳунарӣ офаридааст.

Зиёда аз ин Сайфи Исфарангӣ қасидаҳое дорад, ки байти аввали он бо ду қофия омадааст, ки ин навъи қофиябандиро маъмулан зулқофиятан номидаанд. Ба ин мисол таваҷҷуҳ намоед:

Ба вафои аҳди хубон назаре намонд бешам,

Зи шароби ишқи ҷонон хабаре намонд бешам. [10, 13]

Дар ин ҷо **«хубон»**-и байти аввал бо **«ҷонон»-и** байти дувум ва **«назаре»**-и байт аввал бо **«хабаре»**-и байти дувум қофия шуда омадаанд. Таркиби **«намонд бешам»** дар ин байт радиф шуда омадааст.

Пас, радиф низ дар шеър мавқеи хос дорад. Алоқаи абъёт, хушоҳангӣ, маъниофарию маъникушоӣ, мусиқияти шеър бо будани радиф дар он бештар эҳсос карда мешавад. Тавону қудрат ва боигарии қофияро радиф афзунтар мегардонад. Новобаста ба афзалияте, ки радиф дар шеър дораду мавзӯи онро мушаххастару зуддарккунанда месозад, Сайфи Исфарангӣ дар қасидаҳои худ аз он камтар кор гирифтааст. Аз 198 қасидае, ки дар «Девон»-и шоир ҷой дорад, 62 ададашон бо радиф омада, мутобоқӣ 136 адади онҳо бе радиф эҷод гардидаанд. Дар ин парда чизе, ки гуфтанием, он аст, ки бо радиф гуфтани қасида осонтару равонтар аст аз бе радиф гуфтани он. Дигар ин ки дар ин маврид қофиябандӣ ва бо радифу бе радиф гуфтани шеър ба маҳорати гӯянда вобастагии ҷиддӣ дорад.

Радифҳое, ки Сайфи Исфарангӣ дар қасидаҳояш мавриди истифода қарор додааст, хеле бамавриду барҷой омадаанд. Барои намуна чанд мисол

меорем:

Дил вақти сабӯҳи ғам чун парда барандозад,
Чун субҳдам аз шодӣ ҷон хирқа дарандозад.

Дар пайки хаёли ӯ бар дида равад ғайрат,
З-алмос хасак созад, бар раҳгузар андозад. [11, 192]
Ва:
Маҳ чу сар аз ҷайби шаб тамом барорад,
Ойинаи меҳр занги шом барорад. [11, 210]
Ва ё:
Нақши иқбол хаёлест, назар барбандам,
Ба қабули назари қудс камар барбандам. [11, 335]

Аз ин мисолҳо дар байти аввал **«андозад»,** дар байти дувум **«барорад»** ва дар байти севум **«барбандам»** радиф шуда, ҳамроҳ бо қофия байтҳоро ба ҳам пайвастаанд. Устод Баҳром Сирус дар бораи радиф андешаҳои худро ин тавр ҷамъбаст намудааст: «Вазифаи асосии радиф он аст, ки бори ғоявӣ мекашад, яъне гӯянда матлаби марказии худро дар радиф мегузорад. Вазифаи дигари радиф дар ягонагию яклухтии шеър мебошад, зеро радиф ҳамроҳи қофия тамоми мисраъ ва байту бандҳоро ба ҳам узван мепайвандад» [111, 55]. Мисол:

Иқбол кард хутбаи нусрат ба номи хеш,
Давлат гирифт аҳду вафо аз давоми хеш. [11, 289]

Калимаҳое, ки дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ радиф шуда омадаанд, баъзан аз як ҳиҷо, монанди **«чашм»** [11, 329]; гоҳо аз ду ҳиҷо монанди **«оташ»** [11, 281]; мавриде аз се ҳиҷо, монанди **«барбандам»** [11, 336] ва ҳатто аз чаҳор ҳиҷо, монанди **«барандозад»** [11, 192] сохта шудаанд.

Суханвари исфарангӣ ҳамчунон дар қасидаҳои худ бо таркибҳои қофияшаванда ҳамроҳ дар шакли пасвандҳои – **«ро»** (матинро, аминро, динро, заминро, баринро…), **«аш»** (хаёлаш, висолаш, ҷамолаш, болаш, камолаш, заволаш…), **«ам»** (дигарам, доварам, ахтарам, бигзарам, парварам, бистарам) ва ғайраро дар сохтани радиф истифода намудааст, аз ҷумла:

Эй фахр ба ту аҳли ҷаҳонрову ҷаҳонро,

Нозиш ба камоли ту заминрову замонро. [11, 89]

Ва:

Ман зи баҳри шеър оби зиндагонӣ мех(в)арам,

Айб машмар, гар кунам даъвӣ, ки Хиҷри дигар [11, 337] Андешаҳои мухтасар дар атрофи радиф дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ нишон медиҳад, ки шоир барои мазмунсозӣ ва маъниофарии қасидаҳои худ, ки дар фаслҳои минбаъдаи боб истода мегузарем, аз радифҳои гуногун ба таври муфид истифода намудааст.

Ғайр аз ин Сайфи Исфарангӣ аз рӯйи ҳарфи охири калимаҳои қофия ва радиф қариб дар ҳамаи ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ-форсӣ қасида гуфтааст. Ин шаҳодат бар он аст, ки паҳнои қофиябандии шоир дар қасида хеле васеъ будааст.

Хулоса, аз таҳлили сохти қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ бармеояд, ки ҳарчанд вай дар сохтори қасида навоварии чашмрас ворид накардааст, боз ҳам вазну қофия ва радифҳои дар қасида истифоданамудааш устувору шинам ва ба чаҳорчӯбаи ин жанри бадеии адабиётамон ҷавобгӯй мебошанд.

## 2.2. Муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ

### а) Мамдӯҳони шоир

Вақте ба қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ таваҷҷуҳи амиқ равона мешавад, мебинем, ки ӯ пеш аз ҳама шоири мадеҳасарост ва аксари қасидаҳои ӯро

қасидаҳои мадҳӣ ташкил медиҳанд. Илова бар ин, чӣ тавре ки дар боби аввали диссертатсия ишора рафт, вай дар гуфтани мадеҳа нисбат ба қасидасароёни пешини худ озодтар ба назар расида, истиқлолиятҳои фикрӣ низ доштааст. Ин албатта, ба мазмунсозию маъниофарӣ ва ғанитар гардидани муҳтавои қасидаҳои шоир бе таъсир нест. Истиқлолияти фикрии Сайфро мо пеш аз ҳама дар мамдӯҳони зиёд доштани вай мебинем. Ин ба он маъност, ки агар шоирони пешин дар як ё ду-се дарбор хидмат намуда ва ё барои ниёзе мадҳияе суруда бошанд, пас, Сайфи Исфарангӣ аз дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ (1200-1220) сар карда, то садрҳо, ҳукамо ва дастурҳои зиёди Самарқанду Бухорою Хуҷанд ва ҳокимони атрофу акнофи Мовароуннаҳр ва ҳатто Хуросон, ба сабаб ё хоҳиши дар дарбори онҳо хидмат кардан, бо баъзеҳо алоқаи наздик доштан, пеш омадани ниёзмандие вобаста ба тақозои давру замон мадҳияҳо бахшидааст. Пас, ин мамдӯҳон киҳоянд? Пеш аз он ки ному насаби эшон ёд шавад, бояд гуфт, ки имрӯз наметавонем шахсияти ҳамаи онҳоро равшан баён намоем. Мо бо вуҷуди душворӣ дар заминаи баъзе маъхазҳои мавҷуда ва корҳои аввалияе, ки дар атрофи омӯзиши рӯзгору осори Сайфи Исфарангӣ анҷом дода шудааст, кӯшиш намудаем доир ба шахсияти онҳо ҳеҷ набошад ному насаб ва мартабашон, ки дар номи қасида сабт шудааст, истода гузарем. Ва мамдӯҳони суханвари исфарангӣ инҳо будаанд:

1. Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки бо унвонҳои ифтихории «Искандари Сонӣ» ва «Султон Санҷар» дар таърих шуҳрат ёфта, дар солҳои 1200-1220 дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳукумат дошт ва Сайфи Исфарангӣ ба дарбори ӯ аз ҷавонӣ даъват шуда буду муддате хидмати ин дарборро кардааст.

2. Низомулмулк Носириддин Муҳаммад ибни Солеҳ, ки вазири боэътимоди Муҳаммад Хоразмшоҳ буд.

3. Садри Самарқанд Муҳаммад Шамсуддин, ки ба шоир таваҷҷуҳ доштаву кумакҳои моддӣ мекардааст.

4. Садри Бухоро Тоҷиддин Умар ибни Масъуди Садр-уш-шариа, ки табъи шоирӣ дошта, ба ҳокимони Оли Афросиёб шеърҳо бахшидааст.

5. Садр Бурҳониддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абдулазиз, яке аз садрҳои ҳамзамони Сайф дар Самарқанд.

6. Садри Самарқанд Муҳаммад Ҷалолуддин.

7. Садри Самарқанд Авҳадиддин.

8. Садри Самарқанд Абӯбакр Шамсуддин. Ба ин садр Сайф мадеҳаҳои зиёде бахшида бошад ҳам, аз ӯ илтифоти шоистае надидааст.

9. Малики Хуҷанд Ихтиёриддин ва муншии ӯ Абъод, ки шоир ба онҳо ду қасида фиристода аз беқадрии аҳли илму адаб дар замона шикоят кардааст.

10. Садр Бурҳониддини Бухороӣ, ки Муҳаммад Хоразмшоҳ аз рӯи кина ӯро ба Нафас бадарға карда будааст.

11. Садр Садруддини Бухороӣ.

12. Муфтӣ Ҷалолуддини Бухороӣ.

13. Ноиб Сайфиддин аз Бухоро.

14. Қозӣ Заҳирридин Алихоҷа аз Бухоро.

15. Набераи Садр Бурҳониддин Садр Ҳумоюн, ки дар раёсати ҳанафиёни Бухоро фаъолият доштааст, як қасида дорад.

16. Амир Амид Қутбиддин ас-Самарқандӣ, ки солҳои 1220-1251 аз ҷониби ҳукуматдорони чиғатоӣ ва муғул ба идораи Мовароуннаҳр таъин шуда буд.

17. Имом ва шайхулислом Сайфиддини Бохарзӣ.

18. Садр Рафеъ Шамсуддавла.

19. Саъдиддин ар-Разӣ табиби Балхӣ.

20. Садр-ус-судур Баҳоуддавла.

21. Қозиюлқузот Ҳамадонӣ.

22. Ҳусомуддини Кошғарӣ.

23. Садриддин Малики Табрезӣ.

24. Аслиддин Табиби Самарқандӣ.

25. Малик Маҷидиддини Абӯбакр ибни Алии Марвазӣ – дастури Мовароуннаҳр.

26. Садрулисломи Бухороӣ.

27. Абӯбакр Муҳаммадтоҳири Самарқандӣ.

28. Шарафулмулуки Хоразмӣ.

29. Амир Алишоҳ.

30. Ҷамолхоҷа.

31. Амир Имом Камолиддин.

32. Садруссудури Насаф Ҷаъфариддин.

33. Муҳаммад Ҳусайни Самарқандӣ.

34. Ҳусайнии Балхӣ.

35. Садр Низомиддини Самарқандӣ

36. Шамсулмулук Мушаррафи Самарқандӣ.

37. Муҷоҳидуддавла Вафо.

38. Паҳлавони Хуросон Шарафиддин.

39. Садр Имомиддин Муҳаммад.

40.Имодулмулк Кавомиддин Муҳаммади Ироқӣ.

41. Додмаликшоҳи Кошонӣ.

42. Садр Ифтихориддини Самарқандӣ.

43. Шамсуддини Кирмонӣ.

44. Садр Абиҷаъфар Ҳусайнӣ.

45. Абӯбакр ибни Алии Марвазӣ.

46. Шоир Имом Шамсуддини Самарқандӣ.

47. Муҷири Кирмонӣ.

48. Авҳадуддавла ал-Бухороӣ.

49. Садр Муҳаммад Ҳусайнии Самарқандӣ.

50. Садр Зиёуддини Балхӣ.

51. Амир Маҳмуди Кирмонӣ.

52. Сайид Носириддини Аҳмад.

53. Айюб аз-Занҷирӣ.

54. Шайхулисломи Самарқандӣ.

55. Тоҷуддавла Маҳмуди Кирмонӣ.

56. Мунаҷҷими Самарқандӣ.

57. Шайхулислом Бурҳониддини Насафӣ.

58. Маликшоҳи Кошонӣ – садри Кошон.

59. Ихтиёриддин Амиди Ҳабаш.

60. Маҳмуд ибни Алӣ Убайдуллоҳи Ҳомид – қозиюлқуззоти Самарқанд.

61. Амир Қутлуғбак ибни Алихон – дастури Самарқанд.

62. Аъзам ибни Маликшоҳ ал-Бухорӣ.

63. Шамсиддин Тоҳири Абӯбакр Муҳаммад Сиқатулмулк, ки муддате вазорати ҳокими Самарқандро бар уҳда дошта, худ низ чанде садри Самарқанд будааст.

64. Насуриддин Наср ал-Бухоройӣ.

65. Маликшоҳ ибни Абдуллоҳ

66. Малик Санҷар ал-Бухоройӣ.

67. Садр-ус-судур Умар.

68. Садр Асрикатӣ.

69. Садр Баҳоуддавла ал-Марғинонӣ.

70. Садр Садриддини Хуҷандӣ.

71. Амир Шамсуддин ал-Ҳаддодӣ ал-Самарқандӣ, ки Сайфи Исфарангӣ ӯро ба ҷуз вазифааш «хотиматушшуаро»-и замон номидааст.

72. Атобак Маҳмудшоҳи Яздӣ.

73. Зиёулмулк ал-Марварзӣ.

74. Шарафуддини Кошонӣ.

75. Имом Камолиддин ас-Самарқандӣ.

76. Сайид Камолиддин ал-Ҷавҳарӣ ал-Бухоройӣ.

77. Садр Муҷирулмулк ал-Карминӣ.

78. Садр Заҳириддин Алихоҷа.

79. Усмон ибни Иброҳим ас- Самарқандӣ.

80. Садр Алишоҳ ал-Хуҷандӣ

Бояд гуфт, ки ин шумора нишондиҳандаи охирин ва қатъии мамдуҳони Сайфи Исфарангӣ нест, зеро дар муқаттаоти шоир низ метавонем бо ному

насаби чанде аз мамдуҳони ӯ дучор оем, монанди Маҷдиддин Абӯбакр, Камолиддин Холиди Самарқандӣ, Фахриддин Ҳусайни Хоразмӣ, Ғиёсиддин Кошонӣ, Тоҷиддин Маҳмуд, Зиёуддин Садри Бухоро, Тоҷиддин Умар бинни Масъуди Садрушшариа, ки табъи шоирӣ дошт ва монанди инҳо.

Теъдоди мадҳияҳое, ки Сайф ба мамдӯҳонаш бахшидааст, аз як адад то понздаҳ адад баршумурда шуд. Аз ҷумла, шоир ба Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки аз мамдӯҳони аввалини вай аст, 6 қасидаи мадҳия, ба вазири ин шоҳ Низомулмулк Муҳаммад ибни Солеҳ 14 қасида, ба садр Абӯбакр Муҳаммад Тоҳири Самарқандӣ 15 қасида, ба Амир Амиди Самарқандӣ 10 қасида, ба Абӯбакр ибни Алии Марварзӣ 9 қасида, ба Шайх Сайфиддини Бохарзӣ 6 қасида, ба Садр Бурҳониддин Муҳаммад ибни Абдулазиз 4 қасида, ба Имодулмулк Қавмиддин Муҳаммади Ироқӣ 4 қасида, ба Садр Садриддини Бухорой 4 қасида, ба чанд тани дигар 2-тоию 3-той ва ба бештарашон яктой қасидаи мадҳия бахшидааст.

Тавре аз теъдоди қасоиди шоир, бахусус қасидаҳои мадҳии Сайфи Исфарангӣ бармеояд, вай дар мадҳи шоҳону вазирон ва садру ҳокимони замони худ қасидаҳои зиёде навишта будааст. Пеш аз он ки ба қасидаҳои мадҳии шоир ва таҳлили онҳо гузарем, моро лозим аст, ки мухтасаран сабабҳои ба дарбори Хоразмшоҳиён ва ба мадеҳасарой рӯ ниҳодани адиб андешаҳои мухтасари худро иброз дорем. Аз пешиниён Лутфалибеки Озар замони зиндагии Сайфро дуруст қайд карда, дар хидмати Муҳаммад Хоразмшоҳ будану ба ӯ «қасидаҳои некӯ» гуфтанашро таъкид намояд ҳам, сабаби ба дарбор роҳ ёфтани ӯро нишон надодааст. Дар маъхазҳои то асри XX, тавре дар боби аввали диссертатсия нишон дода шуд, зиёда аз гуфтаи Лутфалибеки Озар, ки Сайфи Исфарангӣ дар хизмати дарбор буд, ишораи равшан пайдо нагардид [16, 388]. Тавре мебинем, ин маълумот ниҳоят кутоҳ буда, танҳо баъзе лаҳзаҳои раванди зиндагонии шоирро дар худ таҷассум намудааст. Аз аҳли таҳқиқе, ки ба ин ё он муносибат оид ба рӯзгору осори Сайф ибрози ақида намудаанд, ба ин масъала чандон таваҷҷуҳ нарафтааст. Адабиётшинос Лола Сулаймонова низ дар рисолаи худ ба ин тарафи масъала

чандон аҳамият равона накарда, танҳо шоири мадеҳасаро будани Сайфро таъкид намудаасту халос [114]. Аз қасоиди шоир ва муҳтавои онҳо бармеояд, ки ба мадеҳасароӣ рӯй овардани шоир пеш аз ҳама таъсири амиқи ҷараёни умумии адабиёти он замон, бахусус назми он дониста мешавад. Агар ба шоирони андаке пеш аз Сайфи Исфарангӣ дар майдони адабиётбуда ва ҳамзамононаш таваҷҷуҳ равад, мебинем, ки онҳо пеш аз ҳама мекӯшиданд, ки ба дарбор роҳ ёбанд ва бо либоси назм дар хидмати дарбор бошанд. Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, баъдтар Саноии Ғазнавӣ ва боз баъдтар Хоқонии Шарвонӣ, Амир Муиззӣ, Анварии Авебардӣ, Заҳири Форёбӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва дигарон шуҳрати аввалияи суханварии худро аз дарбор ва хидмат кардан ба дарбор дарёфта буданд. Сайфи Исфарангӣ ҳам монанди ҳар шоири ёдшуда барои он ки дар майдони адабиёти замон ҷой ва мавқеъ пайдо намояд, мебоист аввал ба дарбор роҳ ёбаду пас дар байни суханварони ҳамзамонаш дар гуфтани жанри аз ҳама интишорёфтаи замон, жанри қасида, бахусус қасидаҳои мадеҳавӣ, маҳорати худро нишон диҳад. Ин тарафи ба қасидасароӣ рӯй овардани шоир барояш хеле муҳим ва ҳадафмандона буд. Дигар ин ки ба доираи адабиёти дарборӣ рӯй овардану роҳ ёфтани Сайфи Исфарангӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва таъмини зиндагии вай алоқаманд аст, зеро вай маишати рӯзгори гузарои худро бо кори сухан таъмин менамуд. Баъди аз дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ бо сабаби номаълум рафтан мо шоирро дар дару дарбори садре, ҳокиме, имоме, сарваре, саркардае, дорандае ва ғайра мебинем, ки ин гумони қавии андешаи болоии мост. Вай барои худ ва аҳли хонадони худ бо гуфтани қасидаҳои мадҳӣ ризқу рӯзӣ меҷусту баъзан қасидаҳояш беҷавоб, бе подош ҳам мемонданд. Бале, бе подош низ мемонданд. Зеро на ҳамаи мамдӯҳони шоир ба ӯ некназару хайрхоҳ буданд. Ва зиёда аз ин, ҳар кадоме аз беш аз 90 мамдӯҳи вай бо хулқу рафтору кирдор, характер, дараҷаи фаросату ахлоқ, фаҳми ҷомеа, неку бад, муросову мадоро, дарку фаҳми маънӣ дар як появу дар як мақом набуданд. Мардумдӯстии баъзеҳоро сифат мекард (Эй, зи адли ту халоиқ озод…), аҳли динро дар пероҳани тоату ибодат ва покизагӣ медид

(Ояд аз пераҳани тоати ӯ бӯйи вафо…), аз кордонии баъзе мамдӯҳон ифтихор дошт, ки осудагию ободиро дастгиранд (Эй вазире, ки нақши тавқеат, - Дар сари зулфи шаб ниҳад савдо), доноёнро аҳсан мегуфт (Садри муҳаммадхисол, Маҳдии исосифат, - Он ки зи осори ӯ фахр кунад Мустафо), вале ҳеч гоҳ ба ноодамону дунон сухани худро ҳайф наменамуд, ки бовиқор ва сарбалондона гуфтааст:

Шеваи ман нест ин ки бар дари дунон
Туҳфа кунам зодагони бикри закоро. [11, 71]

Ҳамин тавр, мамдӯҳони Сайфи Исфарангӣ бо хислату характерҳои гуногун хеле зиёд буданду шоирро дар сурудани мадҳия зарур буд, ки симои зоҳирӣ ва ботинии онҳоро дарёбанду чеҳраи онҳоро дар асари худ нишон диҳад. Фаслҳои минбаъдаи боб зимни мазмунсозию маъниофарии эҷодкор ба кушодани чеҳраҳои офаридаи ӯ бахшида хоҳад шуд.

**б) Мадҳи мамдӯҳон**

Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ Сайфи Исфарангӣ бар шумори шоирони мадҳиясаро ном гирифта мешавад. Вай ба мадҳи беш аз 100 шахсиятҳои гуногунмартабаю гуногунмақом ва ашхоси касбу корашон гуногуну шинохтаи замон қасидаҳо бахшида, ҳатто дар баъзе қитъаҳояш ҳам сифати эшонро кардааст. Адабиётшинос Л. Сулаймонова вобаста ба тақозои давру замон диссертатсияи худро роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти Сайф бахшида, ба қасоиди дар мадҳу ситоиши мамдуҳ сурудаи шоир таваҷҷуҳ равона нанамуда бошад ҳам [114], ӯро дар қатори Унсурии Балхӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Анварии Абевардӣ аз устодони қасидаи мадҳӣ медонад ва таъкид менамояд, ки қасидаҳояш илова бар мавзӯи мадҳу ситоиш «таърихӣ, ҳасбиҳолӣ, фахрия ва ғ. мебошанд» [114, 87].

Мадҳ аз қисматҳои асосӣ ва бузургтарини таркиби қасидасароёнро

ташкил медиҳад. Пояю заминаи ин мавзӯъ дар қасида ончунон мустаҳкам аст, ки он ғолибан ҷисму ҷони қасидаҳои мадҳия гӯем, иштибоҳе нахоҳад рафт. Дар қасидаҳои мадҳӣ мадҳ аз ҳама зиёд дар ситоиш ва ҳамду санои мамдӯҳон созмон ёфтааст. Суханварон кӯшидаанд, ки мамдӯҳро бо тамоми тавон ба як инсони камолёфтаю ҳаматарафа инкишофёфта сифат намоянд, ба вай сифатҳои набударо илова намоянду нисбат диҳанд. Барои он ки суханваре мамдӯҳи худро бохираду доно, олиқадр, дар ҷамъият зарур ҳамеша дар кору пайкор музаффар нишон диҳад, бештар аз санъати муболиға ва ҳатто дараҷаи болои он ғулӯ кор мегирифт. Дар ин маврид тамоми хусусияту рафтори мамдӯҳро фаро гирифтан аз хусусиятҳои қасидаҳои мадҳӣ шуморида шудааст. Ба ҳамин маънӣ, тамоми мадҳияҳои Сайфи Исфарангӣ дар заминаи симои идеалии шахс рӯи коғаз омадаанд. Шоир дар тасвири мақом, ҳаракату рафтору кирдор, хислати мамдӯҳони худ аз Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ, яъне «Санҷари сонӣ», то ҳокимону садру вазирон ва дигар мансабдорони вақт ҳамоно аз музаффариятҳояшон сухан мегӯянд, ки ба идеализатсияи мамдӯҳ бурда расонидааст. Ин андешаро мулоҳизаҳои зерини донишманди рус Д.С.Лихачёв низ, ки доир ба мақоми шахс ва васфу инъикоси сифатшаванда дар адабиёти асрҳои XI-XIII рус гирифтааст, тақвият мебахшад. Ӯ менависад: «Аз рӯйи тасаввуроти феодализм таърихро одамони махсус аз байни феодалон чун князҳо, боярҳо ва рӯҳониён ҳаракат медиҳанд ва ин маънӣ бошад, дар тасвири симои шахс дар адабиёт нақш гузоштааст. Аз ин ҷо ҷамъбаст дар адабиёти асрҳои XI-XIII дар шахсиятҳои ҷудогонаи таърихии мушаххас ва конкрет асос ёфтааст» [70, 28-29].

Дар ин замина пеш аз таҳлили мавзӯи мадҳ дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ лозим дониста мешавад, ки қабл аз ҳама сабабҳои ба дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ рафтан ва ба мадеҳасароӣ рӯй овардани шоир ду-се сухан гуфта шавад. Дар натиҷаи омӯзиши давраи аввали фаъолияти эҷодии шоир, давраи по ба майдони адабиёт ниҳодани ӯ дармеёбем, ки вай вобаста ба талаботи давру замон мебоист барои шуҳрати шоирӣ касб намудан аввал ба дарбор роҳ меёфт. Ба ин маънӣ, адабиётшинос Расул Ҳодизода дар бораи

ба дарбор рӯй овардани яке аз устодони Сайфи Исфарангӣ Анварӣ мулоҳизаҳои қолиби ҷамъбасткунанда дорад, ки он метавонад фарогири мавзӯи мадҳ дар адабиёти асрҳои XI-XII форс-тоҷик бошад. Мавсуф роҷеъ ба ин масъала баҳс намуда, менависад: «Ба қасида ва мадеҳа рӯй овардани шоир (яъне Анварӣ) пеш аз ҳама таъсири равияи умумии назми он замон буд. Анварӣ ҳам монанди ҳар шоир барои он ки дар назми замон мавқеи сазовор гирад, мебоист аввал ба дарбор роҳ ёбад ва пас ба қасидасароӣ, махсусан, дар қасидаҳои мадеҳавӣ маҳорати худро нишон медод. Аз тарафи дигар, ба доираи адабиёти дарборӣ роҳ ёфтани Анварӣ барои таъмини зиндагӣ ҳам буд» [58, 110]. Бегумон ин гуфта ба эҷодиёти давраи аввали Сайфи Исфарангӣ, бахусус, ба қасидаҳои мадҳии ӯ низ дахл дорад.

Ҳамин тавр, Сайфи Исфарангӣ бо роҳу василаҳои барои имрӯз номаълум ба дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ роҳ меёбад ва табиист, ки нахустин мамдӯҳи ӯ ҳамин Хоразмшоҳ будааст. Шоир мамдӯҳи худро, ки ҳокими вақт аст, дар корзори тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти кишвараш ҳамеша зафарманд дармеёбад ва лаб ба ситоиш мекушояд:

Дебочаи корномаи мулк
Шуд хатм ба номи шоҳ Санҷар.
Яъне, ки Алоуддини дунё,
Султон Муҳаммади музаффар. [9, вараќи 43а]

Ғолибан, қасидае, ки дар девони шоир ба унвони «Фӣ-л-малик-ил-кабир Ифтихорулмулк Санҷар -ал- Бухорӣ» [11, 430-431] омадааст, аз қасидаҳои нахустини вай дониста мешавад. Ин андешаи мо аз муҳтавои худи қасида бармеояд. Ин қасида қасидаи муқтазаб, яъне маҳдуд буда, бе ташбибу тағаззул бо мадҳ оғоз ёфтааст, ки абъёти аввали он ин аст:

Эй низоми мулкро раъйи ту дастур омада,
Лашкари азми ту ҳар ҷо рафта, мансур омада.
Ҳар кучо маншур дода муншии девони асл,

Арслон Санҷар малик туғрои маншур омада.

Ту Алои динию як нима номи ту лақаб

Лозиму малзум ҳамчун нор бо нур омада.

Ахтаронро қуввати раъйи ту сар дарҳам зада,

Қодирон дар рибқаи ҳукми ту мақдур омада… [11, 430]

Чаро ин қасида аз қасидаҳои аввалини ба шоҳи вақт навиштаи шоир дониста шуд? Ба ин суоли мо дар ҳамин қасида Сайфи Исфарангӣ худ ҷавоб гуфта, ишора менамояд, ки вай аз роҳи дур ва бо илҳоми саршор ба меҳмонии Санҷари Сонӣ омада будааст:

Нури асрори илоҳӣ з-орзуи мадҳи ту

Дар саводи шеъри ман чун ваҳй мастур омада.

Файзи рӯҳи қудсдон ин назми ҷоновезро,

Назди ту чун Ҷабраил аз Байти Маъмур омада.

Ҷилва кун бар тахти бахт ин навварӯси бикрро,

З-он ки меҳмони азиз асту ҳам аз дур омада. [11, 432]

Сайфи Исфарангӣ дар ин қасида кӯшиш намуда, ки беҳтарин ва арзишмандтарин хислатҳои ҳокимонро, ҳукумронии ҷиддӣ ва боинсофонаро бар зердастон, чи хосу чи ом ва чи лашкариёни боргоҳ дар симои Муҳаммад Хоразмшоҳ ба тасвир кашад. Шоир вайро «низоми мулк», дорандаи «лашкари азими нусратовар», «муншии девони асл» дар кишвардорӣ, ҳокими «ҳукмаш қодир», «дорандаи тоҷу тахти зебо», «Мусосифат», донандаю дорандаи қонуни адл, бодаи дар кафашро «Чашмаи Хизр», базмороияшро «Зуҳраи осмон», кушандаи «боди кибри хасм», бардорандаи «ливои Мустафо(с)», «чархқадр» ва ғайра мехонаду мегӯяд:

Дар санои ту радифи шеър кардам, то бувад

То қиёмат дар миёни халқ маншур омада. [11, 432]

Шоир дар қасидаи дигар, ки аз 25 байт иборат аст, бо истифода аз санъатҳои бадеӣ, бахусус иғроқ ва зинаи баланди он ғулув офтобро сояи чатри сиёҳи шоҳ, иксири фатҳро аз будану шарафи сипоҳи вай, хуршедро соягустари боргоҳи ӯ мехонад ва зиёда аз ин тақрибан ҳамаи сифатҳои дар қасидаи боло омадаро ба номи Муҳаммад Хоразмшоҳ такрор менамояд. Эҷодкор зимни мадҳи шоҳ бештар ба мазмунсозию маъниофарӣ диққат равона менамояд, тозагӯйиҳо дорад (Охир ба зери боли саодат гирифта боз, - Симурғи адл байзаи динро ба ҷоҳи ту) ва мазҳаби ҳанафияи дини мубини исломро, ки аз покройтарин мазҳабҳою боадолаттарини онҳо дар дини ислом шинохтаанду кашмакашиҳои мазҳабӣ ҳусни онро то ҷое коста ва ба чоҳи фаромӯшӣ андохта будааст, эҳёкунанда мехонад (Эй миллати ҳанифӣ, агар занг хӯрда буд, - Ойинаи сипеҳр зи таъсири оҳи ту).

Сайфи Исфарангӣ бештар ба кишваркушоиҳои шоҳи замон таваҷҷуҳ намуда, ӯро дар азму разм ҳамеша ғолиб нишон медиҳад, то он ҷо ки ҳатто шоҳони аз кишвари вай дур аз ҳамлааш дар ҳаросанд ва тоби дар разм бо Муҳаммад Хоразмшоҳ рӯ ба рӯ шуданро надоранд:

Шоҳо, дар он замон, ки барорӣ чу офтоб
Теғи зафарафроштаи хасмкоҳи ту.
Ҳайрон шавад чу сурати девор дар набард,
Фағфури Чин зи ҳамлаи мардумгиёҳи ту. [11, 430]

Дар қисмати талаб ва дуо ин орзуи шоирро дар қасидаи мадҳии худ мехонем:

То дар мисоли ақл нишон ин бувад, ки бод
Умри абад ҳилоли сари солу моҳи ту.
Наззорагоҳи раъйи салотини аср бод
Ойинаи замири сафирони роҳи ту. [11, 430]

Сайфи Исфарангӣ дар қасидаҳои ба Муҳаммад ибни Текиш Хоразмшоҳ бахшидааш на сифоти базми ӯ, балки сифатҳои олии разми ӯро мадеҳ

мегӯяду васф мекунад. Шоир шоҳро пайваста дар разм бо душманону кинхоҳонаш мебинад ва ғолибу музаффар ва пирӯз дармеёбад. Муҳаммад Хоразмшоҳ шоҳи хусравнишон, сикандаройин, ҷаҳондор, фаррухпай бо тамоми дороиҳои қиматбаҳои ҳарбӣ аст. Зиёда аз ин сарбозону саркардагон ва лашкари ғаюр дорад. Имонаш мустаҳкаму комил ва теғи обдораш ҳамеша дар ҳама ҷо гузарост (Ҳусоми обдори ӯ зи гавҳар нек пурдил шуд, - Бараҳна з-он ҳамегардад ба рӯзи разм дар ҳайҷо). Шоҳ агар бо аспаш пайдо шавад, наъли Шабдезаш чун ҳилоли ид дар гунбади мино тобад (Битобад наъли Шабдезат зи гарди маърака, гӯӣ, - Ҳилолӣ ид пайдо шуд зи рӯи гунбади мино) ва:

Агар моҳи ливои ӯ шабе хирман занад дар Чин,
Наёрад офтоб аз бим теғи хеш дар саҳро.
Ҷаҳонро эътидоле дод адли ӯ, ки то маҳшар
Наёрад беш ҷунбонид мӯйе роғиби гармо… [11, 86-87]

Шоир дар қасидаи дигари ба мадҳи султони вақт, яъне мамдуҳи худ бахшидааш, ки аз 45 байт иборат аст, зафари навбатии Муҳаммад Хоразмшоҳро дар набард бо душманон хеле умумигӯӣ ва маддоҳона васф кардааст. Дар ҳеҷ як байти ин қасида ишорае пайдо нашуд, ки Муҳаммад Хоразмшоҳ бо кадом шоҳу ҳоким ҷангидаву бар болои он фирӯз гаштааст. Ин қасида ҳам чун қасидаҳои пешин қасидаи маҳдуд буда, аз мадҳи шоҳ ҳусни оғоз мегирад бад-ин зайл:

Дар гулшани мулк бори дигар
Товуси зафар кушод шаҳпар.
Афканд ҳумои фатҳ соя
Бар чашмаи офтоб ханҷар.
Дебочаи корномаи мулк
Шуд хатм ба номи шоҳ Санҷар,
Яъне, ки Алои дину дунё

Султони муҷоҳиди музаффар.

Шоҳе, ки кашад камони туғро-ш

Тири гардун ба хатти меҳвар… [11, 258-259]

Дар ин қасида омадааст, ки ҷангҳою зиддиятҳои Муҳаммад Хоразмшоҳ бар зидди душманонаш он қадар ба зарб ва зӯроваранд, ки ҳеҷ қудрату қувват ва тиру шамшер пеши онро гирифта наметавонад. Шоир он қадар набардҳои беамони шоҳро ситоиш менамояд, ки:

З-он то нашавад мухолифонро

Заҳроби ҳисоми ӯ мукаррар.

Дар асл буридаҳалқ зоянд

Чун моҳии безабон зи модар.

Олоиши хуни лашкари Чин

Бо файзи саҳоби селгустар,

Аз чашмаи теғи бандагонаш

Ҳаргиз наравад чу доғи гозар… [11, 259]

Мадҳияҳои ба васфи Муҳаммад Хоразмшоҳ бахшидаи Сайфи Исфарангиро мутолиа карда, навиштаҳои «Авесто» роҷеъ ба подшоҳон ва дуои нек кардан ба онҳо ба хотир меояд. Аз ҷумла, «Офарин мар подшоҳеро, ки додгар барои нерӯи бартарин ва пирӯзманде болотарин ва подшоҳе баландтарин аст…

Дуо ва офарин мекунам, ки подшоҳи додгар дар ҷанг бар ҳар душмани кинаварз ва норостандеш ва норостгуфтор ва норосткирдор ва бар ҳар тани бадкинаварз фирӯзманд бишавад.

Ва бар онҳо бо андешаи рост ва гуфтори рост ва кирдори рост ғолибояд.

Ва бар тамоми душманон ва тамоми парастандагони зулмат пирӯз гардад…

Дуруду офарин бар ту барои кӯмаки мардуми рост ва барои зиёни

бадкардагон, то дер замон зинда бошӣ ва зинда бимонӣ бо фарохӣ ва фархундагӣ!

Биҳишт ҷои покон ва ростон, ки равшан ва пур аз нур аст, ҷои ту бод! [92, 107]:

Аз ин иқтибос бармеояд, ки ҳукумат дар Эрони Бостон дар вуҷуди шахси шоҳ мутамарказ мегардид ва тамоми бурду бохти кишвар дар вуҷуди ӯ хулоса мешуд. Яъне, васфи шоҳ дар миёни эронитиаборон таърихи куҳан дошта, он аз гузашта ба адабиёти навини мо роҳ ёфта будаасту мадҳияҳои қасидасароёни адабиётамон аз он сарчашмаи ноб об хӯрда будааст.

Дар тасвири Сайфи Исфарангӣ аз теғи буррони шоҳ ва лашкариёнаш на танҳо селобаҳои хун равона мешуданд, балки аз тани мурдагони аъдо дар саҳро кӯҳҳо пайдо мегардиданд (Саҳро гирад чу кӯҳ боло, - Аз ҷавшани марди кӯҳпайкар)-у шамшерашон аз косаи сарҳо ғизо мехӯрд (Шамшер зи ҳафт хони ҳайҷо, - Мехӯрд ғизо зи косаи сар). Аз диди эҷодкор қудрату тавони шоҳи «ҳамеша музаффар» бад-он поя аст, ки аз фармону амри ӯ касе саркашӣ карда наметавонад. Ҳама, ҳам хос ва ҳам ом, дӯст ва ҳам душманон гӯш ба фармони ӯянд ва фармони ӯ ончунон аст, ки:

Фармони туро, ки дар ҷаҳон бод
Аз мисраи азми ту равонтар,
Дарё ба забони мавҷ хонад
Дар ҳалқаи гӯши моҳии кар.
Теғи ту ба лафз гар дарояд
Мар тӯтии нуткро баробар,
Хуршед кунад ба муҳр дар кон
Нақши лақаби ту бар рахи зар. [11, 260]

Аз қасидаҳои мадҳии ба Муҳаммад Хоразмшоҳ бахшидаи Сайфи Исфарангӣ бармеояд, ки замонааш муҳити нооором буда, шоҳи замон ба ҷойи ба айшу ишрат нишастан ҳамеша дар корзор, дар майдонҳои набард асту

мувофиқи тасвири шоири маддоҳ аз майдонҳои набард бо душман ҳамеша зафарманд бармегардад. Ба ҷуз васф дар ин қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ҷузъитарин талабу тамаи маддоҳ дида нашуд. Ин шаҳодати он аст, ки давраи ба дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ роҳ ёфтан шоир то ҷое рӯзгори осоишта доштааст. Ғайр аз ин ҷавонӣ ва давраи худро бо роҳи эҷод ба хосу ом шиносониданаш буд, то аз коргоҳи эҷод барои ояндаи худ роҳ кушояд ва заминаи мусоиди эҷодӣ муҳайё созад.

Мамдӯҳи дигари Сайфи Исфарангӣ ҳамзамон бо Муҳаммад Хоразмшоҳ вазири боэътимоди ин шоҳ Низомулмулк Носириддин Муҳаммад ибни Солеҳ мебошад, ки шоир ба ӯ 14 қасидаи худро бахшидааст. Ҷойи зикр аст, ки ин Низомулмулк Носириддин Муҳаммад ибни Солеҳро набояд бо вазири султонҳои Эронзамин Алпарслон ва Маликшоҳ Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ – Низомулмулк (1017-1092), муаллифи «Сиёсатнома», ки ин асар аз усули давлатдорӣ баҳс мекунад, махлут намуд [50, 181-182].

Носириддин Муҳаммад ибни Солеҳро адиби ба дарбор роҳёфта дар баробари Султон Муҳаммад дармеёбад, балки бештар аз шоҳ ба ӯ, ба меҳрубонию меҳмоннавозии ӯ, ба муҳаббаташ ба аҳли қалам, ба чашму гӯшу ҳуш буданаш ба шоҳ, раъиятпарварию дасти бечорагонро гирифтани ӯ эҳтиром дорад. Ин вазир дар сурату сират чун «фаришта», «донандаи роз», «кушояндаи гиреҳҳои кори шоҳ», «меъмори ҷоҳ», «бинои мамлакат», «теғи буррони килк» аст. Ончуноне ки Сайф ба пиндору гуфтору рафтори ӯ ошиқона менигарад, ташнагии худро бо дар паҳлуи ӯ будан мешиканад, иқболи шоҳаншоҳро аз кордонию роҳнамоии ӯ ба садрҳо медонад. Вазири нексигол аз амонӣ ҳарф мегӯяд, боми ғамро хароб ва кӯҳи шодиро ободон нигоҳдоранда аст [50, 199-201], ки шоир ин ҳамаро бо маҳорати баланди суханофарӣ сурудааст. Вале боз ҳам ин вазири некхоҳ душманони ношуди хирасар, бадсигол дорад, ки гоҳо бар муқобилаш сар мебардоранд, аммо:

Аз хирасарӣ агар сар афрохт
Бадхоҳи ту як замон чу озар.

Дар оташи ғусса чун сари шамъ
Ҳар лаҳза ҳамеравад фурӯтар…
Дар вақъаи оз душмани ту
Қорунсифат арчи шуд тавонгар,
Бо Рустами Золи Зар ҷигар хӯрд,
Бар суфраи ҳафт хони кишвар. [11, 252]

Мамдӯҳи шоир натанҳо дар пешбарии корҳои дафтари шоҳ, тайёр намудани фармонҳои бамаврид ва саривақтии давлатӣ муваффақ аст, балки аз онҳост, ки ба аҳли сухан ва осори онҳо метавонад қазоват намояд, сараро аз носара фарқ кунад. Аз ин рӯ, Сайфи Исфарангӣ ба ӯ ишора намуда мегӯяд, ки:

Имрӯз туӣ, ки мешиносӣ,
Эъҷози Масеҳ аз дами хар.
Дар назми муосирони банда
Гаҳ-гоҳ ба чашми ақл бингар.
То баҳри хафифи шеър бинӣ
Аз мантиқашон гарон чу лангар… [11, 252-253]

Зеро:
… Ҳаст килкаш мулкро чун теғи султон ногузир. [11, 253]

Қасидаҳои шоир «Фӣ Носир-ид-даврон вад –-дин Низомулмулк Муҳаммад ибни Солеҳ» [11, 342-344] ва «Фӣ-л-маҷлис-ил-олӣ Низомулмулк Носир-уд-давла вад-дин Муҳаммад ибни Солеҳ [11, 418-421] аз қасидаҳои мукаммали мадҳии ба вазири Муҳаммад Хоразмшоҳ бахшидаи ӯ буда, дар онҳо аз ҷиҳати сохт таркиби муайяни қасидаҳои мадҳӣ: тағаззул (насиб ё ташбиб – О.Р.), тахаллус, мадҳ, фахрия, талаб ва дуо пуррагӣ риоя шудааст. Масалан, қасидаи аввал аз 41 байт иборат буда, дар тағаззул (иборат аз 11

байт) васфи моҳи нав омадааст. Дар байти 12-ум бошад, тахаллус ҷой дорад. Аз байти 13 то байти 38 мадҳи мамдӯҳ омада, байти 39 фахрия, байти 40 талаб ва байти 41 дуоро дар бар кардаанд. Касидаи мазкур бо ин абъёт анҷом ёфтааст:

Нест поёни раҳ мадеҳи туро,
Надиҳам беш аз ин қадар ибром.
То бимонад ба коми ту, медор
Мар ҷаҳонро зи зумраи худдом.
То бигардад ба раъйи ту, мекун
Осмонро ба утф истихдом. [11, 344]

Умуман, дар қасидаҳои ба Муҳаммад ибни Солеҳ-вазири Муҳаммад Хоразмшоҳ бахшидаи Сайфи Исфарангӣ симои зоҳирӣ ва ботинии вазир бегумон аз будаш зиёдтар тасвир ёфтааст. Аз назари шоири маддоҳ ягон паҳлуи фаъолияти мамдӯҳ дур намондааст, ҳатто агар мамдӯҳ кӯшиш намуда бошад, ки сурати замири худро аз чашми дигарон пинҳон нигоҳ дорад, он барои шоири мадеҳасаро аён аст. Шоир мегӯяд:

Гар ту ниҳон кунӣ зи ман, сурати хеш мекунад
Ойинаи сафои ман сурати ҳоли ту аён. [11, 420]

Ин гуфта шаҳодати он аст, ки Сайфи Исфарангӣ бо Носириддин Муҳаммад ибни Солеҳ хеле муносибати наздик доштааст. Шояд яке аз сабабҳои ба дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ роҳ ёфтани ӯ муҳаббати ҳамин вазир бошад. Вале сабаби аз дарбор бо тезӣ рафтани шоир аз саҳфаи чунгу маъхазҳои баъдӣ афтодаасту барқарор кардани он далелҳои шайъиро тақозо дорад.

Сайфи Исфарангӣ «муддате бо рафоқати Хоразмшоҳ ба сар бурда, баъд аз он чанде ба сайёҳати Хуросон» [1, 153 а] мутаваҷҷеҳ шуда будааст. Баъди ин сафар ҳам, ки зоҳиран хеле кӯтоҳ буд, суханвари исфарангӣ ба

Самарқанду Бухоро бармегардад ва аз девони ашъори ӯ пайдост, ки бештари қасидаҳояш ба садрҳои Самарқанду Бухоро бахшида шудаанд.

Бояд ёдрас шуд, ки дар замони Султон Муҳаммад ибни Текеш Хоразмшоҳ дар Самарқанду Бухоро мавқеи диндорон мустаҳкам гардида, рӯҳониёни баландмартабаи исломӣ ба худ мақоми алоҳида пайдо намудаанд. Садрҳо аввал ба корҳои динӣ дахолат менамуданд. Онҳо оҳиста-оҳиста ба корҳои маъмурии шаҳрҳо даст зада, худро фармонбардори Хоразмшоҳ намуданд. Тавре дар боби гузашта ишора рафт, ин ҳамроҳӣ ба корҳои умури давлатӣ ба ҷое овард, ки садрҳо барои идора кардани давлату дин ҳуқуқ пайдо намуданд. Яке аз онҳо – хонадони Бурҳониддин буд, ки сулолаи махсусе дар Бухоро ба вуҷуд овард таҳти унвони «Садри ҷаҳон» [84, 221] ва он шаҳрро ҳатто зери тасарруфи худ даровaрда буд.

Садрҳо баробари заминҳои вақф аз ҳунармандон ва аҳли бозор, заминҳои атрофи шаҳр андоз ситонида дороии худро меафзуданд ва ҳатто ба мардуми бечора зулм мекарданд. «Ин хидмати садрҳо рӯз то рӯз ҳисси бадбинии оммаи халқро зиёд намуда, ба шӯриши зидди ом оварда расонид» [84, 221] ва соли 1206 бар зидди садрҳои Бухоро шӯрише ҳам сар зада будааст.

Аз садрҳои Бухорои замони Сайфи Исфарангӣ, ки шоир бо онҳо вохӯрдаву мулоқотҳо анҷом дода, барояшон мадҳияҳо ҳам навиштааст, метавон садр Бурҳониддини Бухороӣ, наберааш Садр Ҳумоюн, ҳамроҳонашон муфтӣ Ҷалолуддини Бухороӣ, Сайфиддини Бухороӣ ва Носириддини Наср ал-Бухороӣ, Заҳириддин Алихоҷаи Бухороӣ, садр Тоҷиддини Бухороӣ (аз авлоди Бурҳониддин – Р.О.), ки садрушшуарои Бухоро низ буда, табъи шоирӣ дошт, ёд кардааст. Ин гумоштагони Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ дар тасвири шоир пеш аз ҳама дар ҳамаи кору фаъолияташон муваффақ буда, ҳамеша бар болои душманони худ музаффару ғолибанду зиёда аз ин, дастгиру мададгор ва ғамхори табақаи поёнии ҷамъияти он замон – ситамдидагон, дармондагон, бечорагон, камбизоатон мебошанд. Ба ин маънӣ, дар қасидаи ба Заҳириддин Алихоҷаи Бухороӣ ин

абъётро мехонем:

Дӯш чун пайки пагаҳхези сабо

Муждаи фатҳ расонид ба мо.

Тӯтии нотиқа бе кому забон

Кард дар олами арвоҳ нидо:

К-эй ситамёфтагон шод шавед,

Ки ситам рафт ба зиндони фано.

Субҳи инсоф алам зад бар бом,

Зулмро гашт сияҳ моҳи ливо.

Офтоби назари саъд имрӯз

Соя андохт ба аҳволи шумо.

Рафт он навбати бедод, ки буд

Зулмро бар сари халқ истило… [11, 67]

Заҳириддин Алихоҷа банизомдарорандаи мулк, каромоташ беинтиҳо ва дасти сахояш абри атост (…Дасти ту гоҳи сахо абри ато аст…)-у дар баробари корҳои ин ҷаҳониро анҷом додану ба низом даровардан аз пайи обод намудани он ҷаҳон аст. На як ин садр, балки садрҳои дигар, ки Сайфи Исфарангӣ дар Бухоро дар хидматашон ё нишасташон будааст, дар сатҳи сарвару саркарда ва садру роҳнамои одилу оқил, донишманд, кордон, пушту паноҳи диёру ҳамдиёрон, дастгири ниёзмандон, саховатманд ва ғ. васф карда шудаанд. Масалан, шоир Бурҳониддин ( набераи Садр)- ро дар саховатмандӣ ин тавр сифат менамояд:

Ҷуз ту дар аҳд баҳри атое, ки ҳаст,

Ҳамчу атои саҳоб, бахшиши ӯ беҳисоб? [11, 116]

Аз ин қасида бармеояд, ки Сайфи Исфарангӣ дар замони дар қайди ҳаёт будани садр Бурҳониддин зиндагии нисбатан ороме дошта, ӯро мафхари Оли Бурҳониёни Бухоро мехонад (Мафхари Бурҳониён он ки ҷаҳон хонадаш, - Теғи гуҳардори дин, садри ҳумоюнҷаноб), худро аз шоирони хидматгори даргоҳи ӯ муаррифӣ менамояд (Дар сафи хидмат басе дошт суханвар чу ман,

- Сохта аз симу зар ҳалқа лаҷому рикоб) ва ба набераи ӯ хабар медиҳад, ки:

З-он ҳама акнун манам тазкираи аҳди ту,

Бар дари сифлахарон монда чу хар дар халоб.

Кини ман аз рӯзгор бозталаб ҳамчунон-к

Кини Сиёвуш хост Рустам аз Афросиёб [11, 117]

Сайфи Исфарангӣ ба хонадони Бурҳониён, хоса ба садр Бурҳониддин эҳтирому эътиқод доштану дар даргоҳи эшон соҳибмаош будани худро дар қасидаи ба Маҷдиддин Абӯбакр Алӣ – дастури Мовароуннаҳр бахшидааш ин тавр иброз намудааст:

Буд дар аҳди гузашта қадаре идрорам,

Ки ҳаме будам осудаву дилшод бад-он. [11, 418]

Шоир агарчи аз хидмати Бурҳониёни Бухоро дур аст, боз ҳам некиҳои ба ӯ кардаашон ва кӯмаки беминнаташонро фаромӯш накарда, баъдинагони садр Бурҳониддинро барои хираду фазилат ва мардумнавозиашон дар қасидаҳояш меситояд, ки яке аз онҳо садр Тоҷиддин ал-Бухороӣ мебошад. Вай дар ин қасида гила аз замонаи одамношинос карда, ифтихор аз он дорад, ки аз назари замона дур афтода бошад ҳам, аз назари хонадони Бурҳониён дур наафтодааст ва ҳар садре аз ин хонадон ҳозиранд дасти ӯ бигиранду заҳматҳои як замоне ба онҳо кардаи суханварро қадр намоянд. Сайфи Исфарангӣ ба замона ишора намуда мегӯяд:

Гар ту фикандӣ зи чашм, шукр, ки н-афтодаам,

Аз назари Тоҷиддин – садри судурул варо.

Мафхари Бурҳониён, он ки чу ҷадду падар

Унсури аслафрост гавҳари ӯ кимиё. [11, 100]

Шоир дар ин даста қасидаҳои мадҳияш на танҳо ғами худро, балки ҷомеае, ки давлат аз онҳо побарҷост, мехӯрад ва аз садри Бухоро Тоҷиддин бо илтиҷо ин хоҳишро менамояд:

Қудрат дорӣ, мамон, то накунад рӯзгор

Халқи сазоворро сабғаи ҳар носазо. [11, 104]

Иддаи бештари қасидаҳои мадҳии Сайфи Исфарангӣ ба садрҳою дигар мансабдорону дороёни Самарқанд бахшида шудаанд, ки суханвар бо бештари онҳо дар мулоқоту суҳбат ва дар хидмату маҳфилнишиниҳо будааст. Инҳо Абӯбакр Тоҳири Самарқандӣ, Муҳаммад Ҷалолуддин, Муҳаммад Шамсиддин, Бурҳониддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абулазизи Самарқандӣ, Аслиддин Табиби Самарқандӣ, Амир Амиди Самарқандӣ, Мушаррафи Самарқандӣ, садр Ифтихориддини Самарқандӣ, шоир Имом Шамсуддини Самарқандӣ, садр Муҳаммад Ҳусайни Самарқандӣ, имом Камолуддини Самарқандӣ, Имоми Самарқандӣ, Шайхулқозиюлқуззоти Самарқанд Маҳмуд ибни Алӣ Убайдуллоҳ, Мунаҷҷими Самарқандӣ ва чанд тани дигар мебошанд.

Суханвар ба садр Абӯбакр Муҳаммад ибни Шамсуддин Тоҳири Самарқандӣ чанд адад мадеҳа суруда, ӯро аз будааш бештар сифат карда бошад ҳам, вале аз ӯ чандон илтифоте надидааст. Аз қасидаю қитъаҳои ба ин садр бахшидааш бармеояд, ки ӯ бо мадҳ гуфтани садр Абӯбакр Муҳаммад ибни Шамсуддин Тоҳири Самарқандӣ аз вай умеди дастгирии моддӣ дорад, на чизи дигаре. Аз ин рӯ, Сайфи Исфарангӣ мамдӯҳи навбатии худро «воситаи давлату дин», «тӯтии нотиқа», «кадхудои ҷаҳон», «Сикандармақом», «фарзанди хоки ноб» ва ғайра мехонаду мегӯяд:

Ин суханро, ки дар ӯ нотиқа ҳайрон шуда буд,

Ман ҳамекардаму мекард Уторид таҳсин.

Боз пурсид, ки он кист? – Нагӯӣ? – Гуфтам;

-- Санади мулки ҷаҳон, аҳли ҳунар Шамсуддин.

Соҳиби Шарқ, ки дар давлати Хусравмалакӣ

Мулкро дода низом аз мадади раъйи разин.

Он ки аз ҳиммати ӯ ози гадо шуд Қорун

В-он ки аз мидҳати ӯ дурри сухан гашт самин… [11, 350]

Сайфи Исфарангӣ дар қасидаҳояш Абӯбакр Тоҳири Самарқандиро бо омадани сари соли нав – Наврӯз табрик менамояд (Соқӣ, биёр бода, ки Наврӯзи олам аст, - Рӯзи нишоти ноиби дастури аъзам аст), дасти ӯро дар муқобили дасти дигар садрҳо файзбахш мехонад (Дасти ҳама ба дасти ту монад, вале дар асл, - Он рашҳи обхонаву ин файзи Замзам аст) ва мегӯяд:

Эй он ки чу абри навбаҳорӣ

Дасти карамат гуҳарнисор аст.

Ҳамчун афъӣ ба заҳрханда,

Ҳилмат ба асар адӯшикор аст…

Хасмат чу давот сарнамой аст,

Лекин чу қаламниҳода хор аст… [11, 147-148]

Ин мамдӯҳ дар тасвиру мадҳи шоири мадеҳасаро ба он поя аст, ки гӯё вай аз онҳоест дар ҳама кору пайкор ғолибу фотеҳ, ҳатто замину осмон дар итоати фармони ӯянд [11, 181], бадхоҳонаш ҳамеша хору забун [11, 181]-у сари дӯстон ва наздиконаш осмонсоянд [11, 210], умри ӯ дар баробари замину осмон дароз [11, 374] ва:

Садри судур, фахри мулук, он ки сипеҳр хонадаш

Сояи офтоби Ҳақ, гавҳари афсари шаҳон. [11, 375]

Ва:

Эй, зи пайи амони ҷон дил ба ту дода дилбарон,

Ҷавру ҷафои ту беҳ аз меҳру вафои дигарон. [11, 375]

Дар қасидаи дигари ба ин садр бахшида шоир дар баробари мадҳу ситоиши пурмуболиға гилаи ӯро нисбат ба Тоҳири Самарқандӣ ин тавр дармеёбем:

Дар раҳи шеър ба ҷое, ки тавалло кардам,

Гарчи лангам ба маре, бигзарам аз роҳравон.

Муддате ҳаст, ки аз бахшиши ту хотири ман

Рост чун ганҷи хаёл асту шаби беморон.

Ҳам ту инсоф деҳ охир, ки дар аснои сухан

Ройгон чанд занам лофи ту бо ҳамкорон… [11, 386]

Зеро дар қитъае, ки шоир ба садр Тоҳири Самарқандӣ бахшидааст, забони ҳол ба шиква кушода мегӯяд:

Бар шохи ҳаво-т ҳеҷ мурғе

Бе донаю ошёнае нест.

Ҷуз ман, ки дар ошёнаи ман

Чун хирмани моҳ донае нест. [11, 515]

Мамдӯҳони Сайфи Исфарангӣ зиёд бошанд ҳам, аз қасидаҳои ба Амир Амид Қутбиддин ё Ихтиёриддини Ҳабаш бахшидаи ӯ бармеояд, ки шоир ба ин шахсият таваҷҷуҳ ва муҳаббату эҳтироми хоса доштааст. Л. Сулаймонова менависад, ки Сайф пас аз истилои муғул ба мадҳи Амир Қутбиддин, ки солҳои 1220-1251 аз ҷониби саркардаҳои чиғатой ва муғул ба идораи Мовароуннаҳр таъин шуда буду беш аз 30 сол ҳукумат дошт, чанд қасида навиштааст [114, 30]. Бале, вақте девони шоирро, бахусус, бахши қасоиди онро варақ мезанем, мебинем, ки Сайфи Исфарангӣ ба ин мамдӯҳи худ 10 қасида бахшидааст, ки дар саҳифаҳои 110-113 (96 байт), 140-143 (29 байт), 154-156 (30 байт), 286-287 (31 байт), 288-289 (31 байт), 392-394 (38 байт), 397-400 (53 байт), 400-403 (47 байт), 487-491 (63 байт) ва 491-494 (51 байт) ҷой доранд. Агар ба таври умумӣ ба ин қасидаҳо баҳо дода шавад, метавон гуфт, ки мадҳияҳои ба Амир Амид Қутбиддини Ҳабаш бахшидаи шоир асосан ҳамон сифатҳоеро доранд, ки мусанниф ба садрҳои дигари Бухорою Самарқанд арзонӣ доштааст. Вале боз дар онҳо баъзе ҷузъиёти шахсии Ихтиёриддинро низ дарёфтан мумкин аст, ки онҳо танҳо марбут ба шахси ӯянд, монанди:

Ҳуҷҷати Ҳақ, довари исломиён, қозӣ-л-қузот,

Он ки ҳаст аз даҳ падар мерос ӯро доварӣ. [11, 489]

Аз ин байт бармеояд, ки пушт бар пушти Ихтиёриддин аз пуштбонони дини ислом ва қозиюлқуззот гузаштаанд ва мансабе, ки ӯ дорад, ирсист на тасодуфӣ. Дар поёнтари ҳамин қасида шоир чеҳраи мамдӯҳашро равшантар намуда мегӯяд:

Садри дин, устоди олам, қозии мутлақ, ки ҳаст
Давраи шамъи камоли ӯ чароғи доварӣ.
Нури чашми садри ислом, он ки рӯзу шаб барад
Саъди Акбар аз ҷамолаш мояи некахтарӣ.
Муфтии миллат ҷалоли дин, ки килки ӯ кунад
Рӯзи маҳшар имтиҳон бо аҳли бидъат ханҷарӣ… [11, 489]

Садр Ихтиёриддини Ҳабаш аз диди Сайфи Исфарангӣ шахсияти нотакрор дар сарварӣ аст. Вай дӯстонро ҳабибу меҳрубон, дастгир, вале душманон ва ҳасудонро ханҷари равон ва теғи буррон мебошад (Душмани ту зи ҷон ба ҷон омад аз он ки рӯзу шаб, - Ҳаст чу шамъи базми ту куштаи рӯҳи қолабаш; ё, - Ҳаст ҳубоб хасми ту…) ва дар роҳи Ҳақ ва ҳақиқат покбоз асту довари ростин. Чун роҳаш росту нигоҳаш покбин аст, дасташ файзу баракат дорад ва аз файзаш ба ҳамнавъон эҳсон мерасад. Дасти файзу баракати Ихтиёриддини Ҳабаш то ба он ҷост, ки:

Аз файзи ту абр шир дода
Атфоли баноти бӯстонро. [11, 110]
Ва ё:
Асари бахшиши ту чун абр аст,
Ки падидор набошад сабабаш. [11, 289]

Дуои Сайфи Исфарангӣ ба ин садри ҳақҷӯву ҳақбин ин аст:

Хуш бош, ки офтоби давлат
Аз рағм ҳаводиси замонро,
Дар зери нигинаи ту орад
Пирӯзаи чархи ҳалқасонро. [11, 113]

Шоир дар як қасидааш ба Ихтиёриддини Ҳабаш ишора намуда мегӯяд, ки дар замони ӯ баҳри арӯзи сухан, яъне шеъру шоирӣ монанди ҳасудони ӯ созу сафо надошт, хушк буд. Ҳамин аст, ки Сайфи Исфарангӣ онро бо гуфтани шеъри равон пур ва лаболаб кард:

Ҳамчу лаби ҳасуди ту баҳри арӯз хушк буд,
Оби равони назми ман кард чунин лаболабаш. [11, 287]

Сайфи Исфарангӣ ба ин мамдӯҳи худ, ки аз рӯи сидқ вайро васфу ситоиш менамояд, хоҳиши онро дорад, ба шеъри ӯ, сухани манзуми ӯ гӯш диҳад, сеҳри сухани ӯро дарк намояд, ба ҳарфи ҳасудону сустназмон гӯш надиҳад. Шоир мегӯяд:

Нест чу ман дар ҷаҳон, хоса дар иқлими ту
Соҳири шеърозмой, шоири сеҳрофарин.
З- обу ҳавои дарат карда ниҳоли сухан
Шохи маонӣ баланд, бехи маонӣ матин.
Қосиди бадфол агар рад кунадам, дур нест
Толеи ахтаршинос наҳс ниҳад раҳнишин… [11, 400]

Дар охири ин қасида шоири маддоҳ аз мамдӯҳ хоҳиши онро дорад, ки вобаста ба ҷоҳу рӯзгори пур аз зулму ситам дасти кӯмак ба сӯйи ӯ дароз намояду мададгораш бошад, то Худо дар ҳама кор ёру ёвараш гардад (Аз ситами рӯзгор ҳомии ман шав ба ҷоҳ, - То бувадат Кирдигор дар ҳама ёру матин).

Барои он ки ба эҳтирому эътиқоде, ки Сайф ба Ихтиёриддини Ҳабаш

дорад, бештар боварӣ ҳосил шавад, ба қасидаи дигари ӯ, ки бад-ин матлаъ аст, таваҷҷуҳи бештар равона гардад:

Зиҳӣ, зодаи табъи ту оташи ҷон,
Шуда равшан аз лутфи ту оби ҳайвон. [11, 400]

Аз ин қасида бармеояд, ки садри Самарқанд ва аҳли Мовароуннаҳр дар рӯ ба рӯи худ душмане дорад ба нияти ҷанг кардан бо ӯ. Шоир, агарчи худ наметавонад дар майдон паҳлуи ӯ бошад (На пое, ки оям пиёда ба хидмат, - На дасте, ки дорам хареро ба сомон), боз ҳам бо қуввату қудрати сухан ба ӯ ва сарбозонаш нерӯ мебахшад, боварӣ дорад, ки Амир Амиди Ҳабаш дар муҳориба ғолиб меояд ва ҳеҷ талафоти молию ҷонӣ нахоҳад дод. Ҳатто аз боди ҳодисае, ки ба սараш омадааст, сари парчамаш нахоҳад ҷунбид (Зи таъсири адли ту аз боди ҳамла – Нагардад сари зулфи парчам парешон). Дар ин миён шоир ба мамдӯҳи худ таъкидомез мегӯяд:

Ту дар банди назми ҷаҳон шав, туро худ
Ба мизони худ баркашида-ст даврон. [11, 401]

Шоир бошад:
Ба номи ту ҳар лаҳза бармефурӯзам
Чароғи наве дар шабистони девон. [11, 403]

Сайфи Исфарангӣ он ҳама суханҳои некӯро ба он хотир ба шахсияти Ихтиёриддин Амир Амиди Ҳабаш равона месозад, ки аз ӯ умеди ба даргоҳаш роҳ ёфтанро дорад, мехоҳад дар хизмати садри олиашон ва баландмақом бошад. Аз ин рӯ, марвориди назмашро ба ин садр нисор менамояд:

Орзу дорам қабули хизмати ту, лоҷарам
Туҳфа кардам иқди марвориди назм аз безарӣ. [11, 431]

Ихтиёриддини Ҳабаш ҳам дар кори ин дунё ва ҳам дар кори он дунё баҳри ҷомеаю замони худ дар хидмат аст. Мардумро дар ин ҷаҳон ба ҳалолкорӣ даъват менамояд, то он ҷаҳонашон обод бошад ва ба ин кор хастанопазирона шабу рӯз машғул аст:

Гарчи дар кори ҷаҳонӣ шабу рӯз,

Дар ҷаҳон аз пайи кори дигарӣ. [11, 599]

Бояд гуфт, ки Сайфи Исфарангӣ дар ҳамаи қасидаҳои ба Ихтиёриддини Амир Амиди Ҳабаш бахшидааш, дар навбати аввал таманнои онро дорад, ки душманонаш забуну хор бошанд, парчами афрохтаи ӯ дар хиттае, ки ҳукумат дорад, парафшонӣ намояд, аз туҳматгарону бадгӯён роҳашро ҳамвор созад, чоплусону сустпаймоёнро бовар насозад, хоса онҳое, ки шоиррову шеъри гавҳарафшонашро дар назди ӯ паст мезананд, эътибор надиҳад. Дар ниҳоят, агар ба гуфтаву навиштаҳои ҳақбинонаи шоир таваҷҷуҳ дорад, ӯро ба хидмати беминнати худ хонад. Дар ин қасидаҳо танҳо як чиз норавшан ва абстракт ба назар мерасад, ки ин садр душман дораду он душманон киянд? Душманон аз дохиланд ва ё аз хориҷ? Қудрату тавони онҳо дар муқобили Ихтиёриддини Ҳабаш дар кадом поя аст? Барои кушодани ин саволҳо бояд ба решаҳои чуқури замони шоир огоҳона фурӯ рафт, то ҳақиқати ҳол ба пуррагӣ рӯй занад. Дуруст аст, ки замони садр Ихтиёриддин замони ҷангу ҷӯш ва хунрезиҳои муғулҳо буд, ки дар он замон ҳукумати шаҳри Самарқандро ба даст гирифтану ба ҷомеаи он ҳукм рондан кори саҳлу осон набуд. Пас ба ин садр ирсияти авлодӣ ёр будааст, ки дар он замон аз уҳдаи кор мебаромада будааст.

Роҷеъ ба он ки баъди навиштани ин қасидаҳо муносибати садри вакт бо шоири мадеҳасаро чӣ тавр буд, ҳоло иттилое зери даст надорем. Гумони дуруст он аст, ки Амир Амиди Қутбиддин ё Ихтиёриддини Ҳабаш нисбат ба шоир бетафовут набудааст ва баъзе маврид бо бахшише ё инъоме дили маддоҳи худро меёфтаву дасташро мегирифтааст.

Тавре ишора рафт, Сайфи Исфарангӣ ба беш аз 100 нафар мансабдорону зимомдорон ва ашхоси баобрӯи замони худ қасидаву қитъаҳо бахшидааст.

Ҳамаи ин қасидаҳо асосан мадҳиянду якоҳанг эҷод шудаанд. Масалан, дар онҳо чун дар қасидаҳои дар боло иқтибосшудаи шоир, мо пеш аз ҳама, нобоваста ба хислату характери мамдӯҳ, сифатҳои неки онҳо, тавоноиву забардастии ин ё он садру амалдор, мағлубнопазир буданашон дар ҳар як кору фаъолият, дар доварӣ боинсоф ва дар роҳи дину мазҳаб дасти қавӣ доштанашон ва ғайра васф шуда бошад, дар баробари ин ҳама сифатҳои пасти ҳасудону нотавонбинон ва душманонашону рақибонашон накӯҳиш карда шудааст. Шоир дар қасидае, ки ба садри дигари Самарқанд Шамсуддавла бахшидааст, ин дуоро арзонӣ медорад:

То ки фитад чу меҳру маҳ сояву нур бар замин,
То биравад ба хоби шаб чашми ситора бар само,
Бод маҳи камоли ту ҳамчу ҳилол бар фузун,
Бод ҳасуди чоҳи ту ҳамчу хаёл камбақо. [11, 64]

Сайфи Исфарангӣ дар қасидаи дигари худ, ки ба садр Баҳоуддини Марғинонӣ бахшида шудааст, таъкид менамояд, ки вай на ба ҳар кас, на ба ҳар сарвари камбаҳову дун гавҳари сухани худро мебахшад. Вай шеъри худ, офаридаи худро ба онҳое эҳдо менамояд, ки ба қадраш мерасанд ва ҳатто ба онҳое, ки ба қадри суханони пурбаҳо мерасанд, ҳозир аст офаридаи қаламашро ройгон бахшад, бидуни интизории подоше:

Шеваи ман нест, ки бар дари дунон
Туҳфа кунам зодагони бикри закоро…
Ман ба ҳавои ту ройгон бифурӯшам,
З-он ки ту донӣ баҳои дурри саноро. [11, 71]

Шоир дар қасидаи ба амирулумаро Ҳусомуддини Қошғарӣ бахшидааш дар навбати аввал бо суханҳои бикру тоза мамдӯҳро васф менамояд, ӯро дар сарварӣ ифтихори Арабу Аҷам медонад, тарҷумони дину мазҳаб ва матлабҳои ҳамидаи ислом байни туркон мехонаду бе он ки аз ӯ талабе

намояд, шиква аз камбизоатию нодорӣ мекунад, ки роҳ дур асту пояш ланг. Ақалан маноте надорад, ки лошахаре бихараду ба хидмати касе бирасад:

Ман, ки дар руқъаи шатранҷи суханпардозӣ

Бар бароҳини хирад эминам аз саҳву хато.

Додаам тарҳи яке асп ба бадбозии бахт,

Монда ҳайрон чу шаҳи мотшуда бар як ҷо.

На маҷоле, ки барам бераҳаеро ба қадам,

На маноле, ки харам лошахареро ба баҳо. [11, 78]

Аз муҳтавои қасида бармеояд, ки шоир аз мамдӯҳ тамае, тамаллуке дорад, аммо чӣ мехоҳад равшан нест. Ҳар чӣ аз амирулумарои Қошғарӣ расад, ӯ бо қаноатмандӣ қабул дорад ва мепазирад.

Дар қасидаҳои худ Сайфи Исфарангӣ донандаи боэътимоди илми фиқҳ Абӯбакр Тоҳир Муҳаммади Самарқандиро дар ростӣ (Эй он ки ҳар чӣ ҳаст ба ҷуз хатти устуво, - Аз шарми росткории килки ту дар хам аст), Ашрафи Тирмизиро дар мағлубнопазирӣ (То сафорои сипоҳи шоҳ дар майдон ту бошӣ, - Рӯзи размаш фатҳ натвонад, ки фармон барнадорад), Абӯбакр ибни Алии Марварзиро дар сарварӣ (Эй вазире, ки аз паи садрат, - Кӯҳҳо ҳамчу мӯр дар камаранд) меситояд ва Абӯбакри Марвазиро бар он мехонад, ки:

Бар одати қадим ба инсофу адл кӯш,

К-аз сарварони рафта ҳамин аст ёдгор. [11, 246]

Шоир Дод Маликшоҳ ал-Кошониро додраси халқ (Он доддеҳи халқ, ки то рӯзи қиёмат, - Бедод наёрад задан аз ҳайбати ӯ зам), садр Носируддин Наср ал-Бухориро пушту паноҳи дин ва дастгири ҳоҷатмандони ислом, Маликшоҳ ибни Асадуллоҳро имоми мулку садри Шарқ ва ифтихори аҳли ислом (Имоми мулк, садри Шарқ, фахри аҳли ислом он, - Ки бар сарномаи иқбол номи ӯ бувад унвон), садр Рукниддин Асрикатиро дар вазифаю масъулият хушахлоқ ва намунаи ибрат (Садре, ки насими хулқи ӯ атр, - Иқтоъ диҳад ба мушку лодан), садр Садриддини Хуҷандиро номбардори

кишвар (Аз ҳунараш сар фарохт номи Хуҷанд, ончунон-к - Номи Рай аз фазли он соҳиби соҳибқирон) медонад ва дар амали Авҳадуддини ал-Бухорой ин сифатҳои ҳамидаро дармеёбад:

Маснадорои мамолик, он ки рӯю раъйи ӯ

Гавҳари фатҳ асту фахру ахтари дод асту дин. [11, 387]

Сифатҳои болоиро боз дар қасидаҳои ба Атобак Маҳмудшоҳ ал-Яздӣ, садр Зиёулмулук –ал- Марварзӣ, садр Садруддин ал-Тирмизӣ, Қаволуддин ал-Ироқӣ, дастури Мовароуннаҳр Маҷдиддин Абӯбакр, Ифтихорулмулук Санҷар ал-Бухорой, Садр Баҳоуддини Марғинонӣ, имом Шарифуддини Кошонӣ, садр Авҳадуддини Бухорой, Абӯбакр ибни Алӣ ал-Марварзӣ ва дигарон бахшидаи Сайфи Исфарангӣ бо баъзе тобишҳои баён ва ҳунари шоирӣ метавон дарёфт. Дар замири бештари ин қасидаҳо дар баробари пинҳон будани талабею хоҳише шоир худро аз суханварони асил ва беназири замон муаррифӣ менамояд ва мегӯяд:

Булбулам, к-аз пардаҳои ғайб месозам наво,

Нестам тӯтӣ, ки дар ҳарфе бувад такрори ман. [11, 427]

ё:

Дар раҳи шеър ба ҷое, ки тавалло кардам,

Гарчи лангам, ба маре бигзарам аз роҳравон. [11, 386]

Дар ин маврид ҳатто суханвар дар гуфтани шеъри ноб ҳарифонашро дар нисбати худ паст мезанад ва ба яке аз мамдӯҳонаш Абӯбакр ибни Алӣ ал-Марвазӣ ин ишораро дорад:

Осори рафтагон бинигар, чашми ақлро

Дар неку бад басанда бувад кӯҳли эътибор.

Дар шеър ном ҷӯй, ки дар ойини баҳри ӯст

Оби ҳаёти номи каримони бурдбор.

З-он шеър не, ки ҳамчу садо дар ҷаноби ту

Гӯянда аз шунуда гузорад дар изтироб.

Аз шеъри ман, ки то ба абад ҳамчу рӯҳи қудс

Наншинад аз набарди табоҳӣ бар ӯ ғубор.

Ман фоизам ба нури табиӣ чу офтоб,

Ӯ чун чароғи бевазан аз нур мустаор. [11, 246]

Ҳамин тавр, Сайфи Исфарангӣ аз ҷумлаи қасидасароёнест, ки мамдӯҳони зиёд дорад. Шояд суоле пеш ояд, ки чаро? Ин пеш аз ҳама ба ҳаёти иҷтимоии вақт, ки ба он вазъи сиёсӣ тазйиқ расонидааст, алоқаманд мебошад. Дар ин бора дар фасли «Замони зиндагии Сайфи Исфарангӣ» ишораҳое чанд низ рафтааст.

Шоир мамдӯҳони худро васф намуда, кӯшиш менамояд, ки беҳтарин хислатҳои инсониро ба онҳо нисбат диҳад ва бо ҳамин эшонро ба роҳи рости ҳаёт, инсондӯстию раъиятпарварӣ, мурувват, хайру саховат, донишу хирад, қадр намудани ҳунармандон, додгустарӣ, некбинию некандешӣ, дур будан аз ҳама бадиҳо ва ғайра ҳидоят намояд. Қасидаҳои мадҳии Сайфи Исфарангӣ дар навбати аввал аҳамияти таърихӣ дошта, таҷассумгари баъзе лаҳзаҳои ҳаёти замон бошанд, аз ҷониби дигар, аҳамияти адабӣ ва забонӣ доранду моро ба раванди ҳаёти фарҳангии даврони аз мо то ҷое дуртари таърихи гузаштаи халқамон ошно менамоянд. Ба андешаи мо омӯхтани қасидаҳои мадҳии шоир аз ҳамин ҷиҳатҳо аҳамиятнок ва зарурӣ дониста мешавад. Зиёда аз ин дар ин қасидаҳо саропо мавзӯи мадҳ ҷой надорад ва дар фаслҳои баъдина маълум мешавад, ки Сайфи Исфарангӣ дар зери пардаи мадҳ ба мавзӯъҳои дигари мубрами рӯз даст задаасту дар ифодаи онҳо бо килки сеҳрангези худ муваффақ ҳам шудааст.

### в) Андешаҳои иҷтимоӣ дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ

Аз фаслҳои гузаштаи ин боб чунин ба назар расид, ки гӯё Сайфи Исфарангӣ тамоми умри худ ва коргоҳи эҷодияшро ба гуфтани қасоиди мадҳӣ сарф намуда, ҳамеша дар ҷустуҷӯи мамдӯҳи нав барои рафъи

мушкилоти рӯзмарраи худ будааст. Вале дар асл ин тавр нест. Қасидаҳои мадҳии шоир барои омӯхтани вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии замони ӯ аз муҳимтарин маъхаз ба шумор меравանд.

Дар замони Сайфи Исфарангӣ, тавре дар боби аввали рисола гуфта шуд, давлати Хоразм то чоряки аввали асри XIII ҳудуди пурраи Мовароуннаҳру Хуросонро ташкил менамуд, ки ба он аввал Султон Текиш (1172-1200) ҳукмронӣ мекард ва дар охири асри XII дар бузургӣ бесобиқа буд. Он дар замони писараш Муҳаммад Хоразмшоҳ (1200-1220) рӯз ба рӯз рӯ ба таназзул мениҳод. Норозигии мардуми муқимии давлати Хоразмиён нисбат ба сарвару саркардагон аз як тараф, агар пояи давлатдориро суст мекарда бошад, аз ҷониби дигар хавфи душманони беруна бештар эҳсос карда мешуд. Дигар ин ки садрҳо заруру нозарур ба умури давлатӣ мудохила мекарданд, ҳатто ҳукуматро ба даст гирифтанӣ мешуданд. Яъне, Хоразмшоҳиёнро ҳам душманони дохилӣ ва ҳам душманони берунӣ, аз ҷумла муғулҳо ҳам, ҳадафи худ қарор дода буданд. Ана дар ҳамин давраи нобасомониҳои Мовароуннаҳру Хуросон Сайфи Исфарангӣ ба майдони адабиёт, чун анъанаи гузаштаи худ, бо эҷоди қасида, хусусан қасидаҳои мадҳӣ, ворид гардид. Тавре дар бахши «Мамдӯҳони шоир» гуфта гузаштем, шоир ба дарбори Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ роҳ ёфт ва ба ӯ мадеҳаҳо сурудан гирифт. Аз қасидаҳои дар мадҳи Муҳаммад Хоразмшоҳ ва аҳли дарбораш, ба садру ҳокиму мансабдорони замон бахшидаи шоир бармеояд, ки замона замонаи ноором, дӯсту душман бар дар баранд. Касеро ба касе чандон эътимод нест. Ҳатто аҳли қалам барои манфиатҳои инфиродии худ дар назди аҳли ҷоҳ ҳамдигарро паст мезаданд, нисбат ба ҳамдигар бадгӯӣ мекунанд (Ҳосиди бадфол агар рад кунадам, дур нест – Толеи ахтаршинос наҳс ниҳад раҳнишин). Аз ин рӯ, дар қасидаҳои шоир бештар бӯи кашмакашию набард, ҷангу ҷидоли қабилавию давлатӣ, бархӯрдҳои зидди ҳамдигарии садрҳо бо ҳокимон ва ғайра хеле зиёд ба назар мерасанд, ки то ҷое баёнгари ҳаёти иҷтимоии замони шоир мебошанд. Мавсуф дар ин даста ашъори худ кӯшиш намудааст, ки давлатмандону дороёнро ба хайру сахо ва дастгирии

афтодагону бечорагон, душманонро ба оштию оромӣ, табибонро ба роҳи ростини шифобахшии дардмандон, садрҳоро ба адлу инсоф ва додгарии пок, шоҳонро ба раиятпарварӣ ҳидоят намояд, аз дастоварду музаффариятҳояшон бар адӯ табли шодӣ занад. Дар оғози қасидаи ба Тоҷуддавлат Маҳмуд ал-Кирмонӣ бахшида ин абёъти бар душман ғолиб омадани мамдӯҳро мехонем:

Сар каш, эй хоки Самарқанду бад-ин фатҳ биноз,
Ки даре бар ту зи осори саодат шуд боз.
Мавкиби хусрави Эрон ба шараф боз расид,
Нусратангезу зафаргустару ҳимматпардоз. [11, 272]

Сайфи Исфарангӣ дар мавриди мадҳи мамдӯҳони худ, ки аксарашон шоҳ, ҳоким, дастур ва ё садри кишваре, ки ӯ аз ҳавои он нафас мекашад, ҳастанд, ватанпараст аст ва кӯшидааст, ки ҳамеша мамдӯҳонаш дар ҳар ҷодаи зиндагӣ пирӯз ва зафарманд бошанд. Шоир дар дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ хидмат намуда, шавкату шукуҳу қудрати тавонои ӯро ба тариқи зайл дидан мехоҳад:

Шаҳи хусравнишон Санҷар, ки чун дар саффи кин ояд,
Муҷаввар гардад аз тираш чу новак найзаи аъдо.
Сикандарояте, к-аз Тур Мӯсивор бинмояд
Чунон дар кӯҳи торики дили хасмаш Яди байзо.
Ҷаҳондоре, ки теғи осмон бар саҳфаи теғаш
Кунад аз хуни бадхоҳон мисоли фатҳро туғро.
Агар тӯфони кини ӯ ба Машриқ ҳамлае орад,
Ба ҷуз мардумгиё дар Чин намонад сурате барно.
Агар моҳи ливои ӯ шабе хирман занад дар Чин,
Наёбад офтоб аз бим теғи хеш дар саҳро… [11, 86]

Дар ин мисол аввалан шукӯҳу ҳашамати султони вақт ситоиш шуда бошад, сониян дар муҳтаво ва зермаънии он метавон пеш аз вақт

тарсонидану ба ҳарос даровардани душманонро дарёфт, то ватан аз ҷангу ҷидолҳо ва кашмакашиҳои беҳуда осуда бошад. Ин равиши баёну гуфтори шоир ҳатто ба душманони дохилӣ низ бетаъсир набуд ва он оҳанги ҳушдор доданро дошт. Байти охири иқтибоси фавқ чӣ зебо ва шоирона тасвир ёфтааст ва ёфтаву бофтаи худи Сайф аст.

Ҳатто шоир ба мамдӯҳи худ Тоҳир Муҳаммад ас-Самарқандӣ ишора намуда мегӯяд, ки чун ту қудрату тавон дорию аз уҳдаи ҳама кор мебарой, чӣ ҳоҷат аст, ки аз душмани ту сухан гӯям, зеро душманони ту дар қатори мардумон баршумурда намешаванду ба таърифи худи шоир «девмардум»-анд:

Аз душмани ту сухан чӣ гӯям,
Чӣ к-нам ба ҳадиси ӯ ташоюм.
Чун ҳеч ҳақиқате надорад,
Кайфияти ҳоли девмардум. [11, 335]

Сайфи Исфарангӣ дар қасидаи «Дар мазамматӣ рӯзгор гӯяд» [11, 335-337] шикоят аз ҷавру ситамҳои фалак ва талхиҳои ҳаёт ба сараш омада менамояд, замонаро ба гавҳарношиносӣ, хорӣ ва забунии аҳли ҳунар ва парастиши аҳли ҷоҳ айбдор мекунад, аҳволи бадбахтонаи худро рӯшоду равшан иброз медорад, ки умраш хеле гузаштааcту ӯ бе марҳами дил, бе молу манол ва сарпаноҳ мебошад:

Пештар қофилаи умр гузашт аз манзил,
Чӣ кунам, дар паи он бори сафар барбандам?
Тӯй бар тӯ-ст ҷароҳат ба дилам бар, лекин
Марҳаме нест, ки онро ба забар барбандам…
Хонае нест, ки як лаҳза дар он биншинам,
То ҳама умр ба рӯи ҳама дар барбандам. [11, 335]

Шоир бо вуҷуди суханвари забардаст буданашу ҳунари хуб доштанаш дар фароварди ин қасида шиква аз он мекунад, ки:

Офтобам, ки ба нури дили хеш ар тобам,

Пардаи нур ба рухсори қамар барбандам.

Чун ҳунар айб шуд, имрӯз ба сурат худро

Зишт бошад, ки ба фитроки ҳунар барбандам. [11, 337]

Дар мисраи дувуми байти аввали иқтибосшуда «рухсори қамар» гуфтани шоир бечорагию зардрӯии ӯро ифода намудааст ва аз ин маълум мешавад, ки Сайфи Исфарангӣ ҳамеша, бо он ки мамдӯҳони зиёд дошт, дар зери бори вазъияти душвори зиндагӣ қарор доштааст. Ин ҳама гуфтаҳои суханвар ба он маъност, ки аҳли ҷоҳ ва сарнишинон ба қадру қимати аҳли ҳунари асил намерасиданд. Зиёда аз ин, ба андешаи мавсуф дар ҷаҳон аз сафою вафо бӯе намондаю ӯ дар ғамободи айём гӯшанишиниро ихтиёр кардааст ва он қадар гиру мону зиддиятҳои зиёд аст, ки зиёе дар шамъи осудагию амонӣ дида намешавад, аз кӯе насими мурод намевазад, ҳатто дар олами ситораҳо «саропардаи дилкушо»-е намондааст. Матои сухан дар бозори дунон беқимат, дарди ҳиҷрон бедаво, амну осудагӣ ноёфт, мардум ноошно, умр бебақо …:

Ҳавои ҷаҳонро сафое надидам,

Ҷаҳони вафоро ҳавое надидам.

Ғамободи айёмро озмудам,

Беҳ аз кунҷи узлат сарое надидам…

Ба ҷуз мардуми чашм бо худ касеро

Дар ин баҳри ғам ошное надидам.

Ба ҳар ҷо, ки мумкин шавад рафт, рафтам,

Нишони амонат ба ҷое надидам. [10, 17-18]

Ҳамаи он гуфтаҳост, ки Сайфи Исфарангӣ дар чунин замон зиндагӣ карданро муддаои дил намедонад ва рахти умр аз ҷаҳон барчиданро авлотар мешуморад, зеро ӯро дигар харидоре намондааст:

Даст даркаш аз ҷаҳон, чун дар ҷаҳон коре намонд,

Кимиёи мардумиро рӯзи бозоре намонд.

Рахт барчин аз дари дуккони ҳастӣ, чун туро

Андар ин ришта, ки ҳастӣ, бас харидоре намонд. [10, 9]

Гузашта аз ин замона замонаи ноором, аҳли замон сармасту дар ғафлатанд, вафову дӯстдорӣ гӯё ҷаҳонро падруд гуфтааст бо одамон қаҳрӣ шудааст, аз ғамхорони пешин нишоне нест ва ҳар кас бояд ғамхори худ бошад, дардро дармоне ёфтан муҳол аст, мастон ҷои ҳушёронро гирифтаанд, зулму золимӣ ҳукмрони вақт ва золимон дастболоянд, қудрату қуввате намонда, ки пеши роҳи ин ҳама нобасомонӣ ва зулму ситамро бигирад:

Аз паи дафъи газанди мори заҳҳокони аҳд

Дар ҳама ганҷи Фаридун муҳраи море намонд.

Кордонони ҳаводис даст боло кардаанд,

Ақл, гӯ, бигрез, к-ин ҷо ҷуз ситам коре намонд. [10, 9]

Ва:

Тӯтии шаккарситони нутқ, гӯ, ором гир,

К-андар ин нилуқафас ҳангоми гуфторе намонд. [10, 9]

Шоири аз гиру мони замони нобасомон хаста, лаб ба шиква мекушояд ва бо таассуф мегӯяд:

Аз боғи аҳд бӯи вафое наёфт кас,

Дар ҷоми умр ранги сафое наёфт кас. [10, 10]

Суханвар ба ҳамнавъон таъкид менамояд, ки чун дар манзилашон аз осудагию оромӣ бӯе намондааст, кӯшиш кунанд, ки барои худ кунҷи осудае пайдо намоянд. Вале ку ҷои гурез, ки дар ҳама кунҷу канор ҷои осоише намондааст:

Ҷои гурез ҷӯй ба худ, гарчи ин замон
Дар кунҷи ҳеҷ зовия ҷое намондааст. [10, 10]

Шоир дар як қасидаи ба Амир Амиди Ҳабаш бахшидааш хоҳиши онро дорад, ки амир дар ин нобасомониҳои замон ӯро дастгиру мададгор ва ғамхор бошад, то Худо ӯро дастгир ва ёру мададгор гардад:

Аз ситами рӯзгор ҳомии ман шав ба ҷоҳ,
То бувадат Кирдигор дар ҳама ёру муин. [11, 400]

Шояд ин ишораи Сайфи Исфарангӣ ба тохту тозҳои беамони муғулҳо бошад, ки бераҳмияшонро нисбат ба Хуросони бузург таърих ёд надорад. Шоир аз он таассуф мехӯрад, ки гурӯҳе гумроҳу худбин замонаро беқадр ва дасти зулмро баланд бардоштаанд. Онҳо бо ахлоқи ношоистаи худ аҳволи халқро ба дараҷаи пастӣ ва муфлисӣ расонидаанд. Дар ин бора дар қасидаҳои суханвар борҳо таъкид шудааст. Вале Сайфи Исфарангӣ қатъи назар ба ҳамаи он ҷабру ситам ва хорию зиллат қаноат ва сарбаландиро пеша карда, дар зиндагӣ рӯҳафтода нагашта, бар хилофи давлатмандони дунпарвар ба онҳо сар хам накарда, мегӯяд:

Дар сояи қаноати худ домани умед
Чун соя з-офтоби карам даркашидаам…
Аз нанги ҳамдамон, ки чу мушанд зери бор
Чун хорпушт сар ба шикам даркашидаам. [10, 14]

Шоири огоҳ ҳамеша дар орзуи озодию осудагӣ, ваҳдату ягонагии мардум сухан гуфта, амалӣ гардидани онро дар симои ҳокимон, шоҳон ва садрҳои оқилу одил медид. Сарвари одил ба назараш «биҳишти нақд» буд. Аз ин рӯ, шоир бо ҳар роҳу василае ҳокимони замонро ба адлу инсоф ва

мурувват даъват намуда, онҳоро ҳомӣ ва банизомдароварандаи давлат мехонад ва дар қасидаи ба дастури Мовароуннаҳр Маҷдуддин Абӯбакри Алӣ бахшидааш ин ақидаи ватанхоҳона ва инсонпарваронаро пеш мегузораду боварӣ дорад, ки мамдӯҳаш аз уҳдаи он мебарояд:

Кори девон зи шиҳоб аст парешон, кунун
Аз шиҳоби қаламат ҳаст низоми девон. [11, 417]

Сайфи Исфарангӣ ҳамчун суханвари пешқадам ва равшанфикри замон тарафдори адолату ҳақиқат аст. Ӯ ҳокими ин ё он минтақа, садрҳои замонаашро тавассути қасидаҳои мадҳияш ончунон огоҳона ва нишонрас панд медиҳад, ки ба таъбири мардумӣ «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад». Ба ақидаи мавсуф шоҳону ҳокимон ва садрҳо бояд адолатпарвар бошанд, инсоф ва тавозӯъро пеша намоянд, нисбат ба зердастон ҷабру зулмро раво набинанд ва ғ. Дар ин мавридҳо шоир барои ёфтани дили ҳукком ва садрҳо ҳар гуна сифатҳои баланди осмонрасро ба онҳо нисбат медиҳад, чунон ки ба вазире бо номи Заҳириддин Алихоҷа ишора намуда мегӯяд:

Саргурези қаламат теғи ситам,
Сери бори карамат ози гадо.
Табъи ту вақти ғазаб баҳрошӯб,
Дасти ту гоҳи сахо абри ато…
Садри деони вазорат зи ту ёфт
Ҳамчу авранги шаҳон фард бақо. [11, 68]

Дар поёнтари ин қасида андешаҳои озодихоҳона ва мардум- дӯстии суханвар равшантар баён ёфтааст:

Эй зи адли ту халоиқ озод
Аз чӣ? – Аз банди ғаму ғиллу ано.
Ва:

Он чӣ бо зиқ(к) ту кардӣ имрӯз,
Ҳақ ҷазо бозрасонад фардо. [11, 69]

Яъне, он ҳама некиро фардо Офаридгор подоши арзандаи банда хоҳад дод.

Шоир чун як фарди ҳаётдӯст батакрор ва пайваста аз ҳокимону садрҳои замон хоҳиш ва талаб кардааст, ки инони ҷабру зулмро суст намуда, дасти ситамро боздошта, фақирону бенавоён ва камбағалонро аз банди фақирию бандагӣ раҳо намоянд, пеши роҳи зиддиятҳои байниҳамдигариро гиранд, зеро тамоми бурду бохти он зиддиятҳо бар зиён ва дӯшбори мардуми бечора аст.

Ба ин маънӣ, Сайфи Исфарангӣ бо забони ширин дар қасидаи ба фахри давлату дин Амир Алишоҳ бахшидааш ба ӯ ишора карда мегӯяд:

Ба ҷое, ки чашми ту соя фиканд,
Шавад оташи лоларо илтиҳоб.
Дар оташ набинад аз ин пас касе
Зи таъсири адлат зи бод изтироб.
Ғуломони худро агар дил диҳӣ,
Ба ҳазми матину ба раъйи савоб,
Чу Бежан бароранд мар сояро
Ба тадбир аз чоҳи Афросиёб. [11, 120]

Бахусус, баъди ба хоки Мовароуннаҳру Хуросон сар даровардани урдуи бешумор ва хунхори муғул ҷабру зулм бар сари раияти бечора дучанд шуда буду аз караму вафо бӯе намонда:

Куштаи теғи бекасист карам,
Мурдаи қаҳти мардумист вафо! [11, 83]

Аз мутолиа ва баррасии чандин қасидае, ки дар мадҳи ашхоси алоҳида

унвон шудаанд, бармеояд, ки аҳволи Сайфи Исфарангӣ монанди шоирони аз ӯ пештар ба дарбори Салҷуқиён қадам ниҳода, чун Асириддини Ахсикатӣ, Абулвосеи Ҷабалӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Заҳири Форёбӣ, Анварии Абевардӣ чандон орому осуда набудааст. Маишату мартабае, ки замоне дар дарбори Султон Санҷар Амир Мунзимии шоир дошт, ҳеч кадом аз эшонро муяссар нашуда будааст. Аз ин рӯ, шоир ба мамдӯҳаш Амир Амиди Самарқандӣ талмеҳан ишора карда, аз ӯ ин умеди ояндаро дорад, ки оё мерасида бошад ё на:

Аз ҷайби умр накди равон меравад, чӣ суд,
Гар гавҳарам ба домани охирзамон диҳад?

Қутбе куҷост зинда, ки то шарҳи ин сухан
Дар боргоҳи рӯҳи Қизил Арслон диҳад.

Не-не, ғалат, сахои Қизил Арслон куҷост,
То доди ин қасида ба қадри тавон диҳад? [11, 186]

Аз фароварди ин қасида пайдост, ки он ба шахси муайяни мансабдор равона карда шуда бошад ҳам, подоши заҳмат умеди ояндаи шоири мадеҳасарост (Рӯзе ниҳоли ҷоҳи ту ҳам бар диҳад маро, - Гар рӯзгори ҳодисагустар замон диҳад) ва гӯяндаи он бо гуфтани ин қасидаи мадҳия аз мадҳ инъоме чашмдор аст. Аммо чашми замона кӯр асту зиндагии пурташвишу бадбахтонаи шоир то ба охири умр ҳамин тавр ҷараён доштааст. Сайфи Исфарангӣ ба ин ҳама замона ва замондорони замонаро айбдор мекунаду ба садр Абӯбакр Муҳаммади Самарқандӣ ишора намуда мегӯяд:

Андар ин давр, ки мансух шуда-ст ояти ҷуд,
Ту бар онӣ, ки кунӣ шарҳ мақомоти карам. [11, 322]

Шоир дар ҷои дигар мегӯяд:

Гар накши аҳди ман напазирад, раво бувад,

Чун Ҳотам аст гунбади пирӯзранг чашм. [11, 330]

Гузашта аз баёни ҳаёти сиёсию иҷтимоии замон Сайфи Исфарангӣ ба ҳаёти фарҳангии вақт дахл намуда, ба шоҳ Муҳаммади Хоразмшоҳ ва як идда садру дастурҳое, ки қасида бахшидааст, ишора менамояд, ки онҳо бояд дар баробари ба ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ аҳамият додан ба фарҳангу адабиёт низ бояд диққат диҳанд, дар эҷоди бадеӣ хубро аз бад фарқ кунанд, то қимати адабу адабиёт дар замонаашон коста нагардад. Зеро ӯ медид, ки гирду атрофи ҳокимону садрҳои замонашро асосан шоироне иҳота намуда буданд, ки онҳоро ҳатто шоир ҳам гуфтан мумкин набуд. Ӯ чунин суханваронро, ки ҳатто Сайфи Исфарангиро чашми дидан надоштанду ашъори тару нобашро вориди дарбор шудан намегузоштанд, фош намуда, ишора ба онҳо, гуфтааст:

Дар аҳди банда шоири харбат бувад басе,

Чун ҷуғди шуми дур аз ин давлат ошён.

Бе нури тар зи бахти худ аз чашми пилгӯш,

Бе барги тар зи фазли худ аз шохи заъфарон.

Ашъори ӯ, ки хушктар аз руди Барбат аст,

Монад буруни пардаи дилҳо чу остон… [11, 331]

Лекин шоири сеҳрофар Сайфи Исфарангӣ ба мамдӯҳони худ ишора карда мегӯяд:

Дар раҳи шеър ба ҷое, ки тавалло кардам,

Гарчи лангам, ба маре бигзарам аз роҳравон. [11, 386]

Бо он ҳама нобасомониҳои рӯзгор, бо он ҳама каму костиҳо, бо он ҳама рақобати суханварони сустбаёне, ки шоирро иҳота намудаанд, вай боз умеди рӯзи неки фардоро дорад ва дасту пое мезанад, то бори зиндагиро бар дӯш гирад:

То ба ҳалқам ҳамчу киштӣ ғарқаи гирдоби ғам,

Дасту пое мезанам, то нагзарад об аз сарам. [11, 337]

Ниҳоят, аз андешаҳои иҷтимоии Сайфи Исфарангӣ бармеояд, ки шоир кӯшидааст, то ба воситаи нишон додани норасоӣ ва камбудиҳои замон, беадолатиҳои ҳокимони вақт, ба қадру қимати ҳунар ва ҳунарманди асил нарасидани иддае аз онҳо, бечорагию бенавоии халқ, зулму тааддии золимон ва ғайра пеши роҳи он ҳамаро бигирад, ҳокимону садрҳои замонро ба раъиятпарварию саховатпешагӣ ва адлу инсоф даъват ва аз онҳо таъмини осудагии давлатро тақозо намояд.

## г) Тасвири табиат ва тавсифи субҳ дар тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ

Сайфи Исфарангӣ дар жанрҳои гуногуни назми замонаш шеър гуфта бошад ҳам, қисми асосии девони ӯро қасида ташкил медиҳад ва дар қасидасароӣ, тавре пештар ишора рафт, дар радифи қасидасароёни пешини адабиёти тоҷикии форсӣ меистад. Қасидаҳои шоир бештар бо тағаззулоти дилнишину рангин ва хотирмони пур аз эҳсону ҳаяҷон ва тасвирҳои садаву латиф офарида шудаанд ва хидмати мавсуф пеш аз ҳама дар офаридани муқаддимаи қасида – тағаззул қобили таваҷҷуҳ мебошад. Тавре поёнтар ба таври муфассал хоҳем дид, тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ нисбат ба дигар қисматҳои қасидаҳояш арзиши бадеию эстетикии зиёдтар доранд, ки бо гузашти вақт ба онҳо тазкиранигорону муҳаққиқон баҳои арзишманд додаанд. Ба ин маънӣ, адабиётшинос Л. Сулаймонова дуруст қайд менамояд, ки «Дар онҳо (яъне, тағаззулоти шоир - Р. О.) тасвири тароват ва зебу зинати баҳор, субҳ, шаб, осмон ва моҳу ситорагон, инчунин шикоят, ифтихор аз шоирӣ, луғз ва амсоли инҳоро метавон дарёфт» [114, 41].

Ишора рафта буд, ки дар адабиёти мо асосан эҷоди ду навъи қасида; қасидаи мукаммал, ки бо муқаддима ё тағаззул оғоз меёбад ва қасидаи

муқтазаб ё маҳдуд, ки бе муқаддима аз баёни матлаби эҷодкор ҳусни оғоз мегирад, арзи вуҷуд доранд. Аз 198 қасидаи Сайфи Исфарангӣ камобеш 100 адади он дорои тағаззул мебошанд, ки алоқамандона бо муҳтавои онҳо ташбиб ё насиби қасида низ гӯянд. Доир ба ташбиб ва насиб, ки ҳамоно тағаззули қасида дар назар аст, муаллифони фарҳангу рисолаҳои адабиётшиносии гузаштаву имрӯза андешаҳои зиёд доранд [80, 37-40] ва он ҳамаро Урватулло Тоҳиров ҷамъбаст намуда навиштааст: «Ташбиб дар илми бадеи классикии тоҷику форс яке аз қисматҳои қасидаи мадҳиро гӯянд, ки пеш аз мадҳу ситоиши мамдуҳ омада, дар он айёми шубоби шоир ва ё қаҳрамони лирикӣ ёд мешавад. Аксари шоирони қасидасарои гузашта барои ороиши шеър ва ҷалб намудани диққати хонанда гоҳе аз ишқу ҷавонӣ, гоҳе аз вазъи зиндагии худ ва ғайра чанд байте меоранд…[120, 182].

Мазмун ва мундариҷаи тағаззул гуногун аст. Тағаззулоте, ки аз суханварони пешин ба мо расидаанд, асосан дар мавзӯи ишқу ошиқӣ, тавсифи фаслҳои сол, баҳору зебоиҳои назарраси он, баромадани субҳу тулӯи офтоб, ҷашнҳои Наврӯзу Сада ва Меҳргон, васфи ошиқу маъшуқ, шарҳи меҳнати айём, шикоят аз фироқу ҳаҷри дӯст, васфи боғу чаман, тарғиби андешаҳои ҳикматомез ва ғайра мебошанд, ки бештари ин мавзуъҳоро дар тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ низ метавон дарёфт.

Миқдори абёти тағаззул дар ашъори қасидасароён гуногун аст. Агар қасидаҳои Анварӣ, Манучеҳрӣ, Адиб Собир, Ибни Ямин, Заҳири Фарёбӣ ва дигарон, ки то Сайфи Исфарангӣ ва дар замони зиндагии ӯ тӯлонӣ суруда бошанд, тағаззулоти ин шоир дар баробари забони содаву равон доштан дар нисбати қасидаҳояш кӯтоҳу ихчаманд. Масалан:

Эй ёфта оби зиндагонӣ
Дар лаъли ту оташи ҷавонӣ.
В-эй меҳри ту дар суродиқи дил
Афрӯхта шамъи шодмонӣ.
Бархез, ки ҷоми субҳ гул кард,

Пеш ор шароби арғувонӣ.

Пинҳон зи рақиб ошиқонро

Дардеҳ ба ҳисоб дӯстгонӣ.

То аз ғами ишқи хеш бинӣ

Хушдил чу насими бӯстонӣ.

Савдои ту оташин бухорест,

Аз шамъи сарои ҷон духоне.

Печида чу нур дар чароғ аст,

Андар назари ту дилситонӣ.

Пӯшида чу гавҳари шароб аст,

Дар лаъли ту оби зиндагонӣ. [11, 479]

Вақте тағаззулоти Сайфи Исфарангиро дар қасидаҳои мадҳии ӯ мехонем, чунин ба назар мерасад, ки мавҷудияти робитаи маънавии тағаззул ва қисмати матн хеле торик аст ва ё вуҷуд надорад. Ин ақида ба назари мо чандон дуруст ва қобили қабул нест. Метавон дар қасидаҳои мадҳии шоир чунин ҳолатро дучор омад, вале ба нудрат. Бояд гуфт, ки байни тағаззул ва мадҳияи гӯянда як навъ робита дида ва ин дар байти гузариш равшантар эҳсос карда мешавад. Ба таври умум тағаззул дар мадҳияҳои Сайфи Исфарангӣ чун як қисмати мустақили диққатҷалбкунанда истифода шудааст.

Дар тағаззулоти шоир метавон муҳтавоҳои гуногун, монанди васфи маю майгусорӣ, оҳангҳои ҳаётдӯстона, хушгузаронии умр, ишқ, тавсифи субҳ ва тулӯи офтоб, тасвири табиат ва ғайраро дарёфт, ки ҳар кадоме аз домани ҳаёти сипаринамудаи шоир барчида шудаанд ва таҷассумгари рӯҳияи замона мебошанд. Масалан, дар тағаззули зери қасидаи ба маликзода Алоуддин Алӣ ал-Самарқандӣ бахшидаи суханвар сухан аз базми маю шодӣ, рахт бастани шабу дамидани субҳ, рафъи ғаму расидани нишот меравад:

Соқӣ, биёр бода, ки боди саҳар вазид,

Вақти сабӯҳ омадаву субҳдам дамид.

Аз ҷилваи баноти маҳину арӯси моҳ
Лӯлизани сапедафурӯши шаб орамид… [11, 216]

Сайфи Исфарангӣ дар тағаззули дигаре ба нозанине ошиқона мегӯяд:

Рӯйи ту моҳро гулистонест,
Зулфи ту рӯзро шабистонест.
Дар шаби ҳаҷри ту чу шамъ ба рӯз
Дили пажмурда зиндапазмонест.
Дар таманнои васли ту будан
Умр бар ошиқон товонест…
Дил умеди висоли ту дорад,
Гарчи дар кори хеш ҳайронест… [10, 25]

Тараннуми ишқу ошиқӣ, ки аз мавзӯъҳои азалии адабиёт аст, дар тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ бо тобишҳои гуногун баён ёфтаанд. Дар онҳо ҳусну малоҳати ёр, нозу истиғнои маъшуқа, сӯзу гудози ишқ, ҳолати висол, лаҳзаи ҳиҷрон, беқарории ошиқ ва амсоли инҳо бо истифода аз ташбеҳоту симоҳои равшану барҷаста тасвир ёфтаанд. Ошиқро на танҳо ёр, балки замонаи носозгор низ ғам медиҳад (Ҳарчанд ғами ту чун ҳарифест, - Бар ҷаври замона дастёр аст) ва ин ба он мемонад, ки гӯё барои ба ошиқ ҷабру ситам намудан ёр бо замона созгор омадаанду ҳамзабонанд.

Тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ дар мавзӯи ишқ саршор аз мазмуну муҳтавои латиф, каломи нарму хушоҳанг ва мусиқии дилнишин аст, ки табииву самимӣ гуфта шуда, тараннумгари ишқи моддию табиии инсонӣ ва васфи ҳусну ҷамоли дилбарони заминӣ ме -бошанд. Қаҳрамони лирикии шоир мегӯяд:

Гар на моҳ аст орази ту, чаро
Дар шаби тира ҷилвагар дорад? [10, 29]

Дар тағаззулоти шоири мадеҳасаро бештар тавсифи фаслҳои гуногуни сол, аз ҷумла баҳор, ки суханвар ба он майли бештаре дорад, зебову ботаровват ба қалам дода шудаанд. Аз ин гуна тағаззулот метавон дарёфт, ки суханвар ба тасвири баҳор майли бештаре доштааст. Баҳор ва зебоиҳои нотакрори он, манзараҳои дилрабои табиат бо тамоми шукӯҳу таровват, сарсабзию хуррамии пурҷилоаш рӯҳи тобноки қаҳрамони лирикии Сайфи Исфарангиро ба ҷӯш меорад. Ӯ аз он меболад, ки боз моҳи ҳамал омадаву навбати амал расидааст. Насими сабо бошад ғунчаро қабо мекушояд, булбул зери навои пардаи «Рост» ғазалхон аст, ҷоми лола дар кӯҳу барзан ҷилвагарӣ дорад, чашми ошиқон аз шукуфтани муғҷаҳо мешукуфад, абри дурафшон ба боғу бӯстон дурафшонӣ мекунад ва ғайра:

Чун хайма зад шаҳаншаҳи сайёра дар ҳамал,
Таъсири рӯҳи номия зад навбати амал.
Наздик шуд, ки боз арӯсони боғро
Машшотаи сабо кунад аз парниён ҷулал.
Банди қабои ғунча кушояд дами сабо,
Нақши насиҷи лола кунад хонаи азал,
Дар пардаҳои «Рост» сароянд булбулон
Ҳар соате ба рӯи ғизолони гул ғазал…
Боди ақим чун бивазад дар ҳавои боғ
Ояд падид модари айёмро ҳамал… [10, 47]

Аз тағаззулоти ба фасли баҳор бахшидаи Сайфи Исфарангӣ бармеояд, ки падидаҳои бешумори табиат дар ин фасл ба завқу қареҳаи хушнудонаи шоир созгор буда, эҳсоси тарабангези ӯро алайҳи нохушиҳои рӯзгор ба ваҷд меоварад. Аз ин рӯ, агар дар тағаззулоти суханвар аз як тараф, манзараҳои дилфиребитабиат дар фасли баҳор ҷилванамо бошад, аз ҷониби дигар диди зебоишиносии ӯ ба табиат ва эҳсосу ҳаяҷони шодибахшаш ифода гардидаанд:

Чанд он боди баҳорӣ, ки кунад накҳати он
Дили пажмурдаи гулро ба даме зинда чу ҷон.
Мушку кофур ниҳад дар шикани турраи бед,
Лаълу ёқут кунад аз даҳани ғунча аён.
Ёсамин аз ҳаракоти хушу ширини сабо,
Ҳамчу Фарҳод дарояд ба миён рақскунон.
Қалъае соз ту аз лолаи нуъмон дар кӯҳ,
Ки бувад пораи ӯ з-оташу хандақ зи дӯкон.
Бар сари сабза ниҳад абр аз ӯ афсари зар,
Бар лаби ҷӯй диҳад бӯса аз ӯ оби равон. [11, 58]

Сайфи Исфарангӣ дар баробари тасвиру тавсифи баҳору зебогиҳои назаррабои он аз тирамоҳу расидани фасли хазон ғофил нест. Вай чун умри гузарон медонад, ки аз дунболи шукуфтанҳо ва чавона бастанҳо нопадид гардидани офтоб дар паси абрҳои сиёҳ, сард шудани обу ҳаво, хазон гардидани боғу роғ, хароб гаштани торуми гулбун, пажмурда шудани сабза, ҷойи булбулро гирифтани зоғ дар боғ, зарду баргрезон шудани дарахтон ва ғ. тирамоҳу хазон дар пеш аст. Ҳатто суханварро он лаҳзаҳои фасли хазон малул ва ғамгин месозад, ки дигар сайри чаман бо дӯстон дида намешавад, ёрон аз гулистон рахт бастанду онҳоро зуд-зуд дида наметавонад:

Беш наёранд дӯстонро ба тамошо,
Беш набинанд ёрро ба гулистон. [10, 58]

Дар тағаззулоти суханвари исфарангӣ ба ғайр аз баҳору зебоиҳои он дар бораи фаслҳои хазону зимистон каму беш сухан рафта бошад ҳам, тасвири тобистон умуман дида намешавад. Тавсифи тирамоҳу зимистон ҳам ба мисли баҳор муфассалу самимӣ ифода наёфтаанд ва онро алоқамандона бо васфи май ва майгусорӣ дармеёбем:

Соқӣ, биё, ки мавсими ид асту моҳи дай,
Парвонае фирист ба рӯҳ аз чароғи май. [10, 62]

Сайфи Исфарангӣ дар тағаззулҳои ба тасвири баҳору хазон бахшидааш асосан он ашёву унсурҳоро сифат менамояд, ки аз ягон ҷиҳат ба зиндагии одамизод, орзуву омоли инсонҳо, табъу завқ ва ҷиҳатҳои дигари олами ботинии ӯ наздиканду шабоҳате доранд, монанди зебоии гул чеҳраи дилкаши маъшуқаро мемонад, баҳору падидаҳои он амсоли ҷавонию тарабанду хушҳолӣ мебахшанд, баргрезу тирамоҳ бошад пирӣ, ҷудоиҳо ва ғаму андӯҳро ба ёд меорад.

Манзараҳои шаб, расидани шаб, баромадани моҳ барои камтар намудани зулмоти шаб ҳамчун дастёри беминати инсонҳо, ниёзи одамон ба шамъ ва дар ин вақт мушкафшон шудани шамолу ғолиядон гаштани хок (Дар ҳаво шуд шамол мушкафшон, - Дар замин гашт хок ғолиядон) аз назари шоир дур намондаанд. Лекин расидани шому омадани шаб барои вай оҳанги ғамангез дорад, ки мегӯяд:

Шаб ҷилва кард шоҳиди маҳро арӯсвор
В-аз шом гашт ойинаи чарх зангбор.
Парда фурӯ гузошта хилватсарои шаб,
Бардошта ҳиҷоби хаёл аз сарои ёр.
Эй хуфта, хезу узри гуноҳи гузашта хоҳ
В-эй дида, ашк дар ғами ёрони рафта бор… [10, 36-37]

Ин тағаззули Сайфи Исфарангӣ аз он ҷиҳат диққатҷалбкунанда аст, ки дар он ҳар як симою тасвир, ифодаву ибора бо эҳсоси баланди гӯянда омезиш хӯрда, унсурҳои тасвирёфтаи табиат дар ҳаракат, зиндаву воқеӣ ва чун инсон дар амал тасвир ёфтаанд. Қариб дар тамоми тағаззулоти дар васфи табиат бахшидаи шоир манзараҳои табиат хеле воқеӣ ва зинда ба назар мерасанд. Ба

ин маънӣ мунаққиди барҷастаи рус В.Г. Белинский навишта буд: «… тасвири зебоиҳои табиат эҷод карда мешавад на нусхабардорӣ; шоир манзараҳои табиатро аз таҳти дил тасвир мекунад ё ин ки чизҳои дидаашро аз нав меофарад, ҳам дар ин ва ҳам дар он маврид ин зебоӣ аз дили шоир бармеояд, зеро манзараи табиат наметавонад дорои зебоии мутлақ бошад. Шоир бо эҳсосу андешаи худ ба манзара ҷон мебахшад; агар ӯ моро мафтун карданӣ ва ё ба даҳшат овардани бошад, зарур аст, ки ба он шефта гардад ва ё аз он ба даҳшат ояд» [43, 69].

Ин сабки эҷодӣ дар тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ ихтироoти ӯ набуда, ҳамин ҷузъиёти ишоранамудаи В.Г. Белинскийро мо ҳанӯз пеш аз ӯ дар ашъори боқимондаи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасронаш, офаридаҳои Унсурӣ, Асҷадӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Анварӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Хоқонӣ мушоҳида менамоем.

Дар тағаззулоти шоир мавзӯи субҳ, дамидани субҳ, файзи субҳ, тулӯи офтоб мавқеи бештаре дорад ва Сайфи Исфарангиро метавон баъд аз устодаш Хоқонии Шервонӣ яке аз адибони пешдасти тасвиргари манзараҳои субҳ дар адабиёти тоҷикии форсӣ муаррифӣ намуд. Аз 198 қасидаи шоир, ки дар истифодаи рисолаи мо қарор доранд, дар беш аз 40 адади онҳо дамидани субҳ бо тамоми назокати рӯҳбахши он, монанди рафтани шабу дамидани сапедадам, аз дили шаби дайҷур бадар омадани баёзи субҳ, бӯи хуши боди саҳар ва аз насими субҳ хуррам шудани боғу бӯстон, ғунчасон кушода шудани сапедадам ва расидани субҳу тулӯи офтоб, пайки шодиовар будани субҳ, ба наво даромадани мурғони хушилҳон дар саҳар, вазидани боди накҳатовари субҳ, бо дамидани субҳ ошкор гардидани сурати меҳри оламро ва ҷилвагарӣ намуданаш чун товус, ба базми сабӯҳӣ даъват намудани ҳамнавъону нишастан бо зебосанамон ва ғайра бо обу ранги ҷилодори бадеӣ шоирона истифода шуда, мазмунсозӣ ва маъниофарии ашъори гӯяндаро ғанитар гардонидаанд. Дар як қасидаи ба қутби давлату дин Атобак Маҳмудшоҳи Яздӣ, ки аз 45 байт иборат буда, дар муҳтавои худ рӯҳияи осудаву ором ва сурурбахшро фаро гирифтааст, дар 9 байт рафтани шабу

дамидани субҳ ва баромадани офтоб ин тавр тасвир ёфтааст, ки дар он вусъати назару диди эҷодкорро равшан дармеёбем:

Субҳ алам баркашид, байрақи шаб шуд ниҳон,
Найзакашон шуд самок сӯи хати қирвон.
Каргаси воқеъ чу дид ҷилваи товуси меҳр,
Сохт чу симурғ боз дар паси Қоф ошён.
Боди саҳар баргирифт чодари лои Банот,
Кард ридои наҷус қутби сияҳ тайласон.
Субҳ дами гург зад, аз дами ӯ барфурӯхт,
Шамъи шабистони рӯз дар лагани осмон.
Чашмаи симоб буд субҳ, ту гӯӣ, ки кард
Ҷунбиши ӯ чун дар об чашмаи худро равон.
Шакли амуди саҳар буд чу шохи гавазн,
Субҳ чу мори сафед муҳраи зар дар даҳон.
Мавҷи табошир зад бар лаби нилиуфуқ,
Гавҳари маҳ зери лой ҳамчу садаф шуд ниҳон.
Хирмани маҳро бисӯхт з-оташи теғ офтоб,
Хӯшаи Парвин чу ашк рехт фурӯ нордон.
Гӯӣ, ки вақти саҳар аз сипаҳи шоҳи Язд
Хест ғуборе, к-аз ӯ гашт муаттар ҷаҳон… [11, 403 - 404]

Тавре дида мешавад, ин тағаззул бо забони равон, ҳусни баён, офаридани манзараи назаррабо бо истифода аз санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, тавсиф, талмеҳ ва ғ. офарида шудааст. Дар он таркибу ибораҳои «алами субҳ», «байрақи шаб», «хати қирвон», «каргаси воқеъ», «ҷилваи товус», «боди саҳар», «чодари лои Банот», «дами гург задани субҳ», «шамъи шабистон», «лангари осмон», «чашмаи симоб», «чашмаи хур», «муҳраи зарф», «мавҷи табошир», «лаби нилиуфуқ», «гавҳари маҳ», «хирмани маҳ», «хӯшаи Парвин» ва монанди инҳо воситаҳоеанд, ки манзараи дилхоҳи субҳро зинда ва дар ҳаракат офаридаанд. Ҳунари шоири тавоно танҳо дар он аст, ки

он ҳамаро дар ҷою мавқеъ ва мавриди худ чида тавонистааст.

Сайфи Исфарангӣ яқинан таъкид менамояд, ки насими субҳ рӯҳбахш аст (Субҳ, ки аз насими ӯ гулшани рӯҳ хуррам аст), чун пардаи шаб аз миён бардошта мешавад, хурӯси саҳар аз дамидани субҳ ҳамаро хабар медиҳад (Чун ҳиҷоби шаб аз миён бархост, - Аз хурӯси саҳар фиғон бархост), аз боди саҳар бӯи зулфи ёр меояд (Маро зи боди саҳар бӯи зулфи ёр ояд), шаби тира бо расидани сапеда рахт бармебандад, монанди он ки саҳоби Рум роҳи Зангборро мегирад (Сапедадам, ки шаби тира бор барбандад, - Саҳоби Рум раҳи Зангбор барбандад). Сабӯҳӣ дар субҳдам гуворост ва қаҳрамони лирикии шоир ба соқӣ муроҷиат карда мегӯяд:

Соқӣ, биёр бода, ки боди саҳар вазид,
Вақти сабӯҳ омадаву субҳдам дамид. [11, 216]

Ва ё ҷои дигар ҳамин маънӣ бо ишора ба ёр ин тавр баён ёфтааст:
Боди саҳаргаҳ вазид, субҳ дамид, эй нигор,
Вақти сабӯҳ аст, хез, бодаи гулгун биёр. [11, 261]

Дар тағаззулоти ба тасвири субҳ бахшидаи Сайфи Исфарангӣ тасвири табиат дар пайвастагӣ бо мавзӯъҳои дигар сурат гирифтаанд. Ин пайвастагӣ зиёдтар дар байни тасвири субҳ ва соқию маю майгусорӣ, ишқу ҳаётдӯстӣ матраҳ гардидааст. Зиёда аз ин файзи субҳ, баракати субҳ, покизагии субҳ, оғози як рӯзи ҳаёт дар сурати субҳ, оҳангҳои шукуфоии баҳорро дар худ таҷассум намудани субҳ аз килки сеҳрангези суханвари исфарангӣ дур намондаанд. Ва дар байти дигари иқтибоси болоӣ мехонем, ки қаҳрамони лирикӣ ба маъшуқааш ишора намуда мегӯяд, албатта бо дамидану расидани субҳ:

Чанг зану бода нӯш, шод зию ғам махур,
Гарчи маро сабри ман аз ғами ту кушта зор. [11, 261]

Дар маҷмӯъ, бо вуҷуди маҳдудияти мавзӯъ тағаззулоти дар тасвири табиат, бахусус субҳ, бахшидаи Сайфи Исфарангӣ, ки тавсифҳои ҷолибу бикр ва маҳсули бевоситаи тахайюлоти худи шоирро доранд, бешубҳа аз сабабҳои асосии то ба рӯзгори мо омада расидани мадеҳаҳои ӯ гардидаанд. Таъкиди дигар он аст, ки манзараҳои офаридаи суханвар воқеӣ, боварибахш ва зиндаю дар ҳаракат ифода ёфтаанд. Ба хусус тасвири табиат ва тавсифи субҳ дар тағаззулоти шоир хеле рангин буда, пажӯҳиши вижа, диди ҷиддӣ ва доманадорро интизор аст.

## БОБИ III. МАЗМУНСОЗӢ ВА МАЪНИОФАРӢ ДАР ҚАСОИДИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

### 3.1. Шеъру шоирӣ аз нигоҳи Сайфӣ Исфарангӣ ва афкори адабӣ-танқидии ӯ

Сайфи Исфарангӣ дар шумори он суханвароне қарор дорад, ки бо эҷоди осори бадеии манзуми саршори маъниҳои тоза, таҷассуми мазмунҳои гуногуни ҳаётӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, зебопарастӣ ва гоҳе фалсафӣ мақоми ҳунарии хешро дар навъҳои мухталифи адабӣ, бахусус гуфтани қасида бозтоб намудаву соҳиби эътироф гардидааст. Вақте ба маҳорати шоирии ин суханвари асил баҳои илмӣ доданӣ мешавем, бояд иҷмолан ба қасидасароёни пеш аз ӯ, яъне устодонаш дар ҷодаи эҷод ва ҳамзамононаш назар андозем. Ба ин маънӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи сабку услуби се тан аз гӯяндагони бузурги назми пештар аз Сайфи Исфарангӣ гузашта; Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ ва Асириддини Ахсикатӣ андешаронӣ намуда, қайд менамояд, ки ҳар яке аз ин шоирон дар эҷоди худ сабк ва равиши махсус доранд ва бо вуҷуди қасидасаро будан ба якдигарашон монанд нестанд. Дар «Тазкират-уш-шуаро» омадааст: «Арбоби фазл Асирро дар шоирӣ мусаллам медоранд ва баъзеро муддао он аст, ки сухани ӯ бар сухани Хоқониву Анварӣ фазл дорад ва баъзе ин даъворо мусаллам намедоранд.

Инсоф он аст, ки ҳар яке аз ин се фозилро шеваест, ки дигарро нест. Асир суханро донишмандона мегӯяд ва Анварӣ салиқаи суханро хубтар риоят мекунад ва Хоқонӣ аз тумтароқи лафз бар ҳама фазл дорад» [19, 131]. Сайфи Исфарангӣ ба ҳунари баланди ин се қасидасаро қоил буд ва онҳоро ҳамчун устоди маънавии худ эътирофу эҳтиром мекард, аз ҷумла, бештар Хоқонии Шервониро, ки гуфтааст:

К-ин тарз нагуфта-ст аз арбоби сухан ҳаргиз
То ғояти аҳди ман кас аз паси Хоқонӣ. [11, 467]

Дар ин қитъаи дигар аз қасидаи дигари шоир зимнан таъкид мекунад, ки агар ба оби рӯи шеър имкони савганд хӯрдан мешояд, он гоҳ бояд ба хоки Мовароуннаҳру Хоқониву Шарвонаш қасам ёд бояд кард.

Зи дурри баҳри шеъри ман гарон шуд киштии олам,
Ҳаметарсам, ки аз таррӣ барорад мавҷи тӯфонаш.
Ба санги таън агар ҳосид ба амдо бишканад рӯзе
Ба ганҷи шойгон гардун наёрад дод товонаш.
Ба оби рӯи ин шеър ар хурад савганд мешояд
Ба хоки Мовароуннаҳр Хоқониву Шарвонаш. [11, 301]

Ин матлаби шоир ифодагари он аст, ки Сайфи Исфарангӣ офаридаҳои худро дар қимат он қадар баланд медонад, ки ҳатто таъкид бар ин дорад, ки агар Хоқонии Шервонии устоди маънавияш онҳоро мехонд «дурри баҳри шеър»-и ӯро бешубҳа месутуд. Албатта, ин як шеваи марсум дар қасидаройӣ аст, ки дар аксари қасоиди шоирони дигар низ ба унвони ифтихория ҷойгоҳи хосае дорад, ки Сайфи Исфарангӣ низ ҳамон шеваро пеша намудааст.

Зимни баррасии афкори адабӣ-танқидии Сайфиддини Исфарангӣ ва мулоҳизоти ӯ роҷеъ ба шеъру шоирӣ як нуктаро бояд таъкид намуд, ки ӯ андешаҳои худро дар бораи чигунагии шеър гуфтан ва рисолати шоир бар асоси муқоисаву муқобилаи сурудаҳои хеш бо дигарон ё дар мисоли мақоми ҳунари ягон нафар суханвар дар мисоли Хоқонӣ баён намудааст. Вақте дар

байти дигар худро ворислари Хоқонӣ мешуморад, дар ин маврид низ ӯ навъе доварии чигунагии шеър мекунад, яъне маҳаки шинохти шеър дар андешаҳои вай сурудаҳои Хоқонӣ қарор мегиранд:

Ҳам ту шиносӣ, ки ман мулки суханро ба ҳақ

Ворислари Хоқониям, бастаи Шарвон наям. [11, 316]

Давлатшоҳи Самарқандӣ поёнтар дар бахши зикри Мавлоно Сайфуддини Исфарангӣ доир ба ҷаззобияти қасидаҳои шоир сухан ронда, ин ишора ва таъкидро дорад: «… дар суханварӣ мартабаи олӣ дорад ва девони ӯ мутаориф аст ва дар маҷлиси Улуғбек-султон девони ӯро доим уламову фузало мутолиа кардандӣ ва сухани ӯро бар сухани Асируддини Ахсикатӣ тарҷеҳи тамом додандӣ, аммо ин ҳол мукорибаи азим аст.» [19, 131]

Шоир зимни қасидаҳои худ аз ашъораш, равиши эҷоди бадеияш ҳунари шоириаш, қимати ашъораш, дар мазмуну муҳтаво ва сабку услуби баён аз адибони замонаш пешдаст будани худ, дӯшиза будани табъаш, яъне тозабаёниҳояш маънии бикру мондагории офаридаҳояш ва ғ. дар чанд маврид ишораҳо ва ҳатто фахрияҳое дорад, ки иқтибос намудани чанд байт аз онҳоро дар ин ҷо бамаврид ба назар мерасад, зеро ҳар яке аз ин андешаҳо дар баробари ифтихория будан, андешаҳои шоирро дар бораи шеъру шоирӣ ва афкори адабӣ танқидии ӯро нишон медиҳанд. Он ҷо, ки ба садри Ироқ Имодуддин ал-Ироқӣ ин ишораро дорад, ки аз баракоти ҳидояти меъмори адли ту шеъри маро ҳеҷ байти номаъмур нест. Ин ҷо байти номаъмур иҳоме дорад, зеро зоҳиран хонаи вайрон ҳам метавонад бошад, аммо манзури аслии шоир ҳеҷ як байте, ки дар он халале рафта, мавҷуд намебошад:

Ҳам аз ҳидояти меъмори адли туст, ки нест

Саводи шеъри маро ҳеч байти номаъмур. [11, 250]

Шоир ба Амид Ҳабашии Самарқандӣ бо фахр ишора карда таъкид бар он дорад, ки дар иқлими ту мисли ман дар ҷаҳон нест, яъне сифоти хешро ҳамун «соҳири шеърозмой» ва «шоири сеҳрофарин» ном мебарад, ки ҳарду

таъбир дар вуҷуди маъниҳои хосаеро нуҳуфта, афкори адабии шоирро барҷаста менамояд. Дар таркиби аввал соҳири шеърозмой касе аст, ки аслан шоир нест ва шеърро чун василаи сеҳр истифода мекунад, дар ибораи дувум бошад, шоири сеҳрофарин ин баҳои ӯ ба мақоми шоирӣ маҳсуб меёбад, ки навъе андешаҳои ноқидонаи шоирро муҷассам намудааст:

Нест чу ман дар ҷаҳон, хоса дар иқлими ту
Соҳири шеърозмой, шоири сеҳрофарин. [11, 400]

Сайфи Исфарангӣ дар як қасидааш, ки унвонаш «Фӣ-л-ҳақиқати» мебошад, ин байтро ҷой додааст, ки дар он ҳам ишорат бар ифтихор аз мақоми суханварӣ намуда, сарчашмаҳои ашъори хешро аз пардаи ғайб ном мебарад ё ба ибораи дигар худро ба булбуле мушобеҳ медонад, ки сарчашмаи навои ӯ аз пардаҳои ғайб берун меояд, на чун тутӣ, ки суханро такрор менамояд.

Булбулам, к-аз пардаҳои ғайб месозам наво,
Нестам тӯтӣ, ки дар ҳарфе бувад такрори ман. [11, 427]

Дар ин байт Сайфи Исфарангӣ таъкид ба шеваи нигориши худ дорад, ки содаву равону дилнишину гӯшнавоз аст ва навгониҳои он таронахониҳои тоза ба тозаи булбулро мемонад. Вай ҳамеша аз такрор, бахусус такрори гӯяндагони пешин худдорӣ менамояд, яъне тӯтӣ нест. Зимнан ин ҷо шоир аз шоироне, ки ба такрори сухан мекӯшанд, интиқод менамояд ва онҳоро ба тӯтӣ шабоҳат мебахшад, ки корашон бозгӯии афкори пешиниён аст.

Ҳамин маъниро дар байти дигари шоир дармеёбем, ки каломи шоири соҳибандешро ба нағмаи андалеб ва шеъри номатлубро ба шарфаи санги осиё шабоҳат медиҳад. Ба андешаи шоир, қобили ашъор монандие миёни онҳо эҷод мекунад, аммо фарқият дар маънову ҷилваҳои ҳунарӣ, ки ҳангоми қироати ашъор равшан мегардад, миёни нағмаи андалеб ва шарфаи санги

осиёст.

Шеър яке бувад, бале, лек мусовӣ кай бувад
Нағмаи андалеб бо шарфаи санги осиё. [11, 64]

Дар ин байт вожаи «шарфа», ки бештар дар фарҳанги мардумӣ ба маънии садо истифода мешавад, хеле моҳиронаву шоирона ба кор рафтааст.

Дар қасидаи ба Сайид Носириддин Аҳмад ал-Ҳусайнӣ бахшидаи шоир ин абёти фахрии шоирро мехонем, ки дар он сухан аз он меравад, ки аз гаҳвари манънигории шоир арӯси ҷонҳо ба ҳангоми ҷилва гушвор месозад. Шоир ҳамзамон дар пайванд ба матлаби қасидаи боло ин ҷо низ ишорат бар он дорад, ки ман мисли оина танҳо суратнамоӣ намекунам, зеро дар табъи ман ҳазорҳо маонии бикр нуҳуфтааст:

Дарёдило, зи гавҳари маънинигори ман
Созад арӯси ҷон ба гаҳи ҷилва гӯшвор.
Суратнамой ойинасон нестам, аз он-к
Дар табъи ман маъонии бикр аст сад ҳазор. [11, 244-245]

Сайфи Исфарангӣ аз таҷрибаи дар таърихи шеъру адаби тоҷикӣ-форсӣ дарёфтааш бовар бар он дорад, ки номи сарварону саркардагон, шоҳону ҳокимон, садрҳо ва ғ. вобаста ба амале, ки барои ҷомеа раво дидаанд, тавасути сухани эҷодкор зинда мемонанд. Агар пештар аз ҳаёти сипаришудаи Сайфи Исфарангӣ иҷмолан ба ашъори мадеҳавии Одамушшуаро Рӯдакӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ ва ҳатто ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, ё «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ мурочиат намоем, ба гуфтаи зерини ин суханвар комилан бовар менамоем. Ӯ ба яке аз мамдӯҳонаш Маҷдуддин Абӯбакр ибни Алӣ ал-Марварзӣ ба ин маънӣ ишора карда мегӯяд, ки агар номи абадӣ мехоҳӣ, онро аз шеър ҷӯй:

Аз шеър ном ҷӯй, ки дар ойини баҳри ӯст
Оби ҳаёти номи каримони бурдбор. [11, 246]

Вале на ҳама гуна шеър метавонад, ки номбардор бошад, танҳо шеъри асил бар ин қодир аст ва он аз ҷумла шеъри худи ӯст. Ба ақидаи ӯ агар аз шунидани шеъри гӯянда шунаванда дар изтироб наояд, шеър наметавонад бошад. Аз ин рӯ, шоир шеъри хешро ба рӯҳи қудс шабоҳат мекунад, ки бар вай ҳаргиз ғубори эроде нахоҳад нишаст:

З-он шеър не, ки ҳамчу садо дар ҷаноби ту
Гӯянда аз шунуда гузорад ба изтироб.
Аз шеъри ман, ки то ба абад ҳамчу рӯҳи қудс
Наншинад аз набарди табоҳӣ бар ӯ ғубор. [11, 246]

Шоир ба ҳамин маънӣ ба мамдуҳи дигари худ Атобак Маҳмудшоҳ ал-Яздӣ, ки ифтихори Салчуқиён будааст, ин ишораро дорад, ки оби ҳаёт қатрае аз баҳри шеър аст ва метавонад ба сони Хизр ба ту умри ҷовидон диҳад. Зимнан бо баёни чунин мулоҳизот шоир аҳли дарборро ба тақдир аз шоирон ва расидан ба қадри шеър даъват менамояд:

Шеър, ки оби ҳаёт қатрае аз баҳри ӯст,
Номи туро чун Хизир умр диҳад ҷовидон. [11, 406]

Ва ҷойи дигар ба садри Самарқанд Шамсуддини Тоҳир таъкид менамояд, ки аҳли суханро азиз дорад, ки номи гузаштагони ту маҳз зинда бардоштани чунин фазилати наҷиб мебошад:

Аҳли суханро азиз дор, ки имрӯз
Номи кироми гузашта зинда бар ин аст. [11, 170]

Сайфи Исфарангӣ дар як қасидаи ба садри давлату дин Садриддини Хуҷандӣ, ки шояд аз табори Оли Хуҷандиёни муқими Исфаҳони Эрон

будааст, аз шеъри баландмазмуни худ фахр карда мегӯяд, ки агар бод ин ду байти маро туҳфа ба Эрон барад, Байлақон барои хоки Самарқанд боҷ хоҳад дод. Ин ҷо нуктаи дигаре ҳам равшан мешавад, ки шоир ин қасидаро дар Самарқанд суруда будааст:

Бод агар з-ин ду байт туҳфа ба Эрон барад,
Хоки Самарқандро боҷ диҳад Байлақон. [11, 372]

Бо ин ки қасоиди шоир аз нигоҳи мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар ҷою мақоми хосае дорад, маҷмӯи таъкидоти шоир бар тақдири шеъру шоирӣ аз он дорак медиҳад, ки замона шоирпарвар набудааст. Шоирони давр, аз ҷумла Сайфи Исфарангӣ ба дарбори як ҳоким, ё садр, ё муфтӣ, ё қозӣ ва... побанди доимӣ набошанд ҳам, вале аз рӯйи тангдастӣ, нодорӣ, бенавоӣ, барои таъмини маишат феодалонро мадҳу ситоиш мекарданд. Касби шеъру шоирӣ дар назди аҳли ҷоҳ қадру қимате надошт, бозори калони шеъри шоирон касодӣ ёфта буд. Бинобар ин шоирон бо сабаби ранҷише маҷбур буданд, ки дар ашъори худ иллатҳои замонаро фош намоянд. Баъзан мадҳияҳояшон бе подош мемонд ва баъзан бо умеди дастгирие қалам ба даст мегирифтанду коғаз сиёҳ мекарданду подоши ночизе дармеёфтанд. Ҳатто шеъри хуб харидор надошт, ки шоир таъкид мекунад:

Бар сари бозори аҷз аз бехаридорӣ, ки ҳаст,
Ришта-ришта дурру гавҳар мефурӯшам ройгон. [11, 361]

Воқеан, Сайфи Исфарангӣ дар каломаш аз таркибу ибораҳои шевои «гавҳари маънинигор», «пардаҳои ғайб», «шоири сеҳрофарин», «маонии бикр», «оби ҳаёт», «рӯҳи қудс», «тарзи гуфтан», «шаробхонаи нӯш», «дурри маънӣ», «дили маънинигор», «гуҳар суфтан» ва монанди инҳо устокорона истифода намуда, аз ин зовия иқдомот ва тозакориҳояшро дар мазмунсозию маъниофарӣ хеле шоиста ва боиста ба субут мерасонад. Дар канори ин равшан мегардад, ки шоир андешаҳои хешро дар бораи шеъру шоирӣ пеш аз

ҳама тавассути муқобалаву қиёс бо дигарон баён дошта, маҳаку мизони санҷиши ҳунари шоириро дар сурати сурудаҳои Хоқонӣ қарор додааст. Дар афкори адабӣ –танқидии Сайфи Исфарангӣ такрори матолиби пешин, орӣ будан аз арзишҳои адабиву бадеӣ ҳамеша интиқод шуда, шоир суханваронро ба офариниши маъниҳои тозаву нав даъват намудааст. Ҳатто ҳамин андеша то ба ҷое мерасад, ки ӯ амирон- мамдӯҳони хешро ба расидан ба қадри чунин ашъор ва шоирон даъват намуда, ин шеваи муносибатро роҳи касби ҷовидонагии онҳо ба шумор меоварад.

## 3.2. Шеваҳои мазмунсозӣ ва корбурди саноеи бадеӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ

Сайфи Исфарангӣ бо тамоми майлу рағбат бо истифодаи забони ноби модарӣ аз санъатҳои бадеии маънавию лафзӣ устокорона ва рамузфаҳмона кор мегираду аз такрори андеша ҳамеша худро дар канор нигоҳ медорад. Маҷмӯи ин тадбирҳои ӯ пеш аз ҳама барои офариниш маъниҳои тозаву бикр сурат мегиранд. Аз ин рӯ, шоир барои рангорангии афкораш аз шеваҳои муайян ба кор мегирад.

Дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ санъати талмеҳ барои мазмунсозӣ ва маъниофарӣ хеле зиёд ва бамаврид истифода гардидааст. Талмеҳоти шоир дар ин жанри шеърӣ аз нигоҳи мавзӯъ ва муҳтаво гуногун буда, дар онҳо қиссаҳои қадимии мардуми Машриқзамин, мавзуъҳои ишқӣ, ҳодисаҳои таърихӣ, қиссаҳои қуръонӣ, аҳодиси набавӣ, қиссаҳои ошиқонаи мардумӣ ва динӣ, саргузашту лаҳзаҳои ҷолиби сипаришудаи пайғамбарон, асотири мардуми эронитабору арабӣ ва ғайра хеле мӯъҷаз ва шоирона таҷассуми худро ёфтаанд.

Талмеҳҳоеро, ки Сайфи Исфарангӣ барои мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасидаҳояш мавриди истифода қарор додааст, метавон ба гурӯҳҳои зайл тақсимбандӣ намуд:

1.Бо истифода аз номи ашхоси асотирии мардуми Машриқзамин, бахусус эронитабарон ва ғайри онҳо, мисли Искандар, Ҷам, Ҷоми Ҷам, Симурғ, Сулаймон, Рустам, Фаридун, Заҳҳок, Ҳоруту Морут, Сиёвуш, Суҳроб, Афросиёб, Кова, Юсуф, Лайлӣ, Маҷнун, Фарҳод, Хусрав, Ширин ва дигарон. Масалан, дар байти зер Сайфи Исфарангӣ аз се қаҳрамони асосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, Сиёвуш, Рустам ва Афросиёб ном бурда мегӯяд:

Кини ман аз рӯзгор бозталаб, ҳамчунон-к
Кини **Сиёвуш** хост **Рустам** аз **Афросиёб**. [11, 117]

Ин ҷо Сиёвуш шоҳзодаи маҳбуби Эронзамин аст ва Рустам устоди ӯ дар илми ҳарб, ки Фирдавсӣ тасвир кардааст. Истифодаи ибораи «кини Сиёвуш» аллакай матлабро ба он сӯ мекашонад, ки Рустам барои хостани қасди Рустам ба ҷанги Афросиёб рафт. Шоир кини худ аз рӯзгор хостанро ба ҳамин ҳодиса монанд мекунад.

Мазмунсозию маъниофарии Сайфи Исфарангӣ тавассути талмеҳ дар байти зер касро ба фикр кардан во медорад, то маънии байт кушода гардад ва албатта ин ҷо аллакай талмеҳоти навъи дигар, яъне ишорат ба қиссаҳои қуръонӣ ба назар мерасад:

Тилисмоти ифрит муъҷиз набошад,
Агарчи ба тахти **Сулаймон** барояд. [11, 189]

Ифрит чеҳраи зишт, дев, қувваи аҳриманиест, ки дар ҳар ҷое бошад, ба ҷуз бадкорӣ андешаи дигар надорад, агарчи ба тахти Сулаймон барояд. Тахти Сулаймон чист? Мувофиқи ривоёт Сулаймонро бисоте буд сад фарсанг. Тахти хешро, ки аз зарри ноб буд, бар он мениҳод ва бар фарози он ду каркас буданд, ки чун Сулаймон бар тахт меомад, ба парвоз медаромаданд. «Бино ба ривоёти дигар Сулаймонро бисоте буд, ки худ ва лашкараш бар он қарор

мегирифтанд ва мурғон бар сараш меистоданд ва тахташро соя мекарданд ва бод, ки мусаххари ӯ буд, он тахт ва ҳамчунин киштиҳои тиҷоратии ӯро ба ҳар сӯ, ки Сулаймон мехост, мебурд [51, 507].

Ин ҷо бардошт аз гуфти шоир он аст, ки на ҳар бадсиришт сазовори тахт аст. Тахт барои онҳое зебанда аст, ки чун Сулаймон одилона ва хоксорона ҳукумат ронанд.

Шоир дар мисоли дигар номи Хусрав, Ширин ва Фарҳодро талмеҳан истифода намуда, дар як байт муҳтавои достони пуршӯри эшонро таҷассум намуда, зеҳни хонандаро барои ба ёд овардани он талқин менамояд:

Ҳадиси **Хусраву Ширин** фасона гашт, ҳанӯз
Ҳама ҷаҳон сухани ишқу номаи **Фарҳод**. [11, 507].

Сайфи Исфарангӣ бо талмеҳан истифода намудани номҳои асотирӣ, монанди Рустам (Коми бозичаи номуси адӯ гир, аз он - к – Даҳшати ҳамлаи Рустам набард саффи кsurvey), Заҳҳоку Фариддуну Кова (Бар сари Заҳҳок зад теғи Фариддун дирафш – Чун дами Кова бизад беш дар он рӯз дам), қиссаи симурғу Золу Сому Наримон (Мову суханпарварию тарбияти ӯ – Шаҳпари Симурғу Золу Сому Наримон), Юсуф (Ту агар Юсуфи аҳдӣ ба малоҳат, ман низ – Чу Азизам ба ҳунар, чанд кунӣ хор маро?), Искандар (Шабҳо ба бӯйи чашмаи нӯши ту меравад – Дар зулмати ҳиҷоб чу Искандар офтоб). Лайлӣ ва Маҷнун (Ҷонро назари ту пойбанд аст – Чун Маҷнунро ҳавои Лайло) бо роҳи мазмунсозӣ барои худ ва шеъри худ маъниҳои тоза кашф намуда, муҳтавои қасидаҳояшро ғанӣ гардонидааст.

2. Бо истифода аз шахсиятҳо ва афсонаву ривоятҳои динӣ, ки тақозои давру замони суханвар буд ва зиёда аз ин бештари қасидаҳои мадҳии ӯ ба садрҳои вақт бахшида шуда буданд. Сайфи Исфарангӣ дар гуфтаҳояш ишораҳое ба Одаму Ҳавво, Тӯфону Нӯҳ, Дами Исо, Асои Мӯсо, Халил, Яди байзо, дарахти Тӯбо, Оби Зиндагӣ, Муҳаммад (с), Тури Сино, Оташи Намруд, Чашмаи Ҳаёт, Алӣ ибни Абӯтолиб, Умар (а) дорад, ки дар мазмунсозию

маъниофарӣ аз онҳо моҳирона кор гирифта тавонистааст. Масалан, шоир дар қасидаи ба вазири Муҳаммади Хоразмшоҳ- Низомулмулк Муҳаммад Солеҳ бахшидааш ба муносибате аз Исо ва хар ёд карда мегӯяд:

Имрӯз туӣ, ки мешиносӣ

**Эъҷози Масеҳ** аз дами хар. [11, 252]

Бояд ёдовар шуд, ки аз саргузашти Исо, ки ҳангоми мурочиат аз Урдун ба Байтулмуқаддас, «чун наздики Уршалим расид, ба ҳавориюн гуфт: - Биравед ба самти он қаря, дар он ҷо модахаре куррадор хоҳед дид, онро назди ман оред. Рафтанду оварданд. Исо бар он хар савор шуд ва ба Байтулмуқаддас омад ва кӯрону беморонро шифо дод. Чун ҳазрати Исо ҳам пайғамбар буду ҳам табиб…» [51, 236].

Дар ҷои дигар шоир аз хари Исо ном бурда, ин байтро офаридааст:

Дар намати санои ту зикри адӯ чаро кунам?

Куфр бувад, ки бар диле нақши **Масеҳу хар** кунӣ! [11, 472]

Сайфи Исфарангӣ дар қасидае, ки ба Маликшоҳи Кошонӣ бахшидааст, мамдуҳашро сифат намуда, дар як байт аз Туру Мӯсо ва Сарандебу Одам талмеҳан кор мегирад ва мегӯяд:

Машҳур шуд аз гавҳари ӯ хиттаи Кошон,

Чун **Тур** ба **Мӯсову Сарандеб** ба **Одам**. [11, 325]

Тур он ҷост, ки Мӯсо пайғамбар (а) ба фарози он баромада оёту аҳкоми даҳгонаро, ки аз ҷониби Худо расида буд, ба банӣ - Исроил бирасонид. Сарандеб чӣ? Тибқи маълумоти Алиасғари Ҳикмат «Сарандеб ё Сарондиб номи ҷазираи бузургест дар Шибҳи Қораи Ҳинд, ки имрӯз Селон ё Срилонко Шриланка номида мешавад. Дар он ҷо кӯҳест барафрошта ба номи маҳбити Одам ё ба қавле қадамгоҳи Одам, ки аз дер боз бар он нақши қадами инсонӣ

дар санг мондааст. Муслимин онро ҷои пойи Одам (а) ва буддоиён нақши қадами Будо медонанд ва дар моҳи март, ки солгарди зуҳури Будо аст, дар он ҷо зимни анҷоми маросиме ба ибодат мепардозанд» [51, 477].

Шоир ҷои дигар ишора бар кӯҳи Туру Мӯсо намуда мегӯяд:

Бими теғи кӯҳи хилмат дар дили хасми ту чун
Ҳайбати эъҷози **Мӯсо** дар дили **Тур** омада. [11, 432]

Сайфи Исфарангӣ бо истифода аз киштии Нӯҳу тӯфонаш маъниофаринӣ мекунад:

**Киштии Нӯҳ** аст даҳр, аз мавҷи тӯфони бало
Ман чаро тарсам, чу бӯи ошноӣ мебарам. [11, 338]

Дар ин байт то ҷое нуфузи маънии ирфонӣ боло гирифтааст. Шоир гуфтанист, ки аз мавҷи тӯфони бало, ки ӯро иҳота намудааст ҳеҷ вақт намеҳаросад, зеро киштии Нӯҳ дастгири ӯ ва бамақсадрасонандаи ӯст барои расидан ба Ҳақ.

3. Мазмунсозию маъниофарӣ бо истифода аз тасаввури пешиниёни бани башар роҷеъ ба пайдоиш сохти кайҳону сайёраҳо, ба монанди гови Замину моҳӣ, ки тибқи ишораҳои асотирӣ-мардумӣ гӯё Замин дар болои шохи гов асту гов бар болои моҳӣ. Баҳром ситораи ҷанговар, Зуҳра – мутрибаи фалак, Суҳо – ситора, Ноҳид, Парвин, Уторид, Муштарӣ, бурҷҳои осмонӣ, номи моҳҳои соли ниёгон зимни талмеҳан корбаст намудан аз онҳо. Мисолҳо:

Зарраи хоки Самарқанд аст он, к-аз гавҳараш
Акс бар ойинаи афлок **Парвин** мекунад. [11, 210]

Ба сони ойина ҳар рӯз **Муштарӣ** сад бор

Ба рӯйи толеи саъдаш ба ихтиёр ояд. [11, 171]

Бар Баноти чарх кӯҳл аз хоки пои ӯ кашанд
Занг бардорад **Суҳо** з-ойинаи чашми зарир. [11, 240]

**Ноҳидро Уторид** дар рӯзи базми ту дид,
Асрори мантиқ омӯхт аз нағмаи рубобаш. [11, 293]

Ноҳид ҳамон сайёраи Зуҳра аст, ки онро мутриби фалак номанд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию тараб баршуморанд. Яъне, ин ҷо маънӣ он аст, ки Уторид Ноҳидро дар базми хушии мамдӯҳи шоир дида, аз ӯ асрори ҳақиқатро омӯхтааст ва ғ.

4. Бо истифода аз воқеаҳои таърихӣ ва ашхоси таърихӣ, монанди Маҳмуду Аёз, Сабуктегин, Фағфур, Қизил Арслон, Халлоҷ, Ҳасану Ҳусайн ва монанди инҳоро тасвир кардааст.

Достони Маҳмуди Ғазнавӣ ин муқтадиртарин султони Ғазнавиён, ки ба яке аз ғуломони турк Абӯнаҷми Аёз (Айёз) ибни Уймоқ назари хос дошту он тадриҷан ба алоқае шадид мубаддал шуд, дар адабиётамон маъруф аст. Алоқаи ин ду тан то ба он ҷо густариш ёфта буд, ки Маҳмуд вайро то поёни умр ҳамеша дар ғаму шодӣ ҳамроҳи худ нигоҳ медошт. Ин маънӣ борҳо мавзӯи ҳикоёт ва ишороти шуарои форсизабон воқеъ шудаву Сайфи Исфарангӣ ҳам барои сохтани маънии нав аз он кор гирифтааст, мисли:

Баҳона ҷилваи бахт аст, гарна ҳоҷат нест
Ҷамоли давлати **Маҳмудро** ба зулфи **Аёз**. [11, 270]

Бо истифода аз номи шоҳ Қизил Арслон шоир маънии зиёдеро дар се байт ин тавр ғунҷонидааст:

Аз ҷайби умр накди равон меравад, чӣ суд,
Гар гавҳарам ба домани охирзамон диҳад?
Қутбе куҷост зинда, ки то шарҳи ин сухан

Дар боргоҳи рӯҳи **Қизил Арслон** диҳад.

Не, не ғалат, сахои **Қизил Арслон** куҷост,

То доди ин қасида ба қадри тавон диҳад? [11, 186]

Дар ин се байт шоири маъниофар бо истифода аз номи султон Музаффариддин Қизил Арслон, ки солҳои 1185м.-1191м. дар Озарбойҷон ба мақоми атобакӣ расидаасту мадеҳасарои асосӣ ва наздики вай Асириддини Ахсикатӣ буд, кӯшидааст саховатмандии ин султонро дар муқобили қасидаҳои мадҳии Асириддин иброз дорад ва ишора ба ҳокимони даври худ, таъкид намояд, ки ба ашъори ноби ӯ оё Қизил Арслон метавонист подоши арзанда диҳад! Ин қасидаи Сайфи Исфарангӣ ба Амир Амиди Самарқандӣ бахшида шуда, яке аз қасидаҳои мадеҳавии аз ҳар ҷониб; ҳам забон, ҳам ҳусни баён ва ҳам ҳунари маъниофарии баландмазмуни шоир аст. Аз ин рӯ, вай абъёти болоиро тариқи фахрия дар қасидаи худ ҷой додааст.

5. Бо истифода аз воқеаҳои фарҳангӣ, ном бурдан дар қасидаҳо аз аҳли илму адаб ва осори онҳо, ки Сайфи Исфарангӣ ба эшон таваҷҷуҳ доштаву эҳтирому муҳаббат ба эҷодиёташон доштааст, монанди «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва асари бегазанди ӯ «Ал-қонун», Хоқонии Шервонӣ, Масъуди Саъди Салмон, Уқлидус, Ҷоланус, Мансури Ҳаллоҷ, «Авесто» ва дигарон талмеҳан аз онҳо ном бурдану истифода намудан низ ба мазмунсозӣ ва маъниофарии шоир бетаъсир намондааст, мисолҳои зиёди дар қасоиди ӯ ҷойдошта гӯёи ин андешаанд. Сайфи Исфарангӣ дар ҳақиқат, шоири мазмунсозу маъниофар аз «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ин бардошти ҷолибро дорад, ки на пешиниён ва на баъдинагони суханвар нисбат ба асари безаволи «донои Тӯс» гуфтаанд. Ӯ мегӯяд:

Мақсуд зи **«Шоҳнома»** шеър аст,

Не ҷанги **Сифандиёру Рустам**. [11, 333]

Аз ин байт бармеояд, ки гӯяндаи он қасидаҳояшро на ба хотири мадҳу ситоиши ин ё он мамдӯҳ, балки ба хотири шеъри асил суруда будааст. Албатта подоши заҳмати ҳар кас бояд бошад, то гузораи рӯзгор гардаду бори зиндагонии гӯяндаро бардорад.

Шоир ба яке аз табибони донишманди замонаш, ки сазовори васф кардан будааст ба номи Аслиддин ат-Табиби Самарқандӣ, қасидае бахшида, дар он аз «Ал-қонун»-и Сино ин тавр ёд мекунад:

Эй зи қонуни фазли ту равшан
Оби **«Қонун»-и Бӯалӣ Сино**. [11, 82]

Аз ин байт метавон чунин маънӣ бардошт, ки дониши тиббии мамдӯҳ боис гардида, ки асари тиббии Абӯалӣ ибни Сино «Ал-қонун» дар замонааш ҳамчун асари табобатӣ шинохта шавад.

Ин ҷо чанд мисоли дигар меорем, ки бо талмеҳ намуда овардани номҳои аҳли адабу фарҳанг шоир маъниҳои тоза офаридааст:

Ту дар камол чунончӣ баландном, ки бувад
Ба илми ҳикмату тиб **Бӯаливу Ҷолинус**. [11, 247]

Хатти Бағдод, ки пардохтаи **Хоқонист,**
Чун нашуд кашф ба андешаи бисёр маро! [11, 91]

Пур аз ашколи **Уқлинус** аз тасвири ӯ хотир,
Муҳандисвор ҳал карда ба маънӣ рӯҳи инсонаш. [11, 298]

То ту надонӣ ба ақл **Бӯалӣ** аз **Боязид**,
Лавҳи риёзӣ магир, хатти илоҳӣ махон. [11, 405]

Аз Масъуди Саъди Салмон шоир ин тавр ёд мекунад ва маънии нозуке месозад:

Маҳмудиву зи чанги аҷал монда хасмро
**Масъуди Саъдвор** нафас дар ҳисори ной. [11, 461]

6. Сайфи Исфарангӣ бо истифода аз номи маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои асотирӣ ва таърихӣ дар он ҷойҳо рӯй додаанд, монанди Чин, Чину Мочин, Санамхонаи Чин, Ҳиндустону Сарандеб, Бомиён, Тури Сино, Кӯҳи Бесутун, Садди Искандар, роҳи Ҳиҷоз талмеҳан кор гирифта, бар ашъораш маъниҳои тоза ворид сохтааст. Ин ҷо бо овардани чанд мисол иктифо меварзем ва ин ҳама албатта, дар алоқамандӣ бо мамдӯҳони шоир аст:

Гар сояи ҳиммати ту рӯзе
Зар андозад ба **Чину Мочин**.

Гардад чу саҳифаи сутурлоб
Ойинаи офтоб пурчин. [11, 407]
Ҳама кӯҳҳо зи санг асту иҷобати дуоро
Ба каромати таҷаллист нишона **Тури Сино**. [11, 67]

Мардуми нодон агар ҳокими доностӣ,
Шаҳнаи **Юнон** шудӣ **хингбути Бомиён**. [11, 405]

Яъҷузи фитнаро ба ду-се тори анкабут
Ҳазми ту чун **Сикандар садде** кунад матин. [11, 356]

Сайфи Исфарангӣ ҳатто аз китобҳои динии осмонӣ барояш маънӣ меҷӯяд ва талмеҳан мегӯяд:

Ба сидқи **«Забур»-**у ба алвоҳи **«Таврот»,**

Ба оёти «**Инҷил»-**у эъҷози **«Қуръон» [**11, 402]

Бештари касидаҳои мадҳии шоир дар базмҳои фараҳбахши мамдӯҳ хонда мешуданд, мавсуф дар онҳо гоҳе аз пардаҳои «Шашмақом», монанди «Раҳовӣ», «Ушшоқ», «Шаҳноз» ва ғайра низ ном бурдааст. [11, 471]

Дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ аз ин даста талмеҳҳо метавон даҳҳо мисол овард ва ин баёнгари он аст, ки шоир бо таърих, фарҳанг ва мероси адабии гузаштагон ошноии комил дошта, дар гуфтани асарҳои манзуми худ аз онҳо огоҳона истифода намудааст. Санъати талмеҳ дар қасидаҳои шоир дар баробари мазмунсозию маъниофарӣ ҳамчунон вазоифи зеҳнӣ ва ахлоқиро ифода намуда, аз маърифати маъниофарии гӯянда шаҳодат медиҳанд. Талмеҳҳои дар қасидаҳои шоир омада, гузашта аз маъниофарӣ тавониста, ба оҳангнокии онҳо таъсири амиқ расонидаанду гӯшнавозанд.

Шоири қасидасаро аз пурмазмунӣ ва тозагии маънои ашъори худ бо фахр мегӯяд:

Суратнамой ойинасон нестам, аз он-к

Дар табъи ман маонии бикр аст сад ҳазор. [11, 245]

Ин «маъонии бикр»-ро Сайфи Исфарангӣ албатта, тавассути калимаву таркибу иборот бо истифода аз санъатҳои бадеии маънавию лафзӣ, ки аксарашон зодагони табъи худи ӯянд, рӯйи коғаз оварда, бо ҷилои тоза ба мо мерос гузоштааст. Дар ин маврид санъати **ташбеҳ** дар мазмунсозӣ ва маъниофарии ӯ мавқеи вижа дорад ва ҳатто дар тамоми шеърҳои ғиноии шоир, истифодаи ташбеҳ барои муайян намудани ҷиҳатҳои гуногуни олами зоҳирию ботинии инсонҳо, нишон додани изтиробу ҳаяҷони қаҳрамонони лирикӣ муҳим мебошад. Ин санъати лирикӣ аз воситаҳои аввалиндараҷаи шеъри ғиноӣ ба шумор меравад.

Мафҳуми ташбеҳро ҳам пешиниёни суханвари бо назарияи адабиёт

сарукордошта ва ҳам адабиётшиносони муосир шарҳҳо бастаанд. Рашиди Ватвот дар ин бора менависад, ки «…ин санъат чунин бувад, ки дабир ё шоир чизе ба чизе монанд кунад дар сифате аз сифот ва аҳли луғат он чизро, ки монанд кунанд, мушаббаҳ кунанд ва онро, ки бад-ӯ монанда кунанд мушаббаҳбиҳӣ» [5, 271]. Гуфтаҳои Рашидиддини Ватвотро Шамси Қайси Розӣ, Маҳмуди Омулӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ бо гуфтаҳои тозаи худ қувват бахшидаанд ва адабиётшиноси эронӣ Саид Нафисӣ он ҳамаро хулоса намуда навиштааст, ки: «Бузургтарин маҳорати ҳар шоире дар ташбеҳот аст. Шоир он аст, ки мушаббеҳи худро ба чизе ташбеҳ кунад, ки дар ҳама ҷо ҳар замон битавон ёфт ва ҳар кас лутф ва шеваи онро дарёбад» [87, 414]. Ин андеша ба талаботи зебоипарастии шоирони ибтидои сабки хуросонӣ бештар мувофиқат мекунад, ки Сайфи Исфарангӣ низ аз ҷумлаи онҳост.

Таърифи ташбеҳ бо хелҳои он дар навиштаҳои донандаи хуби назарияи адабиёти тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ хеле равону фаҳмо ва мукаммал баён ёфтааст [56, 62-83].

Бояд гуфт, ки истифодаи ташбеҳ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои сабки баёни Сайфи Исфарангӣ ба шумор рафта, тавассути он метавонем ба паҳнои забону услуби шоир назар намоем. Сайфи Исфарангӣ чун шоири баркамол решаҳои суннатии тасвирофарии қасидасароёни пешинро омӯхта, асосан дар ҳамон доира қасида гуфтааст. Ин маънои онро дорад, ки мавсуф дар офаридани ташбеҳ дар баробари тозабаёнию ибтикорот побанди гузаштагон низ будааст. Қасидаҳои шоир моломоли истифода аз ташбеҳ ва хелҳои он бошанд ҳам, мо бештар бо ин санъати бадеӣ, ки ӯ истифода намудааст, дар тағаззули қасидаҳояш дучор мегардем. Дар ин ташбеҳсозиҳо суханвар аксар аз адоти ташбеҳ, мисли «ҳамчун», «чун», «ҳамчу» «чу», «монанди», «ҳамчунон», «чунин» истифода карда, ки ба мазмунсозӣ ва маъниофарии ӯ бетаъсир набуданду теъдодашон бениҳоят зиёд аст.

Бо истифода аз адоти ташбеҳи «чун» лабро ба субҳ монанд кардан:

**Лабаш** чун **субҳ** агар хандон намояд,
Чу хотам лаълро дандон намояд. [10, 28]

Бо истифода аз адоти ташбеҳи «чу»:

**Боди сабо** чу **дасти арӯсон** аз ин сипас
Дасти нигорбаста бурун орад аз чинор. [10, 35]

Ва:
**Чанг** зи дасти замон нола барорад **чу раъд**,
Ҷом зи лаъли ту то ханда занад барқвор. [11, 261]

Ва ё:

**Меҳр чу товус** шуд ҷилвагари субҳдам,
Ҷилвагари субҳро вақти арӯсист ҳам. [11, 313]
Бо истифода аз адоти ташбеҳи «ҳамчу»:

**Ёсамин** аз ҳаракоти хушу ширини сабо,
Ҳамчу **Фарҳод** дарояд ба миён рақскунон. [10, 58]

Дар мисолҳои болоӣ **лаб** ба **субҳ**, **боди сабо** ба дасти **арӯсон, нолаи чанг** ба **раъд**, **меҳр** ба **товус**, **ёсамин** ба **Фарҳод** монанд карда шудаанду маънӣ офаридаанд. Ин монандкуниҳо бевосита аз зеҳни гӯяндаи он баромада, зодаи табъи Сайфи Исфарангӣ мебошанд.

Шоир ба мамдӯҳаш Абӯбакр ибни Алӣ ал-Марварзӣ ин ташбеҳро сазовор донистааст:

Эй вазире, ки аз паи садрат
**Кӯҳҳо** ҳамчу **мӯр** бокамаранд. [11, 218]

Бо истифода аз адоти ташбеҳи «ҳамчун» шоир чӣ манзараи дилфиребро ба ҷайби маънӣ мекашад, ки ҳам шуниданиву ҳам диданист:

Ҳамчун **шафақ** намояд аз **сабзазори чарх**

Аз шуълаҳои **лола сари теғи кӯҳсор**. [11, 245]

Навъи дигар ташбеҳ ин бе ёридиҳандаи ташбеҳ сохтани ташбеҳ аст ва ин навъи ташбеҳро ташбеҳи мавкиб номидаанд. Мисолҳо:

Эй тири фитнае, ки бувад ҳазрати туро

**Ходим Зуҳал, сафир Қамар, чодар офтоб. [**11, 119]

**Моҳ**, ки **шамъи нигорхонаи шом** аст,

Базмнигори **сипеҳри ойинафом** аст. [10, 28]

Аз **тӯдаҳои лола** намояд намунае

**Хуни ҳазор куштадил** андар фарози тал. [10, 47-48]

Тавре аз мисолҳои оварда маълум мешавад, агар як рукни ташбеҳ адоти ташбеҳ бошад, рукни дигар ҳатман ваҷҳи ташбеҳ аст. Агар таври дигар гуфта шавад, ҳамон сифати муштараки ду чиз асоси ташбеҳро ташкил менамояд.

Дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ташбеҳҳои пӯшида ҷой доранд. Дар ин қабил ташбеҳҳои сохтаи шоир монандкунанда ва монандшаванда ҳамчун калимаи мураккаб зикр гардида, як ҷузъи он ташбеҳшаванда ва ҷузъи дигараш ташбеҳкунанда аст. Чунин ташбеҳҳои таркибиро дар қасидаҳои суханвар хеле зиёд дучор меоем, монанди «мурассаъкулоҳ», «муламмаъқабо» (Оразу холи туро ст ходими Руму Ҳабаш – Шоми мурассаъкулоҳ, субҳи муламмаъқабо), «гавҳарнигор» (Омад хаёли дилбару гавҳарнигор шуд…), «гулнигор» (гардани тобуси гулнигори шафақро…), «зардчеҳра» (Гил меҳӯрӣ чу шона аз ин зардчеҳраӣ…), «ҷавзонигор» (Фалак исобаи ҷавзонигор барбандад), «ҳилолпайкар» (Моҳи дуҳафтаи ҷом з-ӯ шуд ҳилолпайкар), «қудсрухсор» (Пӯшида равони қудсрухсор), «оташиндам» (Эй обнамои

оташиндам) ва ғайра, ки дар худ сифатҳои гуногунро таҷассум намуда, забони баёни шоирро равон ва оҳангнокии ашъорашро ба маротиб афзудаанд.

Дар адабиёти мо барои мазмунсозию маъниофарӣ яке аз симоҳои бадеии анъанавӣ «шамъу парвона» аст, ки одатан ба маъшуқаю ошиқ нисбат дода мешавад. Аммо Сайфи Исфарангӣ дар байти зер маъшуқаро ба шамъ ва офтобро ба парвона ташбеҳ дода маънии нав месозад ва мегӯяд:

Шамъест оразі ту, парвона офтобаш

Парвонасон чӣ дорӣ чандон дар изтиробаш.[ 11, 291]

Дар мисраи дувум ёридиҳандаи монандӣ пасванди –**сон** ба ташбеҳи шоир, ки дар мисраи аввал аст, қуввати нав бахшидааст.

Чунин ташбеҳсозиву маъниофариниро на танҳо дар қасидаҳои шоир, балки дар ғазалиёти ӯ низ метавон дучор омад, монанди:

Давлату дидори туст шабпараву офтоб,

Ҷону лаби лаъли туст хармагасу ангубин. [11, 651]

Сайфи Исфарангӣ дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар баробари истифодаи зиёд аз санъатҳои бадеии болоӣ, ки то ҷое ба таври муфассал зикрашон рафт, боз аз санъатҳои бадеии маънавию лафзии дар адабиётамон роиҷ, монанди истиора, муболиға, тавсиф, таззоду муқобила, маҷоз, ташхис, саволу ҷавоб таҷнис, хелҳои саҷъ ва амсоли инҳо устокорона ва моҳирона кор гирифтааст.

Яке аз ин санъатҳои бадеӣ, ки дар қасидаҳои шоир бори маънӣ кашидааст, истиора мебошад. Истиора дар шеър ба маънии орият гирифтани чизе меояд ва дар он «…дар асоси монандии ду ҳодиса калимае ба худ маънои маҷозӣ мегирад. Яъне истиора ба ташбеҳ хеле наздик аст, дурусттараш ин, ки дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ҳосил шудааст». [56, 83]

Мисол:

Наргиси масти хобро боз кушо ба рӯи гул,

Нағмаи булбулон шунав, хез, ба рақс андар о. [11, 61]

Наргис - чашм аст, ки истиора шуда омадааст.

Мисоли дигар:

Чун **ҳиҷоби шаб** аз миён бархост,

Аз **хурӯси саҳар** фиғон бархост.

**Соқии шаб** зи **кӯчаҳои уфуқ**

З-**оташи меҳр** чун духон бархост.

Аз **гилеми шаб** ар ғуборе буд,

Муштариро зи тайласон бархост.

Ошиқонро дар орзуи сабӯҳ

Дуди оҳе зи шамъи ҷон бархост. [11, 148-149]

Дар байтҳои иқтибосшуда ба воситаи симоҳои маҷозии «ҳиҷоби шаб», «соқии шаб», «кӯчаҳои уфуқ», «оташи меҳр», «гилеми шаб» гӯянда аз дамидани субҳ башорат додааст. Масалан, «ҳиҷоби шаб» истиора аст, зеро ба ҷои «пардаи торикӣ» омадааст.

Дар мисоли зер Сайфи Исфарангӣ аз санъати ташхис кор гирифта, манзараи лаб кушодани уфуқро таҷасссум месозаду ба уфуқ ҷон мебахшад:

Чун уфуқ аз дами сабо ғунчасифат кушод лаб,

Шуд гули меҳр тоза дар фасли сияҳ шаби баҳор.[ 11, 21]

Шоир ҷомро ба ҷон медарорад ва ба ҷом ишора нашуда мегӯяд:

Эй ҷом, туро сафои анҷум,

Тоза ба дами ту ҷони мардум.

Пайваста зи имтилои ту рост

Чун субҳ лаби ту дар табассум.

Нӯш аз гуҳари ту хезаду ту

Ҳастӣ ба мисоли неши каждум. [11, 48]

Дар ин мисол дар баробари ташхисонидан, яъне ба ҷон даровардани ҷом, ҳамчунон дар мисраи чаҳорум табассуми лаби ҷом ба субҳ ташбеҳ шуда

омадааст.

Сайфи Исфарангӣ дар маъниофарӣ аз бозӣ дорондани сухан ва сохтани иғроқ низ бархурдор буд ва эҷодиёти худро бо ин санъати сухан низ оро додааст. Фахриддин Алии Сафӣ дар хусуси як иғроқи дар замони ӯ машҳури Сайф ин ишораи ҷолиброро дорад: «… мисоли дигар аз шеъри Сайфи Исфарангӣ, аз фузало ва шуарои Мовароуннаҳр аст. Вай дар яке аз қасидаҳои худ дар санъати иғроқ байте дорад, ки ҳамаи аҳли ин замон иттифоқ кардаанд, ки он байт баробар аст ба девоне:

Суниши лаъл резад аз парри Ҳумой дар ҳаво

Гар бибарад зи куштаи лаъли лаби ту устухон! [21, 279]

Дар ҳақиқат, дар ин байт он қадар ҳунари шоирӣ сарф гардида «маонии нав» сохта шудааст, ки хонандаро ба фикр кардан во медорад. Дар баробари баландии мазмун дар он ҳамон қадар мантиқи сухан риоя гардидаасту ҷавобгӯи нигоштаи муаллифи « Латоиф-ут-тавоиф» ва баробар «ба девоне» мебошад.

Чун қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ аксар мадҳиянд, шоир дар онҳо баробари васфи болохонадори мамдӯҳ дар мазмунсозию маъниофарӣ аз санъати муболиға ва дараҷаи баландтари он иғроқ низ хеле зиёд истифода намуда, ба сухани ноб сухан зам намудааст. Масалан, шоир садри Самарқанд Шамсуддин Тоҳирро бо истифода аз санъати иғроқ чунин васф мекунад:

Ҳамеша, то ки раги хуни лаълро хуршед

Ба сӯйи чашмаи теғи хаёл бикшояд.

Мисоли садри туро бод он нафоз, ки кӯҳ

Ба пеши ӯ камари имтисол бикшояд. [11, 180]

Шоир дар қасидае шоҳи замон Муҳаммад Хоразмшоҳро бо истифода аз муболиғаву иғроқ чунин тавсиф кардааст:

Таърихи ҷамоли тоҷдорӣ

Бар нақши нигини ту мукаррар.

Фармони туро, ки дар ҷаҳон бод

Аз мисраи азми ту равонтар,
Дарё ба забони мавҷ хонад
Дар ҳалқаи гӯши моҳии кар. [11, 258]

Ба садр Заҳириддин Алихоҷа ишора карда мегӯяд:

Рӯзи умри ту чунон бод, ки даъво накунад
Бо яке соати ӯ аҳди абад ҳамсолӣ. [11, 482]

Бояд гуфт, ки ин санъати бадеӣ қасидаҳои суханвари Исфарангиро аз нигоҳи маънӣ аз ҳар ҷиҳат зарифу обдор намудааст ва намунаҳояш ҳам хеле зиёд аст.

Дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ вобаста ба мавзӯъу муҳтавоҳояшон ҳамчунон санъати бадеии киноя ба қадри лозима истифода гардидааст. Кинояҳои истифоданамудаи шоир дар абёти алоҳидаи қасидаҳои ӯ омада, суханашро намакину дилнишин ва пурмаънӣ намудаанд. Дар луғати «Фарҳанги форсӣ» тафсири киноя ба таври зайл дода шудааст: «Киноя аз мусаммим шудан барои анҷо- ми коре омода ва муҳайё ва мустаид шудан барои кор» [55, 39], яъне ба коре тайёр шудан, ба иҷрои коре миён бастан бошад. Ин иқтибос аз китоби Тӯрақул Зеҳнӣ гирифта шуд. Худи Т. Зеҳнӣ бошад, таърифи кинояро чунин овардааст: «Киноя маънои зид ва мухолифро қасд карда гап задан ва ба ибораи дигар мурод акси гапи гӯянда аст. Масалан, бахубӣ баҳс карда бадиро ифода кардан ва аз бадӣ баҳс карда, нағзиро фаҳмонидан киноя аст [56, 134].

Масалан, «шери аҷал» дар ин байти шоир киноя аз марг аст:

**Шери аҷал** шикори ҳасуди ту мекунад,
Сайдаш ҳалол бод, ки калби муаллам аст. [11, 144]

«Нилиқафас», киноя аз осмони кабуд:

Тӯтии шаккарситони нутқ, гӯ, ором гир,
К-андар ин нилиқафас ҳангоми гуфторе намонд.[ 11, 9]

Ҳамчунон дар қасидаҳои шоир калима ва таркибу ибораҳои «Шери фалак»- киноя аз офтоб; «болобаланд»- киноя аз дилбарони мағруру саркаш; «остин бар задан»- киноя аз кореро ба анҷом расонидан; «Саги дар»- киноя аз хизматгори содиқ; «девори ғайрат» киноя аз боварӣ; «дуди дил» киноя аз сӯзу гудоз, ғаму ғусса; «дар гил будани пой» киноя аз побанд будан; «Мисри карам» киноя аз саховатмандӣ; «оташи теғ» киноя аз сӯзиш ва буррандагӣ; «чашмаи равшан» киноя аз офтоб; «лаъл» киноя аз лаб; «лӯлизани сапедафурӯши шаб», киноя аз моҳтоб; «нигорхонаи Чин» киноя аз ҷойи сернақшу серсурат; «шердил» киноя аз далер, шуҷоъ; «булбули минбарнишин» киноя аз суханвари тавоно ва ғайра бори маънӣ кашида, шеъри шоирро гӯшнавозу рангин ва дилнишин кардаанд. Ин ҳама дар маъниофарии қасидаҳои шоир саҳм дошта, ба бурунмоя ва дарунмояи зебоишиносии ин жанри эҷодиёти ӯ таъсири амиқ гузоштаанд. Ҳамин аст, ки эҷодкор бовиқор гуфтааст:

Андалеби хушнавоям, гар ҷаҳон сардӣ кунад,
Лавҳи асрори маъонӣ бас бувад гулзори ман. [11, 416]
Ва ҷои дигар мегӯяд:
Мулки маъниро манам соҳибқирони назму наср…[ 11, 428]

Сайфи Исфарангӣ дар қасидаҳояш барои мазмунсозию маъниофарӣ аз санъатҳои бадеӣ хеле бисёр истифода намудааст, ки мисолҳои дар боло овардашуда, кам бошанд ҳам, баёнгари андешаанд. Зиёда аз ин шоир дар эҷодиёташ, бахусус қасоидаш, аз санъатҳои дигари бадеӣ, монанди сифатчинӣ, саволу ҷавоб, такрор, тазоду муқобила, назми мусаҷҷаъ, такрор ва ғайра бамавқеъ кор гирифтааст, ки боиси пурқувваттар шудани таъсири тасвир гардидаанд. Мисоле барои санъати такрор, ки дар он калимаи «ба» ба дараҷаи матлуб дар ҷояш такрор ёфтааст:

**Ба** шакарпошии ёқути лабаш,

**Ба** маҳороии зулфи чу шабаш.

**Ба** вафодории ҷон дар ҳавасаш,

**Ба** ҷигархории дил дар талабаш,

**Ба** дили ғамзадаи ман, ки шудаст

Сояпарвардаи нозу тарабаш.

**Ба** сару кори гираҳ дар гираҳам,

**Ба** сару кори аҷаб дар аҷабаш.

**Ба** маҳе, ки расиди давр надид

Осмон бастаи раъсу занабаш…

**Ба** шакархандаи он писта, ки ҳаст

Мояи хушнамакӣ дар рутабаш.

**Ба** гуҳаргоҳи сиришкам, ки кунад

Акси он лаъл зи марҷон салабаш…

Ки чу меҳ аст дили ман, дар вай

Аз дағоҳои ғами булаҷабаш… [11, 288]

Аввал ин ки ин таҷаззули шоир ба садр Ихтиёриддин Амиди Ҳабаш [11, 288-289] бахшида шуда, муҳтавои қасида он аст, ки садри мазкур агарчи сахтгир, пурғазаб, сарвари ба зердастон ҷабру ҷафоро раводоронда ва дар кор ҷиддӣ тасвир ёфта бошад ҳам, вале дар адолату ҳақиқат миёни ҳамнавъон дастболо нишон дода шудааст (Мекунад ҷавру валекин бикунад – Адл дастур ба ҳисбат адабаш). Рӯ меорем ба мисоли иқтибосшуда, ки дар он пеш аз ҳама санъати такрир устокорона корбаст гардидааст. Баъдан, таваҷҷуҳ менамоем ба мисраи дувуми байти аввал, ки дар он калимаи «моҳ» ба сифати истиора омада, тасвири ҷолиберо сохтааст. Дар ин ҷо «маҳ» рӯй аст ва давоми мисраъ «зулфи чу шабаш» ташбеҳи равшан аст. Ин таври баёни «моҳу зулфу шаб» бешубҳа офаридаи табъи баланди Сайфи Исфарангӣ аст. Байти чаҳорум низ ҷолибу ҷаззоб ва сазовори сифати мамдӯҳ гуфта шудааст. Калимаи «лаъл»-и байти ҳафтум низ истиора шуда омада, соҳибистиора «лаб» мебошад.

Мисоле барои шеъри мусаҷҷаъ, ки дар он «сафдар» бо «сарвар» саҷъ шуда омадаанд:

Сафдаронро ханҷару бозу шикаст,

Сарваронро ханҷару бозу намонд. [10, 8]

Мисоли дигар барои шеъри мусаҷҷаъ:

Миррих ашҳаб **тохта,** бар тир шамшер **охта,**

Шоҳини мизон **сохта** дар неши ақраб ошён. [11, 410]

Дар ин ҷо **тохта, охта**, ва **сохта** дар як байт саҷъ шуда омадаанд.

Барои Сайфи Исфарангӣ санъати бадеии тазоду муқобила низ дар маънисозӣ аз санъатҳои дӯстдошта будааст:

Бас дар шаби дароз, ки ман хун гиристаам,

Дар оташи ҳавои ту то рӯз чун кабоб. [10, 21]

Мисоли дигар:

Чӣ гуна об, ки афрӯхт аз намаш оташ,

Чӣ оташе, ки фузун гашт аз шарораш об. [11, 130]

Аз мутолиаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ бармеояд, ки шоир дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар баробари истифода аз санъатҳои бадеии дар шеъри замонаш роиҷ, ҳамчунон бо истифода аз калима ва ибораву таркиботи нав, ки аксар зодаи табъи худи ӯянд, таҳаввули маънавӣ ва ҳунари шоиронаашро афзудааст. Вай дар ин самти эҷод ба таъбири худаш, «дили маънинигор» ва «шеъри тар» (3-оби азби равони шеъри тарам – Баҳри хушки арӯз Ҷайҳун бод) дорад, ки мақбули ҳамагон аст. Ба ин маънӣ, калима ва таркибу ибораҳои «Симурғи ваҳм», «дарёдил», «суратнамо», «ҷони маънинигор», «Мисри карам», «Шери гардун», «Гулшани Санъо», «ҷоми лаб», «аҳди Сулаймон», «хӯшаи ангур», «хасми заиф», «тӯтии хушмақол», «чамани ишқ», «лавҳи асрори осмонӣ», «нафаси субҳ», «фироқи дилафрӯз», «говсор», «мурғи андеша», «дасти муҳит», «маҷлиси унс», «дастхуши лафз», «ҳилоли нусрат», «офтоби ҷоҳ», «сабзазори чарх», «корномаи мулк»,

«шаробхонаи нӯш», «шеъри баландминбар», «атсаи сурохӣ», «тобонрасан», «насими ҷоми ваҳдат», «шаклнигор», «ҷайби субҳ», «тӯтиёни мантиқомӯз», «пардаи висол», «заҳри аҷал», «ҷони ширин», «бӯи ганҷ» ва ғайра табъи гӯяндаро рангин ва каломи ӯро ширину хушгувор намудаанду намоёнгари эҷодкори асил буданаш мебошанд. Шоир дар як қасидааш маҳфилоройӣ ва маҷлиссозии мамдӯҳашро бо маънии баланду хотирписанд чунин васф кардааст:

Аз лутфи маҷлиси ту кайфиятест зоҳир

Дар **бод** рӯҳбахтӣ, дар **бода** хушгуворӣ. [11, 457]

Сайфи Исфарангӣ дар баробари илҳом гирифтан аз бузургони қасидасарои пешин ва тозабаёниҳои килки сеҳрангези худ дар гуфтани қасида аз эҷодиёти халқ низ самаранок истифода намудааст, ки ҳунари маъниофарии ӯро афзудаанд.

Чунончи, шоир таъбири халқии «дарду дармон»-ро дар шеъри худ ҷой дода мегӯяд:

То ки бошад дар забони халқ соир ин масал,

К-он фалонро дард буд, аммо ба дармон тоза шуд.[ 11, 205]

Дар байти зер зарбулмасали халқии «Душманат гар пашша бошад, камтар аз пилаш мадон»-ро шоир бо ин мазмун баён намудааст:

**Хасми** заиф агарчи ки мӯр аст, **аждаҳост**

Мори парӣ агарчи сапед аст, асвад аст. [11, 142]

Мақолу зарбулмасалҳо, калимаву таркибҳои зидмаъно ва афформзмҳои дар қасидаҳояш истифодакардаи шоир маснӯӣ набуда, табииянд ва бардошт аз ҳаёт мебошанд ва дар ҳар маврид ҳақиқати ҳолро баён намудаанд, монанди «мор дар ганҷхона» (Ҳар ҷо ганҷест, қулфи онро – Мифтоҳаш дар даҳони мор аст), «нӯшу неш» (Занбӯр, ки нӯш зодаи ӯст – Аз суҳбати неш сӯгвор аст), «меҳру кин» ва «хавфу раҷо» (Ба меҳру кини ту дар асл хилқат ар н-ояд, - Миёни хавфу раҷо корзор бархезад), «зӯру зор» (Бар фалак чун

назаре нест сӯйи бешаи ӯ – Шерро аз саги ҷаббор чӣ ҷои шағаб аст). Дар мисоли охир он маъно кушода мегардад, ки зулм метавонад бузургтарин қудратро аз пой афтонад.

Сайфи Исфарангӣ дар баробари ин бо истифода аз калимаҳои ҳаммонанди гуногуншакл (омонимҳо) ҳам аз такрорҳо канорагирӣ кардаасту ҳам таркиби луғавии ашъорашро ғанӣ гардонидааст. Вай дар баробари калимаи **дунё** калимаҳои **ҷаҳон, гетӣ, олам, чарх, пири зол, сипеҳри пир, кайҳон;** калимаи **офтоб** калимаҳои **хуршед, хур, шамс, меҳр;** калимаи **пиёла** калимаҳои **ҷом, қадаҳ, соғар, мино, коса, аёғ**; калимаи **ғам** калимаҳои **андуҳ, кулфат, ғусса, ранҷ, машаққат, заҳмат, меҳнат**; калимаи **чашм** калимаҳои **басар, наргис, дида, назар;** калимаи **хома** калимаҳои **қалам, сарир, килк**; калимаи д**ушман** калимаҳои **хасм**, **рақиб, адӯ, ҳариф, бадхоҳ** ва ғайраро ба кор мебарад, ки ин калимаҳои синонимӣ дар худ тобишҳои гуногуни маъонӣ доранду онҳо бо тақозои вазн оварда шаванд ҳам, дар навбати сонӣ барои такрор нашудани калима истифода гардидаанд.

Чунончи:

Дар он замон, ки ба савдои озмуни сабӯҳ
Ба бӯйи **соғари** май бодахор бархезад.
Зи соқиёни муарбад миёни маҷлиси унс
Чунон зи ҳар тарафе гирудор бархезад,
Ки аз сародиқи минои сабза наргиси маст
**Пиёла**дор ба узри хумор бархезад. [11, 172]

Мисолҳои дигар:

То бихусбад бахти **душман**, давлати бедори ту
Дар гаҳи меҳнат зи лояш ҳашви болин мекунад.
[11, 211]
Аз хирасарӣ агар сар афрохт
**Бадхоҳи** ту як замон чу озар. [11, 252]

Гар **адӯ** дар ту кунад таън, аз он гарм машав,

Қуввати шери арин таъбил дар тобу таб аст.[ 11, 167]

Эй хуфта, хез, узри гуноҳи гузашта хоҳ

В-эй **дида**, ашк дар ғами ёрони рафта бор. [11, 243]

Чун **чашм**ҳои сурати девор монда боз

Дар интизори хидмати ту шамъи рӯзгор. [11, 244]

Зимни қасидаҳо андешаҳои ҳакимона ва панду ахлоқии шоир дар мазмунсозиву маъниофарӣ мавқеи вижа доранд. Эҷодкоре, ки чандин дарбору даргоҳи шоҳу мансабдорони замонро дидаву худ ғурбати зиёдеро аз сар гузаронидааст, албатта аз каму кост, баду нек, шодию ғам, дорою банда, гармию сардии зиндагии вақт огоҳии тамом дошт ва дидаю шунидаҳояшро низ бамаврид дар қасидаҳояш ҷой додааст:

Ошиқӣ, мафкан сипар аз ҳамлаи ғавғои ҳиҷрон,

Сусттире бошад он, к-ӯ бори пайкон барнадорад. [11, 189]

Мол ба нокасон диҳанд ахтару осмон, вале

Туъмаи саг кунанд низ аз ҷигари ғазанфарон. [11, 376]

Ту гавҳари он дорӣ, зар бахшу ҳунар мехар,

К-аз беҳунарӣ бошад зар дӯст, ҳунар душман. [11, 369]

Тавре ишора рафт, дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ калимаҳои таърихӣ, асотирӣ, динӣ, калимаву ибораҳои нави гуногун дар алоқамандӣ бо санъатҳои бадеӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки ифодакунандаи захираи луғавии забони шоир мебошанду баёнгари услуби хоси ӯст. Ин нишондиҳандаи он мебошад, ки вай ҳамаи он унсурҳои санъат ва воситаҳои бадеии анъанавие, ки то замонаш дар адабиёти бадеӣ дар истеъмол буданд, эҷодкорона ва муваффақона инкишофу тақвият дода, аз фахрияҳои

шоиронааш бармеояд, ки мавсуф доир ба илми поэтика (санъати сухан) бархурдор буда, тозабаёниҳои назаррасе дорад.

Ниҳоят, таҳқиқу баррасии қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ баёнгари онанд, ки офаридаҳои шоир тавассути корбурди саноеъи бадеӣ, ишорат ба ашхоси асотирию таърихӣ, ёди қиссаву достонҳои пайғамбарон ва ғайра мазмунофариҳое аз худ нишон додаасту он ҳама ба таҳаввули маънавӣ ва ҳунари шоирии суханваранд. Сайфи Исфарангӣ бо истиқбол аз шеваи баён ва устокорона ба кор гирифтани калимаву таркибу иборахо ба ғанои каломи мавзун муваффақ шуда, мақом ва ҷойгоҳи хосаи вайро дар қасидасарой муайян намудаанд. Зиёда аз ин, дар коргоҳи тахайюл ва андешаҳои маънинигории шоир офаридаю самбулҳои мустаъмали шеъри тоҷикии форсӣ огоҳона истифода шуда бошанд, боз ҳам навҷӯӣ ва навгониҳои ӯ аз ҳунари беназир ва диди баландаш гувоҳӣ медиҳанд. Умуман, ҷойи таъкид аст, ки мафҳумҳову вожаҳо, таркибу ибороти шоирона ба ҳадде ба мазмунбандиҳои ӯ коргар омадаанд, ки дар саросари қасидаҳояш, агарчи асосан мадҳиянду ба мамдӯҳони алоҳида равона карда шудаанд, бӯю таровати маъонии бикр машомҳоро муаттар месозад.

# ХУЛОСА

Аз таҳқиқу баррасии масъалаҳои меҳварии диссертатсияи илмӣ бармеояд, ки воқеан Сайфи Исфарангӣ яке аз суханваронии номии адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад, ки ҳарчанд мероси гаронмояи адабӣ аз ӯ боқӣ мондааст, аммо асосан дар қасидасаройӣ маъруфияти тамом касб намудааст. Баҳсу баррасиҳои илмии анҷомдода моро ба натиҷаҳои муайяне мерасонанд, ки онҳоро ба ҳукми хулосаҳои диссертатсия ин ҷо тазаккур медиҳем:

1. Сайфи Исфарангӣ яке аз шоирони шинохтаи адабиёти тоҷикии форсии замони инқирози давлати Салҷуқиён ва сари ҳокимият омадану ҳукмронии муғулҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон ба шумор рафта, бо мероси гаронмояи адабии худ дар таърихи адабиётамон мавқеи намоёнеро касб намудааст. Замони зиндагии суханвар, ки ба чаҳоряки охири асри XII ва нимаи аввали асри XIII рост омада, аз давраҳои ниҳоят ноороми Мовароуннаҳру Хуросон ва бо сабаби ҳуҷумҳои ғоратгаронаи муғулҳо ба майдаҳукмрониҳо тақсим шудани ин манотиқ дониста мешавад. Муҳаммад Хоразмшоҳи баъди Салҷуқиёни бузург ба сари тахт нишаста, натавонист бо муғулҳои ғаддор муқовимат намояд, зеро ҳанӯз дар замони ӯ кишвар ба зери ҳукмронии ҳокимони маҳаллӣ ва садрҳои гӯё дастгиру мададгори Хоразмшоҳ тақсим шуда, ин на ба муттаҳидӣ, балки ба парокандагии давлат оварда расонида буд. Яке аз сабабҳои асосии ба ҳуҷуми муғулҳо тоб оварда натавонистани Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ аз ҳамин иборат мебошад.

2. Дар бораи он ки зодгоҳи шоир имрӯза шаҳри Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба номи Исфаранг ёд мешуд, ҷойи баҳс нест. Соли таваллудаш дар аксар маъхазҳои ба замони ӯ наздик соли 1275-1276м. нишон дода шудааст, ки мо ҳам онро қабул дорем. Сайфи Исфарангӣ таҳсили илмро асосан дар Самарқанду Бухоро фаро гирифта, хотири гиро ва завқи баланд доштааст. Вай баробари ба камоли суханварӣ расидан, бо тақозои давру

замон, барои дарёфти шухрати эҷодӣ рӯ ба дарбор мениҳад. Замона тақозо менамояд, ки ӯ дар давоми умри дарози худ роҳи ноҳамвор, пурпечутоби зиндагониро тай намуда, бори мусофирӣ кашад ва мутеъи як дарбор нашуда, озодандешона барои гузаронидани рӯзгори худ дари чандин ҳокимони маҳаллӣ ва садрҳоро кӯбаду мадҳи эшонро гӯяд.

3. Дар заминаи омӯзиши «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ, маъхазу сарчашмаҳои адабию таърихии мавҷудаву дастрас ва диссертатсияву мақолаҳои таҳқиқотии ба рӯзгору мероси адабии ба вай бахшида бармеояд, ки аз суханвар осори зиёди манзуму мансур боқӣ мондааст. Ҳарчанд то кунун дар бораи то замони мо нарасидани мероси осори насрии шоир сухан мерафт, аммо ахиран аз як маҷмӯи ҷунги маҳфуз дар китобҳои Аёсуфиёи Истамбули Туркия, ки бо шумораи, „ „ маҳфуз аст, як нусхаи хаттии китоби насрии ӯ пайдо шуд, ки дар он инчунин намунаҳое аз дигар анвои осори насрии вай низ ҷой доранд.

4. Бояд гуфт, ки аз ин суханвари тавонои исфарангӣ «Девон»-и ашъораш то замони мо дар шакли нусхаи хаттӣ омада расидааст, ки имрӯз дар бузургтарин китобхонаҳои кишварҳои олам, аз ҷумла Покистон, Эрон, Ҳиндустон, Тоҷикистон маҳфуз мебошанд. Ҳарчанд девони шоир ба таври комил дар Тоҷикистон таҳия ва нашр нагардида буд, аммо соли 2017 бо кӯшиши адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик Субҳони Аъзамзод матни комили ин девон дар асоси нашри анҷомдодаи муҳаққиқи покистонӣ Зубайда Сиддиқӣ таҳия ва интишор ёфт.

5. Мероси адабии Сайфи Исфарангӣ дар жанрҳои қасида, ғазал, қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд ва рубоӣ иборат буда, дар байни онҳо қасида мавқеи асосиро ташкил менамояд. Зимни девони таҳиянамудаи Зубайда Сиддиқӣ, ки маъхази асосии кори мо маҳбус меёбад, адади қасидаҳои шоир 198-то (7494 байт), қитъаҳояш 163 адад (1813 байт), ғазалиёташ 112 адад (1225 байт), таркиббанду тарҷеъбандҳояш 14 адад (940 байт) ва рубоиёташ 240 адад (480 байт)-ро ташкил додаанд, ки ҷамъан 11889 байтро ташкил мекунанд.

6. Сайфи Исфарангӣ дар навбати аввал шоири қасидасаро аст ва қисмати зиёди ашъори ӯро қасида ташкил мекунад. Қасидаҳои шоир аз ҷиҳати сохт ва нигаҳ доштани чаҳорчӯбаи авзони гуногуни баҳрҳои арӯзи тоҷик дар шакли анъанавии ин жанр эҷод гардидаанд. Ин аст, ки Сайфи Исфарангӣ на ба ҳисоби ҳаҷму миқёси қасида, балки пеш аз ҳама ба ҳисоби васеъ шудани доираи мавзӯъ ва амиқтар гардидани муҳтавою маънии назм таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

7. Сайфи Исфарангӣ дар қасидаҳои худ, ки аксар мадҳиянд, мамдӯҳони худро ситоиш намудааст, ки шумораи онҳо аз 100 адад мегузарад. Дар баробари ин вай дар заминаи сурудани чунин қасидаҳо ба онҳо камбудиҳои замон, беадолатии ҳокимон, ба қадри ҳунарманд ва ҳунари асил нарасидани иддае аз онҳо, бечорагию бенавоии халқи мазлум, зулму тааддии золимон ва ғайраро бозгӯй менамояд ва эшонро ба сӯйи илму дониш, раъиятпарварию саховатмандӣ, адлу инсоф даъват менамояд.

8. Мавзӯи зинати баҳор, дамидани субҳ, тобиши офтоб, ишқи зиндагӣ, расидани шаб, осмону моҳу ситорагон ва ғайра қасидаҳои мадҳии суханвари номварро хеле ҷолиб намудаанд. Аз 198 қасидаи шоир 40 адад тағаззулҳояш танҳо ба дамидани субҳ бо тобишҳои гуногун ва бо диди баланди шоиронаи ӯ офарида шудаанду дар вуҷуди худ як ҷаҳон маъниро гунҷонидаанд.

9. Мақсуди Сайфи Исфарангӣ аз шеър гуфтан мазмунсозиву маъниофаринӣ ба шумор меравад. Вай барои ба ин нияти волои худ расидан, дар баробари дида тавонистани манзараю дарёфтани мавзӯъ ба калима, таркиб, иборaҳо, воситаҳои тасвири бадеӣ, сухани ноб, шаклу услуби баён, устокорона ёд кардан аз чеҳраҳои тобони адабу ҳунар, пайғамбарону шоҳон, сарвару саркардаҳои маъруф, донишмандону суханварони номӣ эътибори ҷиддӣ додааст. Талмеҳоти истифоданамудаи шоир дар мазмунсозию маъниофарии ӯ мавқеи вижа доштаанд.

10. Таваҷҷуҳи амиқи шоир ба масъалаи мазмунсозӣ ва маъниофарӣ ба вай имконият додааст, ки андешаҳои хешро дар бораи шеъру шоирӣ ва

афкори адабӣ-танқидӣ ба ин восита баён намояд. Шоир дар навбати аввал сухани такрор ва хушку берӯҳро шеър намешуморад ва ҳатто бар ин матлаб ишорат ҳам дорад, ки агарчи қолиб ва сурати шеър умумияте ба ҳам доранд, аммо фарқияти шеъри асил аз шеъри ғайри қобили қабул мисоли нағмаи булбул ва шарфаи санги осиё ба шумор меравад. Дар канори ин, зимни муқобала ва қиёси сурудаҳои хеш бо дигарон низ шоир ба масъалаи асолати шеър ва рисолат шоир низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

11. Аз қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ва таҳқиқи сабки таълифи онҳо бармеояд, ки ӯ барои офаридани маъонии нав ё тозабаёнӣ аз услуби матин ва тахайюлоти бои шоирона кор гирифтааст. Шоир барои маънии бикр дар қасидаҳояш бо забони шевою равон калимаю ибораҳое месозад, ки аксарият маҳсули тахайюл ва ҳунари шоирии ӯ буда, онҳо тавассути шоир ба хазинаи луғавии забони тоҷик ворид гардидааст. (рӯздуздӣ, шабафрӯз, говсор, саҳрои ишқобод, хасми уштурдил, чашми равшан, девори ғайрат, лӯлизани сапедафрӯзи шаб, дарёдил, шеъри тар, торикчашм, дили маънинигар, хасми заиф ва ғ).

12. Нававариҳои Сайфи Исфарангӣ дар мазмунсозию маъниофарӣ аксар дар сохтани ташбеҳу истиорот, талмеҳу киноёт ва дигар санъатҳои бадеии истифоданамудаи ӯ ба мушоҳида мерасад. Истифода аз матолиб ва мазмунҳои дар китобҳои осмонии динӣ, монанди «Забур», «Таврот», «Инҷил» омада ва зиёдатар аз ҳама баҳрагирӣ аз оёти «Қуръон»-у аҳодиси набавӣ дар таҳаввули маъниофарӣ ва мазмунсозии шоир нақши муассир гузошта, аз он дарак медиҳанд, ки шоир барҳақ дар офариниши маъниҳои бикр шеваҳои мухталиферо ба кор гирифтааст, ки истифода аз талмеҳоти қуръонӣ ва дигар анвои талмеҳ, чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавӣ дар миёни онҳо ҷойгоҳи махсусеро соҳибанд.

# КИТОБНОМА

## I. Маъхаз ва сарчашмаҳо


[1]. **Азимободӣ Ҳусайнқулихон**. Ништари ишқ / Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Нусхаи қаламии фонди осорхонаи А.Н. Семёнови Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 88.

[2]. **Алӣ Воҷид**. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун / Воҷид Алӣ. Чопи Ҳиндустон, сангӣ, 1908. - 400 с..

[3]. 3.**Балхии Румӣ Ҷалолуддин**. Мунтахаби рубоиёт/ Ҷалолуддини Балхии Румӣ. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Маориф, 2014.- 400 с.

[4]. **Бурҳон Муҳаммадҳусайн**. Бурҳони қотеъ. Ҷилди1 / Муҳам-мадҳусайни Бурҳон. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳрасти Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1993. - 416 с.

[5]. **Ватвот Рашидаддин**. Девон бо китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» / Рашидиддини Ватвот. – Теҳрон, 1339.-240 с.

[6]. **Гулшани адаб.** Намунаи назми форсу тоҷик. Асрҳои XIII-XIV/ Тартибдиҳандагон Камол Айнӣ, Аълохон Афсаҳзод, Ҷобулиқои Додалишоҳ. – Душанбе: Ирфон, 1975. –С. 93-103.

[7]. **Ғиёсиддин Муҳаммад**. Ғиёс-ул-луғот/ Муҳаммад Ғиёсиддин. Чопи Ҳиндустон, сангӣ, 1912.- С. 339.

[8]. **Зиё Садр**. Тазкираи мутақаддимин ва салотини муосирин ва бузургони мутаваллидин / Садри Зиё. Нусхаи қаламии захираи дастхатҳои Шарқии ба номи ак. А. Мирзоеви АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами 2193, вароқи 277а-277б.

[9]. **Исфарангӣ Сайф.** Нусхаи дастхати рақ. 59-и Ганҷинаи дастхатҳои шарқии ба номи ак. Абдулғанӣ Мирзоеви АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[10]. **Исфарангӣ Сайф**. Мунтахаби ашъор / Сайфи Исфарангӣ. Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Лола Сулаймонова. – Душанбе:

Дониш, 1978.-128 с.
[11]. **Исфарангӣ Сайф.** Девон/ Сайфи Исфарангӣ. Тасҳеҳ ва таҳқиқи дуктур Зубайда Сиддиқӣ. – Мултон, Покистон. Бидуни соли нашр. – 752 с.
[12]. **Исфарангӣ Сайф.** Девон. Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, луғот ва тавзеҳот Субҳони Аъзамзод. -Хуҷанд: Хуросон, 2017. – 832 с.
[13]. **Исфарангӣ Сайф.** Гулчини ашъор. Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, луғот ва тавзеҳот Субҳони Аъзамзод. -Хуҷанд: Хуросон, 2017. –с.
[14]. **Каталог восточных рукописей** Академии наук Таджикской ССР Том II. Под редакцией и при участии академика АН Таджикской ССР, профессора А.М. Мирзоев и профессора А.Н. Болдырева. – Душанбе: Дониш, 1968. – С. 99-100.
[15]. **Қабулмуҳаммад.** Ҳафт қулзум. Чопи Ҳиндустон, сангӣ. Ҷилди ҳафтум, 1231ҳ. - С.127.
[16]. **Лудӣ Шерхон ибни Алӣ Амҷадхон**. Миръот-ул-хаёл / Шерхон ибни Алӣ Амҷадхони Лудӣ. Нусхаи қаламии захираи дастхатҳои Шарқии ба номи ак. А. Мирзоеви АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 1996.
[17]. **Мирхонд**. Чингизхоннома. – Париж, 1841. – С. 110-140.
[18]. **Озар Лутфалибек**. Оташкада / Лутфалибеки Озар. – Бомбай, 1299 ҳиҷрӣ. – С. 307 -308.
[19]. **Розӣ Амин Аҳмад.** Ҳафт иқлим / Амин Аҳмади Розӣ. Нусхаи хаттии захираи дастхатҳои Шарқии ба номи ак. А. Мирзоеви АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 661.
[20]. **Розӣ Шамси Қайс**. Ал-мӯъҷам /Шамси Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991-464 с.
[21]. **Самарқандӣ Давлатшоҳ**. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
[22]. **Самарқандӣ Низомии Арӯзӣ**. Чаҳор мақола / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов. – Хуҷанд:

Ношир, 2015.-192 с.
[23]. **Сафӣ Фахриддин Алӣ.** Латоиф-ут-тавоиф. – Теҳрон, 1336.-С.279.
[24]. **Сомӣ Шамсуддин**. Қомус-ул-аълом / Шамсуддини Сомӣ. – Истамбул, 1989. - С.2764-2767.
[25]. 23.**Тӯсӣ Асадӣ**. Луғати фурс / Асадии Тӯсӣ. Муқаддима, таҳия, таълиқот, ҳошия ва феҳристи Нурулло Ғиёсов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015.- 492 с.
[26]. **Тӯсӣ Насируддин**. Меъёр-ул-ашъор / Насируддини Тӯсӣ. – Теҳрон. Чопи сангӣ, 1355ҳ. – С.26.
[27]. **Фаррухободӣ Муҳаммад Абдулғанихон Соҳиб**. Тазкират-уш-шуаро / Муҳаммад Абдулғанихон Соҳиби Фаррухободӣ. Ба эҳтимоми Муҳаммад Муқаддирхони Шарвонӣ. – Алигарх, 1614. -567 варақ.
[28]. **Ҳидоят Ризоқулихон**. Маҷмаъ-ул-фусаҳо / Ризоқулихони Ҳидоят. Ҷилди аввал. – Теҳрон, 1295 ҳиҷрӣ. – С. 251-253.
[29]. **Ҷомӣ Абдураҳмон**. Баҳористон / Абдураҳмони Ҷомӣ. Таҳияи чоп, муаллифи сарсухан ва шореҳи луғату тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 1987-160 с.
[30]. **Ҷомӣ Абдураҳмон**. Осор. Дар ҳашт ҷилд. Ҷилди ҳаштум / Абдураҳмони Ҷомӣ. Мураттибон Абӯбакр Зуҳуриддинов, Алӣ Муҳаммадиев, Асрор Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1990. – С. 133-150.
[31]. **Шоирони Мовароуннаҳр** (Аз Рӯдакӣ то Айнӣ). Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2006.- 608 с.

## II Осори илмӣ ва соҳавӣ

[32]. **Абдуллоев А**. Заҳири Фарёбӣ / Аҳмад Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1974 .-226 с.
[33]. **Абдуллоев А.** Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI / А. Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1979. - 288 с.

[34]. **Абдуллоев А., Саъдиев С**. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII / Аҳмад Абдуллоев, Садрӣ Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986.-262 с.

[35]. **Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV.** Қисми якум / Е.Э. Бертельс, А.Е. Бертельс, А.Н. Болдырев, М.Н. Усмонов, Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1976. – 248 с.

[36]. **Айнӣ К.** Қасида дар осори Рӯдакӣ / К. Айнӣ // Дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Ирфон, 1988. С.4-10.

[37]. **Айнӣ С.** Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик / Садриддин Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 3. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷи-кистон, 1963.-276 с.

[38]. **Айнӣ С**. Намунаи адабиёти тоҷик / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010.- 448 с.

[39]. **Акумишкин О.Ф**. К вопросу традиции жанра искуственной касиды в персидской поэзии / О.Ф.Акумишкин. – М.: Наука, 1971. – С. 158-166.

[40]. **Амирзода Субҳон**. Назарияи мадҳ ва қудсияти шеъри Рӯдакӣ / Субҳон Амирзода. Устод Рӯдакӣ – аввалин шоири номӣ ва ҷаҳонӣ. – Душанбе: Матбаи ДМТ, 2015. – С.31-45.

[41]. **Афсаҳзод А**. Низомии Ганҷавӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1995.-208с.

[42]. **Афсаҳов А**. Сайфи Фарғонӣ / А. Афсаҳов. – Душанбе: Дониш, 1976.-139 с.

[43]. **Афсаҳов А**. Талмеҳ / А. Афсаҳов// Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. – Душанбе: Сарредакцияи илмии энцикло-педияи миллии тоҷик, 2004 . – С.165-166.

[44]. **Бартольд В.В.** Туркистан в эпоху монгольского нашествия / В.В. Бартольд. – Т.2- Спб., 1900. – 573 с.

[45]. **Белинский В.Г.** Чанд мақола. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1961.-88 с.

[46]. **Бертельс Е.Э**. Курс истории персидской литературы (конспект лекций /

Е.Э. Бертельс. Сбор студ Г. Птицином. – 1936.-С.17.
[47]. Браун Э. Таърихи адабиёти Эрон / Эдвард Браун. Тарҷума ва таҳия ва таълифи Алипошо Солеҳ. Ҷилди 1. –Теҳрон, 1332. –С. 127.
[48]. Бобосафарӣ Алиасғар, Насрӣ, Гулпар. Сайфи Исфарангӣ ва асарпазирии вай аз Хоқонӣ. Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, шумораи 66, зимистони 1388, саҳ. 19-44.
[49]. **Владимирцов Б.Я.** Общественной строй монголов. Монголский кочевой феодализм / Б.Я. Общемирцов. – Л.: Ленинград восточн. ин-т, 1934, -233 с.
[50]. **Ганҷи Исфара.** №6-7 (20-21), 2016. - 42 с.
[51]. **Ғафуров Бобоҷон.** Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
[52]. **Давруков Ш. Х**. Жанровое многообразие поэтического наследия Усмона Мухтори Газнави и его вклад в развитии жанра касиды: автор дисс…. к-та филол. наук / Шерзод Хусравович Давруков. – Душанбе, 2015. - 28 с.
[53]. **Додхудоева Л.** Низомулмулк / Л. Додхудоева // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе: Сарредакцияи илмии Энциклопедияи советии тоҷик, 1984. - С. 181-182.
[54]. **Ёҳаққӣ Муҳаммадҷаъфар**. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ. Таҳия бо шарҳу тавзеҳот ва таълиқоти Рустами Ваҳҳоб.- Душанбе: Бухоро, 2014.-748 с.
[55]. **Жуковский В.А**. Али Аухадиддин Энвери. Материалы для его биографии и характеристики. – Спб., 1883. – 448 с.
[56]. **Занд М**. Шесть веков славы / М. Занд. – М.: Наука, 1964. -252 с.
[57]. **Зарринкӯб А**. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Душанбе: Ирфон, 1992.-396 с.
[58]. **Зеҳнӣ Т.** Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷик / Т. Зеҳнӣ. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. - 2 60 с.
[59]. **Зеҳнӣ Т.** Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. -Душанбе: Адиб, 2007.- 400 с.

[60]. **Икромов И**. Абулфарачи Рунӣ ва баъзе масъалаҳои сабки ироқӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик / И. Икромов. – Душанбе: Ирфон, 1991.- 128 с.

[61]. **Икромов И**. Мақоми Анварӣ дар таърих ва инкишофи жанри қасида / Искандар Икромов. – Душанбе: И рфон, 1992.-224с.

[62]. **Икромов И.** Роль Анвари в истории процесса развития жанра касиды / И. Икромов: автореф. дис… д-ра филол. наук / - Душанбе, 1992.-58 с.

[63]. **Икромов Искандар.** Ганҷи нуҳуфта. Искандар Икромов. – Душанбе: Кишоварз, 2006. – 105 с.

[64]. **Исматов Б.** Пантеистическая философкая традиция в персидско – таджикской поэзии IX-XV вв. / Б. Исматов. – Душанбе: Дониш, 1986-257 с.

[65]. **Иқболи Оштиёнӣ Аббос**. Таърихи муфассали Эрон. Аз истилои муғул то эълони машрутият / Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Теҳрон, 1332 (ба забони форсӣ).

[66]. **Казакова У.** Қасида дар асрҳои XIII-XIV / Умриниссо Казакова. – Душанбе: Ирфон, 2006 .-164 с.

[67]. **Котинов В.В**. К проблеме литературных родов и жанров В.В. Кожиников. Теория литературы. – М.: Изд. Акад. наук СССР, 1964.- С.173-177.

[68]. **Котиков В.В.** Сютет, фабула, композиция В.В. Кожников. // еория литературы. – М.: Изд. Акад. наук СССР, 1964. – С. 406-475.

[69]. **Козарунӣ Абулқосим**. Суллам-ус-самовот / Абулқосими Козарунӣ. Нусхаи хаттии захираи Шуъбаи Санкт-Петербурги Институти Шарқшиносии АИ Руссия, рақами 684.- Вараќи 91а-92а.

[70]. **Копистянская Н.Ф.** Понятие «жанр» в его устойчивости и изменчивости / А. Ф. Копыстянская. // Контекст: 1986. Лит. теорет. ислед… - М.: Наука, 1987. – С. 178-203.

[71]. **Қосимова М.Н**. Чор унсур: маъниофарӣ, калимасозӣ (Дар асоси маводи «Маснавии маънавӣ») М.Н. Қосимова. – Душанбе: Деваштич, 2007. –

266 с.

[72]. **Крымский А.Е**. История Персии, ее литературы и дервишеской теософии / А.Е. Крымский. Т.3. – М., 1914-1917. – 504 с.

[73]. **Лихачев Д.С**. Человек в литературе древней Руси / Д.С. Лиха- чев. – Москва: Наука, 1970.-288 с.

[74]. **Лихачев Д.С**. Развитие русской литературы X-XVII вв. Эпохи и стили / Д. С. Лихачев – Л.: Наука, 1973.-254 с.

[75]. **Лосев А.Ф**. Философия, мифология, культура / А.Ф. Лосев. – М.: МГУ. 1991.-525 с.

[76]. **Лотман Ю.М**. Анализ поэтичесого текста. Структура стиха / Ю.М. Лотман. – Л.: Просвещение, 1972.-272 с.

[77]. **Мирзоев А.** Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV / Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1957. – 78 с. (ба забони форсӣ).

[78]. **Мирзоев А**. Сездаҳ мақола /А. Мирзоев – Душанбе: Ирфон, 1977.-288 с.

[79]. **Мирзозода Х.М**. Основные вопросы идейно-эстетического развития таджикской советской поэзии двадцатых годов: автореф. дис… д-ра филол… наук / Х.М. Мирзозаде. – Сталинобод, 1957. – 46 с.

[80]. **Мирзозода Х**. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992.-240 с.

[81]. **Мирҳусайнӣ С.М**. Таҳлил ва баррасии бархе киноёҳо девони Маъсуди Саъд/ С.М. Мирҳусайнӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2010, №4. – С. 180-183.

[82]. **Мосиньон А.** Методы художественного выражения у мусулманских народов / А. Мосиньон. // Арабская средневековая культура и литература. – М.: Наука, 1978. – С.-36- 49.

[83]. **Муллоаҳмадов М**. Фаррухии Сиистонӣ / Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: Маориф, 1978.-142 с.

[84]. **Муллоаҳмадов Мирзо.** Фаррухии Сиистонӣ / Мирзо Муллоаҳмадов. - Душанбе: Дониш, 1978.-144 с.

[85]. **Мусулмониён Р**. Назарияи адабиёт /Раҳими Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990.-334 с.

[86]. **Мусулмонқулов Р**. Маҳфуми «қасида» дар сарчашмаҳои назарии асрҳои XI-XV / Р. Мусулмонқулов // Ахбороти Шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон. – 1979. №4/98. - С. 57-75.

[87]. **Мухторов А., Раҳматуллоев А**. Таърихи халқи тоҷик. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди аввал / Абдусаттор Мухторов, Асламшоҳ Раҳматуллоев. – М.: ООО Интрансдорнаука, 2002.- 384 с.

[88]. **Муътаман Зайнулобиддин**. Шеър ва адаби форсӣ /Зайнулобиддин Муътаман. – Теҳрон, 1332 ҳ.

[89]. **Муътаман Зайнулобиддин**. Таҳаввули шеъри форсӣ / Зайнулобиддин Муътаман. – Теҳрон: Бунгоҳи матбуотии Афшор, 1346. – 390 с.

[90]. **Нафисӣ Саид**. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ (то поёни қарни нуҳуми ҳиҷрӣ) / Саъид Нафисӣ. – Теҳрон, 1344 (ба забони форсӣ). – 630 с.

[91]. **Никитина В.Б**. К типологической характеристике возражденческой литературы на языке форси / В.Б. Никитина // Народы Азии и Африки. – 1965. №5.

[92]. **Нурова К**. Хусусияти эстетикии ғазалиёти Файзии Даканӣ / Кубриё Нурова. – Душанбе: Матбуот, 2013.-212 с.

[93]. **Османов М.Н**. Стиль персидско – таджикской поэзии IX-X вв./ М. Н. Османова М.: Наука, 1974.-267 с.

[94]. **Петрушевский И.П**. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIV веков / И.П. Петрушевский. – М-Л., 1960.- с.

[95]. **Рашшод Муҳаммад**. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷилди 1 ва 2. / Муҳаммад Рашшод. Таҳияи Саидбеги Маҳмадулло ва Саидиён Исматулло. – Душанбе: Ирфон, 1990.-480 с.

[96]. **Раҳмонов М**. Қасоиди ахлоқӣ дар адабиёти асрҳои XIII-XIV тоҷику форс / М. Раҳмонов. – Душанбе, 1995.-150 с.

[97]. **Раҳмонов М**. Қасидаи ҳикматию ахлоқӣ дар адабиёти форсу тоҷик

(асрҳои X-XV) /М. Раҳмонов. – Душанбе, 2002.-212 с.

[98]. **Раҳмон Шоҳзамон**. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик / Шоҳзамон Раҳмон. – Душанбе: Пайванд, 2010.-310+21 с.

[99]. **Раҳмонов Ш**. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1988.-144 с.

[100]. **Раҳмонов Ш**. Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1987.-143 с.

[101]. **Рейснер М.Л**. Персидская касиды в домонгольский период (X-XIII вв.) автореф, дис… канд-а филол, наук /М.Л. Рейснер. – М.: Наука, 1996.-35 с.

[102]. **Рибка Ян**. Таърихи адабиёти Эрон /Ян Рибка. Тарҷумаи дуктур Исо Шаҳубӣ. – Теҳрон, 1354. – 646 с. (на перс. яз.)

[103]. **Рустамов Ш.** Забон ва замон / Шарофиддин Рустамов. - Душанбе: Ирфон, 1981. -256 с.

[104]. **Салимов Н**. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XII) / Носирҷон Салимов – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 398с.

[105]. **Салимов Ю**. Насри ривоятии форсу тоҷик / Ю. Салимов. – Душанбе: Ирфон, 1986.-128 с.

[106]. **Сатторов А.** Нуқтаи пайванд (Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ) / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982.-240 с.

[107]. **Сатторов А.** Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ /Абдунабӣ Сатторов. – Душанбе: Дониш, 2014.

[108]. **Сафо Забеҳуллоҳ**. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷилди дувум. / Забеҳулоҳи Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1366.-1128 с. (ба забони форсӣ).

[109]. 106.**Сафо Забеҳуллоҳ.** Мухтасаре дар таърихи таҳаввули назму насри порсӣ / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон, 1332 (ба забони форсӣ).

[110]. 107. **Саъдиев С**. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1974.-166 с.

[111]. 108. **Саъдиев Садрӣ**. Мазмун ва шакли асари бадеӣ / Садрӣ Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1976.-24 с.

[112]. **Саъдиев С.** Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри XII / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1980.-176 с.

[113]. **Саидов Фозил**. Автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата филологических наук / Фозил Саидов. – Баку, 1955.-19 с.

[114]. 110а. **Саҷҷодӣ С.** Таъсири «Қуръон» бар назми форсӣ / С. Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Сипар, 1377. -1063 с.

[115]. **Сирус Баҳром**. Қофия дар назми тоҷик / Баҳром Сирус. – Сталинобод. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. 1955.-183 с.

[116]. **Сирус Баҳром**. Арӯзи тоҷик /Баҳром Сирус. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1963.-288 с.

[117]. **Словарь литературоведческих терминов.** – Москв а, 1974.-512 с.

[118]. **Сулаймонова Л.** Ҳаёт ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ / Лола Сулаймонова. – Душанбе: Дониш, 1973. – 116 с.

[119]. 115. **Табаров С**. Боз барои дуруст омӯхтани мероси адабӣ / С. Табаров // Ниг.: Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 160-173.

[120]. **Тилавов Б.** Зарбулмасалу мақолаҳои тоҷикӣ. Тадқиқи репертуари шифоҳии муосир / Бозор Тилавов. Душанбе: Дониш, 1989.-231 с.

[121]. **Тимофеев Л.Н**. Основы теории литературы / Л.Н. Тимофеев. – М.: 1976.-446 с.

[122]. **Тоиров У**. Касыда в персидско-таджикской классической литературе: автореф. дис… кан-а филол. наук /А. Тоиров. – Душанбе, 1990.-21 с.

[123]. **Тоиров Урватулло.** Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам / Урватулло Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 576 с.

[124]. **Тоиров У**. Қасида /У. Тоиров // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе: Сарредакцияи илмии Энциклопедияи миллии тоҷик. ч.3, 2004. – 524 с.

[125]. **Томашевский, Б.В**. Стилистика. – 2-е изд. Испр. Доп /Б.С.

Томашевский. – Ленинград: изд. ГЛУ, 1983.-288 с.
[126]. **Фарҳанги забони тоҷикӣ**, ҷилди II . – Москва: Советская энциклопедия. 1969. – 592 с.
[127]. **Фитрат А.** Сайфи Исфарангӣ / А. Фитрат // Раҳбари дониш, 1928, №3. – С.11-17 (ба форсӣ).
[128]. **Фозилов М**. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷилди 1 /М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1976.- 386 с.
[129]. **Фрай Р**. Наследие Ирана / Р. Фрай. – М., 1972. – 468 с.
[130]. **Фрейденберг О.М**. Поэтика сюжета и жанров / О.М. Фрейденберг. – Л.: Гос. лит. изд., 1936. – 454 с.
[131]. **Фурӯзонфар Бадеъуззамон.** Сухан ва суханварон / Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1350.-491 с.
[132]. **Хонларӣ Парвиз Нотил.** Тадқиқи иқтисодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии анвои ғазал / Парвиз Нотили Хонларӣ. –Теҳрон, 1334.
[133]. **Хуросонӣ Алии Муҳаммадӣ**. Дарёи шеъри адабиёти форс-тоҷик дар Мовароуннаҳр / Алии Муҳаммадии Хуросонӣ // Меҳру Муштарӣ: маҷ. мақолаҳо / - Душанбе: Адиб, 2010. – С. 285-293.
[134]. **Ҳодизода Р.** Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ /
[135]. Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966.-188 с.
[136]. **Ҳусейнзода Ш**. Баҳс ва андеша / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1964.-264 с.
[137]. **Шарифов Х.** Каломи бадеъ / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991.-160 с.
[138]. **Шарифов Х**. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Сино, 2002.-278 с.
[139]. **Шерозӣ ибни Юсуф.** Феҳристи китобхонаи мадрасаи олии Сипаҳсолор, ҷилди 2 / Ибни Юсуфи Шерозӣ. – Теҳрон, 1318-1321.- С. 314 (ба забони форсӣ).
[140]. **Эльберг Э.Я.** Основные проблемы в историческом освещении. Роды и

жанры / Э. Я. Эльберг // Теория литературы. – М., 1984.- С.6-17.

[141]. **Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.** Ҷилди 3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. - С. 80.

[142]. Catalogue of arabic persian hindustany manuscripts of the Libraries of the King of Oud – pp. 561-562.

[143]. **Charles Rieu.** Catalogue of the persian manuscripts in the Britich Musenm vol II 1891 pp/ 581 в.

[144]. **Dorn B.** Catalogue des manuscriptset xylographes orietaux de ta bihliothegue imperiale publigue de st. Peter-shorg 1852 p 330.

[145]. **Ethe.** Cataljgue of the persian manuscripts in the Library of the India office vol 1 oxford 1903-1937. p. 629-630.

[146]. **Mugtadir.** Catalogue of arabic and persian manuscripts in the Oriental pyblic Library at Banhipore. Persian poets Firdawsi to Hafis. Prepared by Maylavi Abdul Mugtadir. Calcutta the Bengal seretarial Book Dept 1908. pp. 85-86.

[147]. **Pertsch.** Verzeichnisd. Handsch – riften der Koniglichen Bidlothek zu Berlin 1986. s.782.

[148]. **Rieu.** Catalogue of the persian manuscripts in the British Musecum vol. II London. 1851.-p.581.

[149]. **Sprenger.** Catalogue of the arabic. persian and hundustany manuseripts. Calcutta. 1854. pp. 561-562.

**Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

**[1-М].**Рахматова О. Мавзӯю мундариҷаи қасоиди Сайфи Исфарангӣ/О. Раҳматова // Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ. –Қӯрғонтеппа, 2011, № 3. –С.48-51. ISSN 2074-7276

**[2-М].**Рахматова О. Мавқеи қасида дар эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ ( Место касиды (оды) в творчестве Сайфи Исфаранги) / О. Рахматова // Известия АН Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2015. - №4(240). с. 161-165.ISSN 2076-2569

**[3-М].**Раҳматова О. Ҳунари қасидасароии Сайфи Исфарангӣ./ маҷ. "Ҷавонон ва рушди илми муосир", №1, Қӯрғонтеппа, 2016 с. 206-215.

**[4-М].**Рахматова О. Сохти қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ( Структура касидов Сайфи Исфарангӣ) / О. Рахматова // Известия АН Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2016. - №2(242). с. 155-162.

**[5-М].**Раҳматова О. Шоири қасидасаро / О. Раҳматова // Ганҷи Исфара. Маҷаллаи адабӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ. № 8(22), августи 2016. –с. 6-8.

**[6-М].**Раҳматова О. Мазмунсозӣ ва маъниофаринӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ (Мастерство создания художественной мысли в касыдах(оды) Сайфа Исфаранги) / Рахматова О./ Номаи донишгоҳ.-Хуҷанд. Нури маърифат. 2017.№2(51) -с.132-138.ISSN 2077-4990

**[7-М].**Раҳматова О. Тасвири табиат дар тағаззулоти қасоиди Сайфи Исфарангӣ (Отоброжение природы в касыдах Сайфа Исфаранги) /Рахматова О./Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Душанбе.2017 №4/4, с.283-285.ISSN 2413-516X

**[8-М].**Раҳматова О.Қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ва маҳорати маъниофарии шоир дар онҳо.Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе.2018 №1(73), с.178-185.ISSN 2219-540